**АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ КИШОВАРЗИИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ЧОРВОДОРӢ ВА ЧАРОГОҲ**

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

**УДК: 636.2 (575-3)**
**ББК 43.0 (2 тадж)**
**И -32**

**ИЗАТУЛОЕВ САФАРАЛИ**

# РУШДУ ИНКИШОФ ВА МАҲСУЛНОКИИ БУҚҚАЧАҲОИ ГЕНОТИПАШОН ГУНОГУН ДАР ШАРОИТИ ПАРВАРИШИ ЧАРОГОҲӢ

## ДИССЕРТАТСИЯ

оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ

аз рӯйи ихтисоси 4.2.2 - Зотпарварӣ, селексия
ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои кишоварзӣ
Иргашев Т.А.

**Душанбе - 2025**

**МУНДАРИҶА**

Сарсаҳифа

Номгӯи ихтисорҳо, аломатҳои шартӣ....................................................................4

МУҚАДДИМА..........................................................................................................5

**БОБИ 1**. ШАРҲИ АДАБИЁТ...................................................................................13

1.1. Дурагакунӣ яке аз усулҳои баланд бардоштани маҳсулнокии ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ......................................................................13

1.2. Истифодаи технологияи интенсивӣ дар зиёд намудани истеҳоли гӯшти гов ..............................................................................................19

1.3. Минтақаҳо, навъҳои асосӣ ва тавсифи мухтасари растаниҳои чарогоҳӣ......................................................................................................27

**БОБОИ 2.** МАВОД ВА МЕТОДИКАИ ТАДҚИҚОТ.............................33

2.1. Шароити табиӣ ва иқлимии минтақаи гузаронидани корҳои тадқиқотӣ..................................................................................................33

2.2. Мавод ва усулҳои тадқиқот.................................................................35

**БОБИ 3.** НАТИҶАҲОИ ТАДҚИҚОТ.....................................................38

3.1. Ба вуҷуд овардани типи нави чорвои сергӯшти тоҷикӣ....................38

3.2. Баҳодиҳии (апробатсияи) типи чорвои калони сергӯшти тоҷикӣ..................................................................................................... 40

3.3. Шароити хӯронидан ва парвариши буққачаҳо..................................45

3.4. Хусусиятҳои афзоиш ва рушди буққачаҳо дар давраи парвариш.....................................................................................................48

3.4.1. Вазни зиндаи буққачаҳои генотипҳои гуногун..............................50

3.5. Рушд ва афзоиши буққачаҳои генотипҳои гуногун.........................54

3.6. Нишондиҳандаҳои гематологии хуни буққачаҳо.............................57

3.6.1. Нишондиҳандаҳои морфологии хуни буққачаҳо...........................58

3.6.2. Нишондиҳандаҳои биохимиявии хуни буққачаҳо.........................63

3.7. Системаи парвариши буққачаҳо дар чарогоҳҳои тобистонаи баландкӯҳ...................................................................................................64

3.8. Маҳсулнокии гӯштии буққачаҳо, таркиби морфологии

тана ва қисмҳои он........................................................................................68
3.8.1. Нишондиҳандаҳои забҳи назоратии буққачаҳо............................68
3.8.2. Арзёбии муқоисавии сифати гӯшт, равған ва
мушаки дарозтарини пушт.................................................................76
3.8.3. Арзиши энергетикии маҳсулоти асосии гӯштӣ................................82
3.8.4 Баромад ва рушди узвҳои дохилии буққачаҳо.................................85
3.9. Нишондиҳандаҳои миқдорию сифатии пӯст ва чарми тайёри буққачаҳо.......................................................................................................87
3.9.1 Баҳодиҳии муқоисавии пӯсти буққачаҳои генотипҳои гуногун......87
3.9.2. Хусусиятҳои молию технологии пӯсти тайёр.................................94
3.9.3. Таркиби химиявии чарми буққачаҳо бо технологияи
коркарди хромӣ ва сурхи дубӣ..............................................................97
3.9. 4. Хусусиятҳои физикӣ ва механикии чарм дар вақти коркард
барои чарми хромӣ ва падоши сурхи дубӣ..............................................99
3.10. Хусусиятҳои этиологии буққачаҳои генотипҳои гуногун
дар шароити кӯҳистон.........................................................................101
3.11. Хусусиятҳои физиологии буққачаҳои генотипҳои
гуногун...................................................................................................104
**БОБИ 4.** Натиҷаҳои таҷрибавии истеҳсоли..............................................110
3.12. Натиҷаҳои таҷрибаҳои истеҳсолӣ...............................................110
3.13. Самаранокии иқтисодии парвариши буққачаҳо дар шароити
чарогоҳ...................................................................................................111
**БОБИ 5.** Таҳлили натиҷаҳои тадқиқот............................................... 117
Хулосаҳо...................................................................................................126
Тавсияҳо оид ба татбиқи амалии натиҷаҳои тадқиқот..........................128
Руйхати адабиёти истифодашуда...........................................................129
Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия...............................................147
Замима.....................................................................................................149

## Рӯйхати ихтисорот ва аломатҳо

1. КОА – Комиссияи олии аттестатсионӣ.

2.ИУТИСГ — Институти умумироссиягии тадқиқоти илмии саноати гӯшт.

3. РБД – Рақами бақайдгирии давлатӣ.

4. ФР – Федератсияи Русия.

5. АИКТ – Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон.

6. ДАТ – Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон.

7. ИУТИЧ — Институти умумироссиягии тадқиқоти илмии чорводорӣ.

8. КҶ – килоҷоуль.

9. МТФДБ ТО – Муассисаи таълимии федералии давлатии буҷетии таҳсилоти олӣ.

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи тадқиқот.** Таъмини амнияти озуқавории аҳолии кишвар, вазифаи муҳими олимон ва мутахассисони соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Истеҳсоли озуқаворӣ сарфи назар аз системаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва шаклҳои моликият барои ҳар як мамлакат шарти муҳимтарини фаолияти ҳаёти инсон буд ва мемонад. Говпарварӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ соҳаи пешбари чорводорӣ ба шумор рафта талаботи аҳолиро бо шир ва гӯшт таъмин менамояд.

Дар натиҷаи ислоҳоти дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон гузаронида шудааст ва дигаргуниҳои, ки ба амал омадааст бозори истеъмолии маҳсулоти муайяни озуқаворӣ хеле ғанӣ гардонида бошад ҳам, дар масъалаи бо ширу гӯшт ба қадри кофӣ таъмин намудани аҳолӣ камбудиҳо вуҷуд доранд.

Бояд гуфт, ки чорводорӣ манбаи асосии истеҳсоли шир ва гӯшт мебошад. Ин маҳсулот аз ҳисоби парвариши чорвои зотҳои ширдеҳ, ширу гӯштдеҳ ва гӯштӣ истеҳсол карда мешавад.

Масалан, зоти қазоқии сарсафед дар тараққӣ додани чорводории гӯштии Тоҷикистон аҳамияти калон бозид. Ин зоти чорво аз сабаби маҳсулнокии баланди гӯштӣ ва тобовар буданаш ба шароити хоси иқлимии мамлакатҳои Осиёи Миёна, инчунин дар Ҷумҳурии Қазоқистон ва Федератсияи Руссия низ паҳн шудааст. Солҳои охир зоти қазоқии сарсафед аз рӯи хусусиятҳои асосии иқтисодию биологие, ки самаранокии парвариши онро муайян мекунанд, бо усули селекция ва селекцияи дохилизотӣ гузаронида мешавад.

Дар солҳои охир, корҳои селексионӣ бо зоти қазоқии сафед тавассути интихоб ва ҷуфткунонии дохилизотӣ аз рӯи хусусиятҳои асосии хоҷагидорию биологӣ, ки самаранокии парвариши онро муайян мекунад гузаронида шуда исодааст.

Дар Тоҷикистон дар баробари парвариши чорвои зотӣ қазоқии сарсафед барои баланд бардоштани маҳсулнокии гӯштӣ чорвои зебуи

маҳаллӣ бо истифода аз букқаҳои зотии қазоқӣ тадқиқотҳо гузаронда шудааст, ки дар натиҷаи он дар минтақаҳои кӯҳсор подаҳои махсусгардонидашуда ба вуҷуд оварда шудааст, ки бо як қатор хислатҳои биологӣ ва иқтисодӣ аз авлодҳои худ фарқ мекунад

. Ин дастоварди селексионӣ аз ҷониби комиссияи апробатсионии Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардида, бо қарори машваратии Вазорат таҳти унвони «Чорвои сергӯшти типи тоҷикӣ» (№1/2 аз 15 апрели соли 2023) тасдиқ шудааст.

Бинобар, ин дастоварди селексионӣ зарурияти гузарондани тадқиқотҳои комплексӣ оид ба омӯхтани хусусиятҳои биологию хоҷагидории типи тоҷикии чорвои гуштӣ ба миён омад, ки мубрамии корри мазкурро муайян намудааст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.**

Дар айни замон, ҳам дар Тоҷикистон ва ҳам дар дигар кишварҳо дар минтақаҳои парвариши зоти қазоқии сафеди тадқиқотҳо сершумор оид ба омӯзиши хусусиятҳои хоҷагидорию биологии онҳо, аз ҷумла нишондиҳандаҳои афзоиш ва инкишоф, мутобиқшавӣ, сифатҳои фарбеҳкунӣ, қобилияти коркарди хӯроки чорво ба маҳсулот ва маҳсулнокии гӯштӣ гузаронида шудаанд Т.А. Иргашев [57, с. 41-46], [60, с. 231-233], Х.Х. Тагиров [122, с. 108-111] В.И. Косилов [83, с. 204-206] ва диг.

Аз ин лиҳоз В.И., Косилов [74 с. 16-19] қайд мекунад, ки парвариши чорвои гӯштӣ дар Тоҷикистон, ки як қатор хусусиятҳои хоси худро дорад,чунoники ин соҳа пеш аз ҳама аз ҳисоби парвариши зотҳои махсусгардонидашудаи гӯштӣ - зотоҳи қалмиқӣ, қазоқии сарсафед, абердин ангусс, герефордӣ ва дурагаҳои онҳо рушд мекунад. Минтақаҳои парвариши чорвои гӯштӣ асосан дар ноҳияҳои доманакӯҳҳо ва кӯҳии ҷумҳурӣ ба шумормеравад. Чорводории ин ноҳияҳо ба истифодаи захираҳои табиии хӯроки чорво ва асосан аз растаниҳои чарогоҳ вобаста

аст. Ҳамаи ин омилҳо  ба истеҳсоли гӯшти нисбатан арзон ва аз ҷиҳати экологӣ тоза мусоидат мекунад.

Дар Тоҷикистон парвариши чорвои зоти қазоқии сарсафед аз соли 1958 сар оғоз шуда буд. Натиҷаҳои тадқиқотҳо нишон доданд, ки ин зот аз давраи ворид намудан ва парвариш карданаш ба шароити кӯҳсори Тоҷикистонхело хуб мутобиқ шудааст.

Тавассути тадқиқотҳои гузаронидашудаи мақсаднок системаи самарабахши парвариши чорвои гӯштии аз хориҷа овардаи зотҳои гуногун кор карда баромада шудааст. Ин имконият дод, ки потенциали генетикии чорвои тозаи гӯштӣ оқилона истифода бурда, типҳои нави чорво ба вуҷуд оварда шавад.

Ин имкон дод, ки потенсиали генетикии чорвои гӯштӣ "дар шакли холис" оқилона истифода гардида, типҳои нави онҳо ба вуҷуд оварда шаванд.

**Робитаи тадқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ.** Тадқиқотҳои илмӣ дар асосӣ барномаи илмию тадқиқотии шуъбаи селекция ва технологияи чорвои гӯштии Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон «Таҳияи асосҳои илмию амалии ташкили базаҳои чорводории гӯштӣ дар шароити нави хоҷагидорӣ» № ГР 0106ТЗ 00553, № ГР 0106ТЗ 00553 ва мувофиқи мавзӯи тасдиқшудаи рисолаи номзадӣ дар мавзӯи «Рушду инкишоф ва маҳсулнокии буққачаҳои генотипашон гуногун дар шароити парвариши чарогоҳӣ», ки бо қарори Шӯрои олимони Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон аз 29 июни соли 2018, протоколи №6 тасдиқ гардидааст  гузаронда шудааст.

## Тавсифи умумии тадқиқот

**Мақсади тадқиқот.** Мақсади тадқиқоти мазукр омӯзиши муқоисавии хусусиятҳои генотипӣ ва фенотипии чорвои типи сергӯшти тоҷикӣ ва дурагакунии онҳо бо чорвои  беҳгардонидашудаи зебуи маҳаллӣ дар шароити парвариши кӯҳӣ ва чарогоҳҳо  мебошад.

**Вазифаҳои тадқиқот:**

- муайян кардани динамикаи афзоиш ва инкишофи буққачаҳои генотипҳои гуногун вобаста ба синну сол ва шароити нигоҳдорӣ;

- омӯзиши қобилияти фарбеҳшавӣ, нишондиҳандаҳои миқдорию сифатии маҳсулнокии гӯшти буққачаҳо;

- хусусиятҳои морфофизиологии ҷавонаҳо ва сифати пӯсти буққачаҳои генотипҳои гуногун;

- муайян намудани самаранокии иқтисодии парвариши буққачаҳои зотӣ ва дурагаҳо дар шароити нигоҳдорӣ дар чарогоҳҳо;

**Объекти тадқиқот.** Объекти тадқиқот чорвои гӯштии генотипҳои гуногун: чорвои зебуи маҳаллӣ, типи тоҷикии сергӯшт ва дурагаҳои онҳо мебошанд, ки дар давоми сол дар шароити чарогоҳҳои хоҷагиҳои доманакӯҳи ноҳияи Темурмалики вилояти Хатлон парвариш карда мешаванд.

**Мавзуи (предмет) тадқиқот.** Парвариши чорвои типи сергӯштии тоҷикӣ ва дурагаҳои онҳо бо чорвои зебуи маҳаллӣ дар тамоми фаслҳои сол дар чарогоҳҳо.

**Нововарии илмии тадқиқот.**

Корҳои илмию тадқиқотӣ дар шароити чарогоҳҳои кӯҳии дар буққачаҳои типи тоҷикии чорвои сергӯшт ва дурагаҳои онҳо бо чорвои зебумонанди маҳалӣ гузаронида шуданд, ки дар натиҷа хусусиятҳои афзоиш ва инкишоф, маҳсулнокии гӯштӣ, сифати пӯст, нишондиҳандаҳои морфофизиологии бадан вобаста ба тағйирёбии синну сол муайян карда шудаанд ва дар ин асос системаи истифодаи самарабахши дурагакунии дохилизотӣ ва саноатиро дар шароити парвариши чорво дар тӯли сол чарогоҳҳо муайян карда шуд.

**Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии тадқиқот.** Аз нигоҳи назариявӣ, натиҷаҳои тадқиқот заминаеро барои васеъ кардани дониш дар бораи имконияти усулҳои селексионӣ дар самти дурагакунии дар доираи дохили зот ва саноатӣ мебошад ва аз нигоҳи амалӣ, онҳо имкон медиҳанд,

ки истеҳсоли гӯшт бо истифодаи оқилонаи захираҳои чарогоҳҳои табиӣ афзоиш ёбад.

**Нуқтаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд.**

1. Дар тадқиқотҳо нишондиҳандаҳои афзоиш ва инкишофи буққачаҳои генотипҳои гуногун баррасӣ шуда, арзиши биологию хоҷагидории онҳо тавсиф карда шудааст;

2. Маҳсулнокии гӯштӣ, нишондиҳандаҳои сифатии он ва сифати технологии пӯсти буққачаҳои генотипҳои гуногун муайян карда шуданд;

3. Дар асоси таҷрибаҳои гузаронидашуда самаранокии иқтисодии парвариши буққачаҳои генотипҳои гуногун барои истеҳсоли гӯшт муайян карда шудааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия.**

Эътимоднокии натиҷаҳои ба даст овардашуда ба мазмуни тадқиқот, хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия асос ёфта, бо саршумори кофии чорво барои баҳодиҳии объективии натиҷаҳо бо усули коркарди статистикии маводҳо тасдиқ карда мешавад.

Тадқиқотҳо дар саршумори чорвои басанда гузаронида шудаст. Эътимоднокии он бо натиҷаҳои тадқиқотҳои гузаронидашуда ва маълумоти рақамии бадастомада, инчунин бо коркарди оморӣ бо истифода аз ҷадвалӣ Стюдент тасдиқ карда мешавад.

Дар асоси ин натиҷаҳо, нишондиҳандаҳои зерин ҳисоб карда шуданд: тағйирёбии миёнаи арифметикӣ (+- Shx), квадрати миёнаи реша (+- Shx) ва сатҳи боэътимоднокӣ (P).

**Ба шиносномаи ихтисос мувофиқ будани диссертатсия.**

Рисола ба шиносномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯи ихтисоси 4.2.2 -Зотпарварӣ, селексия ва генетикаи ҳайвоноти кишоварзӣ мувофиқ мебошад. Ҳамчунон ба бандҳои зерин мувофиқат мекунад:

б.1. Беҳтар намудани зотҳо, намудҳо, навъҳо, зотҳо ва зотҳои мавҷудаи ҳайвоноти кишоварзӣ;

б.2. Такмили усулҳои мавҷуда ва кор карда баромадани усулҳои нави селексия, баҳодиҳии зотпарварӣ ва сифатҳои маҳсулнокии ҳайвоноти кишоварзӣ;

б.3. Самаранокии усулҳои гуногуни селексия барои зотпарварӣ ва зотӣ;

б.5. Баҳодиҳии хусусиятҳои берунӣ-конститутсионӣ ва ботинии ҳайвонот ва истифодаи нишондиҳандаҳои онҳо дар кори зотпарварӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар тадқиқот.** Муаллиф сарчашмаҳои илмиро оид ба мавъзӯ ҷустуҷӯ ва таҳлил намуда, мустақилона барномаи илмии тадқиқот ва усулҳои иҷроиши онро тартиб дода, гурӯҳҳои таҷрибавии чорворо ташкил намудааст, нишондиҳандаҳои зоотехникӣ, физиологӣ ва гематологӣ, нишондиҳандаҳои морфологӣ ва гистологӣ, хосиятҳои технологии пӯст, самаранокии иқтисодии натиҷаҳои тадқиқот ва коркарди омории маълумотҳои бадастовардашудаҷро омӯхтаст ва пешниҳод кардааст.

Натиҷаҳои бадастовардашуда дар нашрияҳо, рисола ва рефератҳо инъикос ёфтаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳоидиссертатсия.** Мундариҷа ва маводҳои асосии тадқиқот дар:

- Ҷаласаҳои Шӯрои олимони Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (Душанбе, 2018-2022);

- Ҷаласаҳои солонаи АИКТ, конфронсҳои илмию амалии олимони ҷавони АИКТ (2018-2021);

- Конфронси байналмилалии илмӣ-амалии «Интегратсияи илм ва амалия ҳамчун шарти таъмини амнияти озуқаворӣ» (Луганск, Украина, 2019);

- Конфронси IV умумироссиягии илмию амалии «Нақши илми кишоварзӣ дар рушди хоҷагии ҷангал ва кишоварзии Шарқи Дур» (Уссурийск, 2020);

-Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Дастрасӣ ба биохимияи муосир дар Тоҷикистон» (Душанбе, 2020);

-Конфронси VIII байналмилалии илмию амалии «Вазъият ва дурнамои зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти хушсифати кишоварзӣ» (Донишгоҳи давлатии аграрии Бошқирдистон, Томск), Донишкадаи кишоварзии Новосибирск: IC NSAU «Хушаи тиллоӣ» - 2020);

-Конфронси байналмилалии илмӣ-амалӣ: «Саноати аграрӣ ва истеҳсолот: вазъият ва дурнамои рушд» (Душанбе, 2021);

-Конфронси IV байналмилалии илмӣ (Новосибирск, Федератсияи Русия, 2021);

-Конференсия оид ба паррандапарварӣ ва аспарварии Институти чорводорӣ ва чарогоҳҳои Донишкадаи технологияи кишоварзӣ (Душанбе, 2022);

-Конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бо иштироки олимони хориҷӣ бахшида ба 85-солагии зодрӯзи академик Сафаров Ҳ.М. Донишгоҳи миллии Тоҷикистон «Мушкилоти мутобиқшавии бадани инсон ва ҳайвонот ба таъсири омилҳои гуногуни муҳити зист» (Душанбе, 2022);

-Дар маводи маҷмӯавии конфронси «Комёбиҳои илмӣ дар технологияҳои инноватсионии чорводорӣ» (Душанбе, 2022);

-Дар ҷаласаи васеи шӯъбаи шӯъбаи селексия ва технологияи говҳои гӯштӣ, қӯтоспарварӣ ва аспарварии Институти чорводорӣ ва чарогоҳи Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (Душанбе, 2023).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мӯҳтавои диссертатсия Аз рӯи натиҷаҳои тадқиқот 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои пешбари тақризии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, як монография

дар ҳаҷми 304 саҳифа ва як тавсиянома дар ҳаҷми 24 саҳифа ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертация**.

Диссертатсия аз 150 саҳифаи матни компютерӣ иборат аст. Он аз муқаддима, баррасии адабиёт, бобҳои мавод ва усулҳои тадқиқот, натиҷаҳои тадқиқот, муҳокимаи натиҷаҳои тадқиқот ва хулосаву тавсияҳо, рӯйхати адабиёт низ бо номгӯи 141 истиноди иборат аст дохил карда шудааст. Рисола инчунин 45 ҷадвал ва 12 расмро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. ШАРҲИ АДАБИЁТ

## 1.1. Дурагакунӣ яке аз усулҳои баланд бардоштани маҳсулнокии ҳайвоноти хоҷагии қишлоқ

Роҳи муҳими зиёд намудани захираҳои гӯштӣ, тараққӣ додани чорводории махсуси гӯштӣ ба шумор меравад. Рушди соҳа бояд аз рӯи ташкили подаҳои дурага дар асоси ба таври саноатӣ ҷуфтикунонии модаговҳои зоти ширдеҳ ва ширдеҳу гӯштӣ бо истеҳсолкунандагони зоти гӯштӣ суръат гирад Т.А Иргашев [54, с. 114-117], Ф.Г. Қаюмов [73, с. 23], [70, с. 11-13]. [71, с. 4-6], [72, с. 23 ], [74, с. 216].

Аз нуқтаи назари биологӣ таъсири ҷуфтикунонӣ ба гетерогении маҷмӯи генҳои зотҳои ҷуфтшуда асос ёфта, насли бавуҷудомада ва сифатҳои ирсии онҳо бой мегарданд. Чорвои дурага аз ҷиҳати хусусиятҳо гуногун буда, бо хусусиятҳои ба насл гузаштан камтар тобоваранд, аммо мубодилаи моддаҳои ғизоияшон баландтар буда, хӯрокро беҳтар ҳазм мекунанд В.Л. Владимиров. [20, с. 26] Дурагаҳои насли якум аз ҷиҳати вазни зинда, хароҷоти хӯрока, аз рӯи афзоиш ва маҳсули забҳ аз зоти аслии волидайн бартарӣ доранд. Аммо дараҷаи бартарӣ аз хусусиятҳои генетикии зотҳо ва шароити парвариши насли дурага вобаста аст

Мувофиқи мушоҳидаҳои як қатор муаллифон Е.Н. Доротюк [43, с. 18-20], Ф.Ф. Латипов [90, с. 20] агар дар натиҷаи хостагирии байнизотӣ азхудкунии сан[оатӣ дар натиҷаи селексияи зотҳо ба амал омада бошад, пас маҳсулнокии чорвои гибриди зиёд мешавад. Насли бадастовардашуда ба шароити маҳал мутобиқ шуда, сифатҳои хуби технологӣ дорад, ки ин барои истеҳсоли саноатии гӯшти гов аҳамияти калон дорад.

Дар чорвои дурага равандҳои мубодилаи моддаҳо, мубодилаи газ ва ҳазмшавии хӯрока бо нишондоди баландтар ифода карда шуда, баъзе узвҳо ва бофтаҳо хуб фаъолият менамоянд, ки ин аз афзоиши қобилияти мутобиқшавии чорвои дурагашуда шаҳодат медиҳад ва ҳамчун зуҳуроти самараноки дурагакунӣ ҳисобида мешавад А.В. Вил [19, с. 18-20], [Н.Н. Усолкина [133, с. 33-41], Л.А. Гилмияров [33, с. 15-19], Х.Х. Тагиров [127,

с. 81-83,], Т А Иргашев [57, с. 41-46], Х.Х. Тагиров [125, с. 62-67], И.И. Мамаев [100, с. 2-4 ], В.И. Косилов [75, с. 112-115], Д.М Ахмедов [5, с. 101-105] , С. С Жаймышева [50, с. 76-79 ].

Е. Г. Емельянов [48, с. 2-4] ва дигарон қайд кардаанд, ки чорвои дурага нисбат ба чорвои тозазот дар вақти таваллуд ҳаҷми калони тана дошта, дар ҳолати парвариши интесивӣ ва фарбеҳкунӣ хусусияти баланди зудкалоншавӣ дошта, хӯрокаро самаранок истифода мебаранд.

Чӣ тавре Д. В. Карликов [68, с. 5-9], В.И. Косилов [79, с. 48] қайд кардаанд, чорвои дурага нисбат ба чорвои тозазот бо баланд шудани дараҷаи хӯрокдиҳӣ имконияти бештари ба амал баровардани потенсиали генетикии маҳсулнокӣ дошта, аз ҳисоби беҳтар истифода бурдани хӯрока то замони ба фурӯш баровардан, аз ҷиҳати вазни зинда ва маҳсули забҳ аз ҳамсолони худ фарқ мекунанд Б.А. Багрий [7, с. 115], В. И. Левахин [95, с. 3-9 ].

Ҷавонаҳои дурагашуда дар муқоиса бо ҳамсолони зоти модарӣ беҳтар афзоиш меёбанд.

Тадқиқоти А.Г. Ирсултонов [66, с. 31-33 ] муайян менамояд, ки вазни зиндаи чорвои зоти даштии сурх дар синни 17-моҳагӣ ба 490,0 кг, дурагаи шарола×дашти сурх ба 543,0 кг, лимузин×дашти сурх ба 540,0 кг, киан х дашти сурх ба 543,0 кг, санта гертруда×дашти сурх ба 531,6 килограмм мерасад. Вазни тана ва баромади гӯшт мутаносибан 261,7 килограмм ё 59,8%; 323,7 килограмм ё 62,1%; 311,7 килограмм ё 64,0%; 309,4 килограмм ё 63,1%; 293,4 килограмм ё 60,6%-ро ташкил дод.

Ҳангоми дурагакунии чорвои зоти сиёҳало бо зотҳои симменталӣ ва зоти қазоқии сарсафед суръати афзоиши ҷавонаҳо 7,6 ва 4,0%, вазни танаи навзабҳшуда 21,0 ва 4,0 килограмм, маҳсулнокии гӯшти тоза ба андозаи 7,6% расида, мутаносибан 1,1 ва 1 ,5% зиёд мешавад Г.Л. Зайкин [52, с. 152-154], Ф.Ф. Латипов [90, с.20].

Дар давраи омӯзиши фаъолиятнокии нашъунамои ҷавонаҳои чорвои генотипҳои гуногун маълум гардид, ки дар синни 18 -моҳагӣ вазни зиндаи буққачаҳо ва ахтакардашудаи зоти қазоқии сарсафед ба ]481,5

килограмм, симменталӣ ба 509,2 килограмм, шортгорн ба 542,7 килограмм, дурагаи симменталӣ × қазоқии сарсафед ба 539,0 кг ва шароле × қазоқӣ ба 562,4 кг расид С.Б. Логинов [100, с. 28-29], [101, с. 28-29].

Д.В. Карлико [68, с. 5-9], [69, с. 21-27] чунин мешуморанд, ки чорвои зотии сиёҳало бояд барои истифода бурдани онҳо дар дурагакунии саноатӣ дар чорводории тиҷоратӣ, нигоҳ дошта шаванд. Ин аз он сабаб аст, ки бо голштинҳо ҷуфтикунии чорвои сиёҳало барои аз худ намудани типи нав ва бо роҳи азхудкунӣ, беҳтар намудани он натиҷаҳои гуногун дод.

Натиҷаҳои тадқиқот бартарии нишондодҳоро дар маҳсулнокии гӯштии дурагаҳои голштинизатсияшуда нишон доданд. Дар давраи парвариш аз рӯзи таваллуд то 18-моҳагӣ ба дурагаҳои хуни гуногундошта бо хусусияти вазнафзункунии зиёди вазни зинда хос буда, дурагаҳои гуногунхун -голштин х швид ва голштин х сиёҳалои бо афзоиши миёнаи шабонарӯзии вазни зиндаашон аз чорвои зоти аслӣ 4,9-11,1 % зиёд буд. Муқарар карда шудааст, ки зиёд шудани вазни зиндаи чорвои дурага, аз ҳисоби зиёд шудани хуннокӣ нисбат ба чорвои зоти голштинӣ вобаста аст Т. Торчков [129, с. 8-9].

Ҳангоми таҳқиқи муқоисавии самаранокии ҷуфтикунии модаговҳои зоти даштии сурх ва сиёҳало бо зоти голштинӣ муайян карда шудааст, ки дар вазнафзункунии миёнаи шабонарӯзӣ вазни зиндаи буққачаҳои зоти даштии сурх, дар давоми 18 моҳ - 807 грамм ва ҳамсолони дурагаи онҳо - 862 грамм ва ё 6,8 фоиз зиёд, дар зоти сиёҳало ва дурагаҳо, мутаносибан, 877 ва 934 граммро ташкил дод. Аз ҷиҳати вазни тана буққачаҳои дурага аз ҳамсолони тозазоти модарӣ 20,5 ва 18,5 килограмм, аз рӯи маҳсулнокии гӯштӣ 1,5-1,0% зиёд буданд.

Муайян карда шудааст, ки зиёд шудани ширдеҳии ғуноҷинҳои зоиши якуми зоти голштинӣ нисбат ба зоти сиёҳало 582 кг (18,4%; $P<0,05$), ва нисбат ба зоти бестужевӣ 550 кг (18,0%; $P<0,01$) бартарӣ доштанд. Ба фикри ӯ, маҳсулнокии баланди шири дурагаҳо ба фаъолияти баланд ва устувори ширдеҳӣ вобаста буда, ҳамзамон онҳо аз ҷиҳати фаъолнокии

ширҷӯшӣ низ аз ҳамсолони худ бартарӣ доштанд. Натиҷаҳои таҷрибаи ӯ бо нишондодҳои тадқиқотии сершумор мутобиқат менамоянд А.С. Алентаев [1, с. 429-432], Л.А. Танана [128, с. 204-207] ва дигарон.

Аз рӯи маълумо гардид, ки тамоюли камшавии вазни зиндаи дуратҳои А. Шилов [140, с. 25-26] муайянгаҳо ва нишондиҳандаҳои забҳи онҳо аз хуни зоти голштинӣ ва симменталӣ вобастаанд.

Ба ақидаи як қатор муаллифони хориҷӣ, ҷуфтикунонии чорвои сиёҳало бо буққаҳои голштинӣ боиси зиёд шудани шир, беҳтар шудани сифати он, намуди берунӣ ва шакли сина мегардад.

Дар зотпарварии амалӣ ҷуфтикунонии буққаҳои голштинӣ бо модаговҳои сиёҳало нуқсонҳои норасоии ба зотҳои «тоза» хосро бартараф намуда, генофонди дигарро бой ва тағйир дода, имкониятҳои нав барои интихоб муҳаё менамояд. Ин тағйиротҳо дар асоси падидаи гетерозис асос ёфтаанд В.Н. Важенин [18, с. 694].

Г.В. Побокова [111, с. 162] дар шароити вилояти Волгогради ФР муайян намуд, ки чорвое, ки 75% хуни голштинӣ ва 25% зоти сиёҳалоро дорад, нисбат ба ҳамсолоне, ки 87,5% хуни голштинӣ ва 12,5% сиёҳало доранд, бартарӣ доштанд.

Чунин натиҷаҳо низ дар хоҷагии таълимии «Донское»-и Университети давлатии аграрии Дон-и вилояти Ростов ба даст омадааст. Фаъолияти пурқувват ва устувортарини ширдиҳӣ дар чорво, ки хуни 3/4 ва 7/8 голштинӣ дошта буд, таалуқ дорад. Модаговҳое, ки миқдори хунашон 1/4-ро ташкил медиҳад, ширдиҳии баланд, вале ноустувор дошта суръати онҳо зуд паст мешавад. Авҷи ширдӯшии модаговҳо 3 моҳро ташкил дода, баъд дараҷаи ширдӯшии онҳо хеле паст мегардад ва дар натиҷа маҳсклнокии шир назар ба ҳамсолонашон ба миқдори 8-9 фоиз кам шуда, 4147 килограммро ташкил медиҳад. Аз ҷиҳати фоиданок будани мӯҳлати ширдиҳӣ ва коэффитсиенти якхелаи ширдӯшӣ чорвое, ки бештар хуни зоти голштинӣ доранд, афзалтар дониста шуданд.

Н. Г. Фенченко [135, с. 200] далел меоранд, ки дар байни дурагаҳо бо зиёд шудани миқдори хуни голштинӣ, мутаносибан маҳсулнокии ширӣ

зиёд мегардад. Шири говҳои хуннокиашон 7/8 нисбат ба шири говҳои хуннокиашон 3/4 ширдӯшӣ ба миқдори 8,6 фоиз зиёд шуд.

Дар тадқиқоти муайян карда шудааст, ки зиёд шудани таносуби хуннокии зоти сиёҳало то 3/8 нисбат ба зоти голштинӣ ба дараҷаи маҳсулнокии шири дурагаҳо таъсири мусбат расонд. Нишондиҳандаҳои доимии ширдеҳӣ дар онҳо 93,6 фоизро ташкил дод, ки ин аз устувории ширдӯшӣ гувоҳӣ медиҳад. Аммо бо зиёд шудани хуннокии онҳо (7/8) миқдори шир нисбатан кам гардид.

З. Сабанчиев [118, с. 8-10] қайд кардаанд, ки дар натиҷаи зиёд шудани таносуби хуни голштинӣ, миқдори маҳсулнокии гӯшти буққачаҳо зиёд мегардад. Вазни забҳи чорвои сиёҳалои хуннокиаш ½ × голштин ½ буда 237 кг-ро ташкил намуд, ё нисбат ба ҳамсолони зоти сиёҳало 5,2% зиёдтар буд, аммо нисбат ба ҳамсолони хуннокиашон ¾ голштини дошта 1,5% камтар буд.

Дар таҷрибаҳои маҳсулнокии баландтаринро духтарони говҳои зоти дорои миқдори 62,5 ва 100% дар хуни голштин нишон доданд. Маҳсулнокии шири онҳо мутаносибан 3793 ва 3727 килограмм, равғаннокии шир 3,76 ва 3,77 фоиз, миқдори равғани шир дар гурӯҳи I - 142,6; дар гурӯҳи II - 140,5 килограммро ташкил дод.

Духтарони говҳои хуни голштини дошта аз рӯзи таваллуд то 25 фоиз 3482 килограмм шир бо равғаннокии 3,68 фоиз, яъне аз рӯи равғани шир 128,1 килограммро ташкил медиҳад.

А.Г. Слюсар [120, с. 84-85 ] чорвои бо генотипи хуннокиаш 1/2 доштаи зоти голштиниро аз ҷиҳати маҳсулнокии ширӣ беҳтарин ва дар интихоби минбаъда ояндадор мешуморад.

Дар тадқиқотҳои Л.Н. Никифорова [108, с. 408 - 411] маълум гардид, ки ҳангоми зиёд шудани хуннокии чорвои зоти голштинӣ аз 1/2 то 3/4 миқдори шири онҳо зиёд гардидааст.

Л.А. Танана [128, с. 204-207] нишон доданд, ки чорвои дорои таносуби хуннокиаш 5/8-3/4 буда, бо маҳсулнокии зиёди ширӣ аз дигар чорво фарқ дошт.

Н.М. Костомахина [86, с. 25-28], чунин мешуморад, ки гарчанде дурагаҳои голштинизатсияшуда бо маҳсулнокии баланди ширӣ фарқ мекунанд, онҳо механизми мутобиқшавии суст доранд, ки ин боиси беморшавӣ гардида, самаранокии иқтисодии истифодаи чорворо паст мегардонад.

Сарфи назар аз натиҷаҳои зиёди мусбати голштиникунонӣ, ҳодисаҳои паст шудани дараҷаи наслдиҳӣ мушоҳида карда шуданд, ки ин бо зиёд шудани миқдори мушкилиҳо дар давраи гӯсолагирӣ ва зиёд шудани фавти гӯсолаҳо шарҳ дода мешавад. Ин ҳолат хусусан ба он чорвои хонагӣ ва хоҷагиҳои чорводорӣ, ки барои ҷорӣ намудани зоти голштинӣ пеш мераванд, дахл дорад А.В. Бакай., [9, с. 4-5], И.И. Дунин [46, с. 2-5].

Дар вақтҳои охир диққати селексионеронро зотҳои калони азимҷусса, хусусан зотҳои «Аубрак» ва «Сэллер», ки дараҷаи баланди маҳсулнокии гӯштӣ доранд, ба худ ҷалб карданд.

Ҷуфтикунонии модаговҳои зоти сиёҳало бо буққаҳои зоти «Сэллер», «Аубрак» ва Голштин имкон медиҳад, ки чорвое ба даст оварда хислатҳои мусбии хоҷагию биологии ба ин генотипҳо хос дошта бошанд И.В. Миронова [106, с. 45-49], Х.Х. Тагиров [126, с. 123-126].

Ҳамин тавр, ҷуфтикунонии саноатӣ яке аз усулҳои асосии баланд бардоштани маҳсулнокии гӯшти чорвои калони шохдор мебошад.

## 1.2. Истифодаи технологияи интенсивӣ дар зиёд намудани истеҳоли гӯшти гов

Масъалаҳои интенсификатсияи истеҳсоли гӯшти гов дар асоси истифодаи технологияи интенсивии парвариши чорвои ҷавон дар асарҳои сершумори олимон Ф.Г. Каюмов [72, с. 23], Л.П. Прахов [114, с. 121-123 ],

Н.И. Нусов [109, с. 314], Н.И. Востриков [23, с. 216 ], И.П. Заднепрянский [51, с. 10-14], Д.Ц. Гармаев [32, с. 64-68], Г.П. Легошин [99, с.1- 76], В.И. Косилов [85, с. 204-206], Т.А. Иргашев [61, с. 231-233] ва диг.] васеъ инъикос ёфтаанд.

Хусусиятҳои асосии интенсификатсияи чорводорӣ индустрикунонии саноати дар асоси прогресси техникӣ, гузаштан ба усулҳои индустриалии истеҳсолот мебошанд.

Чуноне, ки таҷрибаҳо нишон медиҳанд, технологияи интенсивии парвариш ва фарбеҳ кардани ҷавонаҳо имконият медиҳад, ки самаранокии меҳнат 8-10 баробар, маҳсулнокии чорво 1,5-2,0 баробар, сарфи хӯрока ва захираҳои моддӣ ба ҳар воҳиди афзоиши вазни зинда 30-40% зиёд карда шавад А.Н. Проскуряков [115, с. 22], Г. И. Белков [16, с. 379-388 ], Г. И. Белков [15, с. 33-35], Д. М. Ахмедов ва дигарон [5, с. 101-105 ] . Бо истифод аи пурраи имкониятҳои маҳсулнокӣ ва биологии чорво дар парвариш ва фарбеҳкунӣ тавассути механиконии комплексӣ ва автоматикунонии равандҳои меҳнат талаботи истеҳсолот ба комплексҳои махсусгардонидашуда таъмин карда мешавад Д.Л. Левантин [92, с. 202], А.А. Гайко [25, с. 208], М.И. Раҳимов ва дигарон [116, с. 127], Г.П. Легошин [96, с. 1-76], [97, с. 12-14], Д.Ц. Гармаев [30, с. 20-22].

Э.Ф. Лискун [99, с. 534], С. С. Гуткин [38, с. 79-81], А.П. Калашников [67, с. 49-54], Н.Г. Гамарник [26, с 48], О.Н. Могиленетс [107, с. 20-23], С.С. Гуткин [39, с. 51-58 ], Н.Ф. Дзюба [42, с. 85-91], Д.А. Смирнов [121, с. 5-8] ва дигарон иброз менамоянд, ки барои парвариши интенсивии чорвои ҷавон зотҳои сермаҳсул лозиманд, ки метавонанд миқдори зиёди хӯроки хушсифатро истеъмол кунанд ва онҳоро самаранок коркард намуда, ба маҳсулоти гӯштии на камтар аз сифати баланд табдил диҳанд. Барои ин, репродукторҳои мавҷударо муайян ва тасдиқ намуда, бо паҳн намудани чорвои ватанӣ ва типҳои нави зоти репродуктивӣ дар натиҷаи афзоишдиҳии чорвои дохилӣ ва хориҷӣ зотҳои гаронбаҳо ва ояндадори гӯштӣ ба вуҷуд овардан лозим аст. Дар баробари ин, ба истифодаи захираҳои ирсии ватанӣ низ афзалият додан лозим аст.

Ин пеш аз ҳама ба чорвои зоти қазоқии сарсафед дахл дорад, ки дар минтақаи зиёди замини корам ва истеҳсоли ғалла тараққӣ кардааст. Аз сабаби кам шудани майдони чарогоҳҳо ва тараққӣ додани зироаткории обӣ нигоҳубин ва хӯрокдиҳии чорво тағйир меёбад. Аммо имконияти тамоми сол нигоҳ доштани ҳамаи чорво ё гурӯҳҳои алоҳидаи ҷинс ва синну сол дар чароҳгоҳҳо истисно нест. Ин усули парвариши чорвои гӯштӣ дар хоҷагии ба номи Зимовниковский-и вилояти Ростови ФР худро мусбат нишон додааст О. В. Гартованная [31, с. 185].

Амалия нишон медиҳад, ки самараи баланди иқтисодии парвариш ва фарбеҳ кардани ҷавонаҳои чорвои калони шохдор бо роҳи пайвастани маҳсулнокии баланди чорво бо хароҷоти гисбатан кам дар натиҷаи истифода аз чарогоҳҳо ба даст оварда мешавад. Ин талабот, ба гуфтаи В. А. Солошенко [122, с. 59-63], А.В. Черекаева [138, с. 53], Ф.М. Сизова [119, с. 42], Н. Рябова [117, с. 9-10], Л.З. Мазуровский [103, с. 36-41] ба технологияи фарбеҳ кардани чорво дар саҳро бештар мувофиқ аст.

Сохтмони майдонҳо масолеҳи гаронбаҳои бинокориро талаб намекунад ва барои сохтани онҳо вақти кам сарф мешавад. Дар чарогоҳҳо ҷавонаҳои фарбеҳшаванда озодона гурӯҳ-гурӯҳ сайру гашт намуда, растаниҳои чарогоҳоро истеъмол менамоянд. Ҷойҳои беҳтарин барои онҳо нишебиҳои самти ҷанубӣ ва мавзеъҳои нишебиашон на он қадар зиёд, ки камтар аз 4-6° мебошанд ба шумор меравад. Ин мавзеъҳо барои он беҳтарин ҳисобида мешавад, ки ҳангоми боришотҳо нишебиҳо тез хушк мешаванд ва чорво озодона мечарад.

Дар маркази ҳар як оғил барои истироҳат кардани чорво аз пору, коҳ ва пасмондаҳои хӯрок «теппаҳо» ташкил карда мешаванд, ки баландияшон на камтар аз 1,5 м ва ба ҳисоби 3 м$^2$ ба 1 ҳайвон мебошад.

Ҳар як кӯраи мавзеъро аз тарафи шамолгард бо девори чӯбини баландиаш 3,0-3,5 м маҳкам мекунанд. Ҳаҷми майдонҳои сайругашт ба ҳар сар чорво 20-24 м$^2$ мебошад. Ҳудуди ҳавлии сайругашт тавассути

қисмҳои кунҷӣ ва гузаргоҳи пасӣ ба майдончаҳои якхела тақсим карда шудааст, ки сайргоҳҳои се девор дар ҳамшафатии онҳо ҷойгиранд.

Иқтидори умумии як майдон барои 100 сар чорвои калон пешбинӣ шудааст. Хӯронидан ва обдиҳӣ дар майдони сайру гашт ташкил карда шудааст. Дар атрофи майдони сайругашт охурҳо дар баландии 15-20 см аз сатҳи замин гузошта шуданд. Дар ҳамаи майдонҳо обнӯшакҳои автоматии типпи АГК-4А бо гармкунии электрикӣ дар фасли зимистон гузошта шуданд.

Ҳамаи намуди хӯрок аз ба воситаи фиристандаҳои сайёри хӯрокии дурушт ва ширадор КТУ-10, хӯрокиҳои консентратӣ ба воситаи КУТ-3А тақсим карда мешаванд. Майдони хӯрокдиҳӣ 0,6 м ба як сар чорво муайян карда шудааст. Поруро ба воситаи булдозер аз ҳавлӣ бо ҷамъ шудани он мекашонанд ва майдони хати ивазнашаванда соле як маротиба дар тобистон тоза карда мешавад.

Дар вақти ба нақша гирифтани базаи хӯрока барои итмоми парвариш ва фарбеҳ намудани чорво, дар майдонҳои фарбеҳкунӣ аз рӯи шартҳои конкретӣ кор кардан лозим аст. Дар структураи ратсиони зимистонӣ бояд камаш 70-75 фоизи арзиши ғизоии силос, хӯроки дурушт ва ширадор, то 25 фоиз хӯроки консентратӣ дошта бошад.

Дар фасли тобистон хӯроки дурушт ва ширадорро бо массаи сабз, то 80-90 фоизи арзиши ғизоии ратсион иваз кардан лозим аст.

Баҳодиҳии шумораи зиёди буққачаҳои зоти қалмиқиро аз рӯи маҳсулнокии худи онҳо таҳлил намуда, шумораи зиёди чорвое ошкор шуд, ки баъди аз модар ҷудо кардан ба афзоиши миёнаи шабонарӯзии 1200-1500 грамм бо сарфи камтарини хароҷоти хӯрока ба 1 кг зиёдшавии вазн (5-6 воҳиди хӯрока) дар давраи баъди ширдиҳӣ мерасанд. Чунин чорво дар синни яксолагӣ то ба вазни 400 кг ва аз он зиёд расиданаш мумкин аст Э.Н. Доротюк [44, с. 144]. Хусусиятҳои инфиродии онҳоро дар натиҷаи истифодаи минбаъдаи бордоркунии сунъӣ ба гурӯҳҳо тақсим кардан мумкин аст.

Самти асосии селексияи чорвои зоти қазоқии сарсафед, ин баланд бардоштани афзоиши интенсивӣ ва такмил додани маҳсулоти гӯштӣ ва нигоҳ доштани қобилияти баланди мутобиқшавии чорво Х.А. Амерханов [3, с. 3-7], В. К. Еременко [49, с. 385].

Х.А. Амерханов ва дигарон [2, с. 2-5] қайд мекунанд, ки дар айни замон интенсификатсияи чорводорӣ дар чорвои зоти қазоқии сарсафед талаботи нав гузоштааст, ки ин гузаронидани селексия аз рӯи афзоиши интенсивӣ, пардохти хӯрока мебошад. Чорво бояд ба шароити маҳал мувофиқ буда, аз хӯроки дурушт самаранок истифода бурда тавонад. Дар баробари ин, усули асосии парвариши чорвои гӯштӣ дар подаҳои зотӣ бояд аз рӯи авлодҳо бошад.

Л.П. Прахов [113, с. 17] қайд мекунад, ки дар асоси тадқиқотҳои сершумори ватанӣ ва хориҷӣ айни замон системаи ду марҳилаи баҳодиҳӣ ва интихоби буққачаҳои истеҳсолкунандаи зотҳои гӯштӣ қабул карда шуданд.

1) аз рӯи маҳсулнокии худӣ дар давраи парвариш намудани чорво аз синни 8 то 15-моҳа (вазни зинда, вазнафзункунии миёнаи шабонарӯзӣ, арзиши хӯрок ва маҳсулоти гӯштӣ);

2) аз рӯи сифати насл бо назардошти ҳамон нишондиҳандаҳо, инчунин аз рӯи сифати тана ва гӯшт.

Тибқи нишондоди В.Ю. Хайнатский [137, с. 49] давраи оптималии озмоишии чорвои зоти қазоқии сарсафед аз рӯи маҳсулнокии худи онҳо аз синни 8 то 15 моҳагӣ тавсия дода мешавад. Ин мӯҳлати пешниҳодшударо кӯтоҳ ё дароз кардан тавсия дода намешавад. Вазафзункунии шабонарӯзии буққачаҳо дар давраи санҷиш ба миқдори 1100 грамм буда ба потенсиали генетикии чорвои зоти қазоқии сарсафед бештар мувофиқ аст. Инро дар таҷрибаи С. Полских [2013] ҳангоми парвариши буққачаҳо бо наслҳои симменталии ояндадори олмонӣ, ки вазни зиндаи онҳо ҳангоми забҳ, дар синни 15 моҳагӣ - 233,0-259,7 кг-ро ташкил додааст, дидан мумкин аст.

С.Д. Тюлебоева [131, с. 29-36], [132, с. 77-83] қайд менамояд, ки парвариши интенсивии буққачаҳои то синни 19-моҳагӣ, дар пойгоҳи озмоишӣ имкон медиҳад, ки вазни зиндаи буққачаҳои нимхуни "симментали х олмонӣ" бо хуннокиаш 1/2 647,0 кг-ро ташкил менамояд.

Дар пойгоҳи озмоишӣ аз синни 15 то 19 моҳа дароз кардани мӯҳлати парвариши чорво дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ бо афзудани фоида ва арзон шудани арзиши аслии 1 сентнер зиёдшавии вазн оварда расонда, ҳамзамон, фоидаи зиёдтарин ҳам дар синни 15 ва ҳам дар синни 19 моҳагӣ аз буққачаҳои нимхуни симменталӣ х олмонӣ бо хуннокии 1/2 ба даст оварда шудааст.

Дар айни замон дастовардҳои селексионии авлодҳои заводӣ (маҷмӯъи авлодҳои якхелаи заводӣ), оилаҳои заводии типҳои дохилизотӣ (минтақавӣ), гурӯҳҳои зотӣ ва зотҳо ҳам дар чорводории ширдеҳ ва ҳам дар чорводории гӯштӣ ба таври умум эътироф карда мешаванд [А.С. Всяких [22, с. 432], Ф. И. Овсянников [108, с. 295-307 ], Л.Ц. Джимбеев [41, с. 33-41], Б.А. Багрий [13, с. 115], Г.М. Туников [130, с. 212].

Дар баробари ин, парвариш аз рӯи авлодҳо унсури асосии элементҳои селексия, ташкили сифатнокӣ, фарқияти генеалогии сохтори пода дар парвариши тозазотӣ, ҳамчунин беҳкунандагони ҷуфтикунонии раванди гузариши репродуктивӣ ба шумор меравад.

Гардиши оилаҳо ҳам дар пода ва ҳам дар миқёси тамоми зот имкон медиҳад, ки ҳодисаҳои фавқулодавии хешутаборӣ пешгирӣ карда шаванд. Имконияти беҳтар ва аз ҷиҳати фенотипӣ фарқ кардани гурӯҳҳои чорво, васеъ истифода бурдани генофонди чорвои зотҳои беҳтарини ҷаҳонӣ дар беҳтар намудани чорвои хонагӣ имконият медиҳад, ки раванди интегратсияи онҳо пурзӯр карда шавад.

Е.Г. Емельянов. [48, с. 2-4] қайд кардаанд, ки фарқияти зотро дар муайянкунии авлодҳо, ба дараҷаи баланд гузарондани кори зотпарварӣ, васеъ истифода бурдани буққаҳои наслдеҳи хуб, муайян мекунанд. Парвариш аз рӯи оилаҳо имкон медиҳад, ки сохтори зарурии генеалогии

зотро нигоҳ дошта, интихоби мақсаднок гузаронида шавад. Дар беҳтар намудани зотҳо буққаҳои наслии хушзот нақши калон мебозанд, ки дар асоси онҳо оилаҳо ва гурӯҳҳои ба он алоқаманд ба вуҷуд оянд.

Имконпазирии парвариши зотҳо ва типҳои алоҳидаро тавсиф мекунад, самаранокии иқтисодии истеҳсоли маҳсулоти аз онҳо гирифташуда мебошад. Дар чорводории гӯштӣ зудрасӣ омили муҳим аст ва бинобар ин сабаб кори зотпарварӣ бояд ба баланд бардоштани суръати афзоиши чорво нигаронида шавад, то ин ки дар мӯҳлати кӯтоҳи парвариш аз онҳо бештар гӯшти баландсифат ба даст оварда шавад.

Дар ин ҳолат ҳамчун усули селексия, ки ба мақсад мувофиқ аст, баҳодиҳии буққаҳои наслдеҳ аз рӯи маҳсулнокии худ ва пеш аз ҳама аз рӯи зуд инкишоф ёфтани гӯсолаҳо баъд аз ҷудо намудан аз модарашон гузаронида шавад А.В. Черекаева [136, с. 53], Л.П. Прахов [110, с. 17], П.И. Зеленков [53, с. 19], Д. Ц. Гармаев [30, с. 20-22], Ф. Каюмов [74, с. 216].

Интихоби ҷавонаҳои таъмирӣ асосан аз рӯи фаъолиятнокии афзоиши қад гузаронида мешавад. Буққачаҳои наслӣ аз ҳисоби модаговҳо ва буққаҳои беҳтарин интихоб карда мешаванд, ки интихоби ниҳоӣ дар синни 15-моҳагӣ аз рӯи натиҷаи маҳсулнокии худи онҳо ва пардохти сарфи хӯрок гузаронида мешавад. Пас аз он барои санҷиши сифати насл ба озмоиш гузошта мешаванд З.В. Гомбоев [36, с. 18].

Чуноне, ки Е.Н. Доротюк [43, с. 18-20] дарҷ кардааст, ки яке аз самтҳои асосии кори зотпарварӣ, дар баробари усулҳои гуногуни парвариш, гузаронидани хостагирӣ, интихоб ва ташкили баҳодиҳии сифати зотии чорво мебошад.

Мутобиқи нишондоди Н.Г. Гамарник [27, с. 49] таҷрибаи интихоби буққачаҳо бо қувваи афзоиш ва маҳсулнокии гӯштӣ дар як қатор кишварҳо нишон доданд, ки дар ин марҳилаи селексия самараи беҳтарин дар он сурат ба даст меояд, ки агар шароити хӯронидан ва нигоҳубини чорво дар давраи санҷиши стандартӣ, доимӣ бошад. Баҳодиҳии буққаҳо аз рӯи сифати насл дар бисёр кишварҳо дар асоси маълумот дар бораи

насли онҳо гузаронида мешавад. Дар як қатор мамлакатҳо натиҷаи баҳодиҳии нишондиҳандаҳои охирини қобилияти мутоқибати духтарон ва осон таваллуд кардани насл, инчунин фарбеҳкунию забҳи насли онҳоро дар бар мегирад.

Дар тадқиқотҳои худ Д.Л. Левантин ва дигарон [93, с. 48-53] қайд намуданд, ки ҷорӣ намудани баҳодиҳии буққачаҳо аз рӯи маҳсулнокии худӣ имкон медиҳад, ки раванди интихоб бо роҳи кам намудани фосилаҳо байни наслҳо, пурзӯр карда шавад.

Дар соҳаи чорводории гӯштӣ вазни зинда нишондиҳандаи асосии селексия ба ҳисоб меравад. Мушкилии интихоб аз рӯи ин нишондиҳанда, ба ақидаи Б. А. Багрий [13, с.115], Е.Н. Доротюк [43, с.18-20] дар он аст, ки маҳсулнокии гӯшт як қатор хусусиятҳо ва хосиятҳоеро дар бар мегирад, ки он сифат ва миқдори онро тавсиф мекунанд.

Аз модаговҳои ҳаҷмашон калон гӯсолаҳои калонҳаҷм гирифта мешавад, ки онҳо беҳтар инкишоф ва бошиддат афзоиш меёбанд ва инчунин хӯрокаро самаранок истифода мебаранд. Дар ин маврид бояд шиддатнокии нашъунамои гӯсолаҳо то аз модар ҷудокунӣ (дар синни 6 - 8-моҳагӣ) ва баъд аз модар ҷудо намудан (то синни 15-моҳагӣ) ба назар гирифта шавад. Шиддати афзоиши то синни 6-8-моҳагӣ ба вазни таваллуд (коэффитсиенти коррелятсия 0,46) ва дар навбати худ бо вазни волидайн ба таври мусбат (0,3-0,4) алоқамандӣ дорад.

Чунонеки В.Ф. Красота [88, с. 321] қайд мекунанд, гуногунии бузурги генетикии чорво ва мураккаб будани сифатҳои меросии аз ҷиҳати иқтисодӣ фоиданоки хоҷагидорӣ имкон намедиҳад, ки дақиқ пешгӯӣ карда шавад, дар кадом ҳолат хислатҳои ба чорво ва аҷдодони онҳо хос ба насл мерос мондаанд. Таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ нишон медиҳад, ки дар он ҷое, ки мунтазам баҳодиҳии сифати насл гузаронида мешавад, беҳтар намудани зоти чорво тезтар ба амал меояд.

Дар Британияи Кабир буққачаҳоро аз рӯи шиддатнокии афзоиш на танҳо дар пойгоҳҳои санҷишӣ, балки дар хоҷагиҳои зотпарварӣ низ

мегузаронанд. Дар асоси натиҷаҳои ноилшуда, ки аз рӯи ба насл додани вазни зиндаи чорво дар синни 400-рӯза (13 моҳагӣ) ба даст оварда шудаанд, дар Англия дар ин синну сол интихоби чорво аз рӯи вазн гузаронида мешавад.

Дар ИМА синни миёнаи гузоштани буққачаҳо барои санҷиш 202-205 рӯзро (7 моҳа) ташкил медиҳад. Баҳодиҳии ниҳоии чорво бо назардошти маълумоти санҷиш аз рӯи сифати насл гузаронида мешавад.

Б. Багрий [8, с. 272] қайд мекунад, ки дар такмил додани сифати зотҳои наслдеҳ, буққаҳои такмилдиҳанда аҳамияти калон доранд, ва сифатҳои гаронбаҳои ирсиро ба насли худ устуворона гузаронанд.

Байни интенсивӣ афзоиш ёфтани наслдиҳанда ва афзоиши интенсивии насли он алоқаи бевосита вуҷуд дорад ва ин нишонаи баланди ирсият мебошад. Коррелятсияи баланд ҳангоми афзоиши буққачаҳо аз вақти таваллуд то синни 18-моҳагӣ ва дар онҳо таносуби баланд муқаррар гардид.

Санҷиши сифати насли буққаҳо муҳимтарин ҷузъи кори селексияю зотпарварӣ мебошад. Ин усул имкон медиҳад, ки арзиши зоти истеҳсолкунанда боэътимод муайян карда мешавад.

Дар соҳаи чорводории гӯштӣ усулҳои баҳодиҳии буққаҳоро аз рӯи сифати наслашон, ки аз тарафи И.А. Черекаев [136, с. 53] коркард шудааст, муайян мекунанд. Дар ин ҷода А. Басангов [12 с. 65-68], [10 с 29-37], [11 с 25-31], Л.П Прахов [113, с. 17], О.М. Шевелева [139, с. 43] корҳои бисьёр иҷро кардаанд.

Асоси назариявии таҳияи системаи санҷиши истеҳсолкунандаҳо дар тадқиқотҳои илмии олимон П.Н. Кулешов [89, с. 223], В.И. Федоров [134, с. 161-176 ], Л.К. Эрнст [141, с. 283 ] дарҷ гардидааст.

Маълум аст, ки интихоби пешакии истеҳсолкунанда бояд хислатҳои хуб ва муҳими волидайнро ба насли худ гузаронанд. Барои истеҳсолкунандагоне, ки ба озмоиш гузошта шудаанд, бояд бо нишондиҳандаҳои миёнаи сифат интихоб карда шаванд.

Таҷрибаҳои тараққӣ додани соҳаи чорводории гӯштии ватанӣ ва хориҷӣ нишон медиҳад, ки барои беҳтар намудани сифатҳои чорвои зотҳои сермаҳсули гӯштӣ ва дурагаҳои онҳо бо роҳи самарабахш истифода бурдани буққаҳои такмилдиҳандаи аз рӯи сифати насли санҷидашуда, гузаронида шавад. Ҳамзамон, буққаҳои хушзоткунанда дар асоси баҳодиҳии ду марҳилагӣ муайян карда шаванд Ш.А. Макаев [104, с. 366], В.И. Косилов ва диг. [85, с. 204-206].

Ҳамин тавр, дар кори селексионию зотпарварӣ истифода бурдани беҳтарин генофонди ватанӣ ва ҷаҳонӣ барои ба вуҷуд овардани зотҳо, намудҳо, типҳо ва подаҳои дурагаи гӯштӣ, ки маҳсулнокии баланд доранд, шароити мусоид фароҳам меоварад.

## 1.3. Минтақаҳо, навъҳои асосӣ ва тавсифи мухтасари растаниҳои чарогоҳӣ

Дар ҳудуди чарогоҳҳои парвариши чорвои гӯштӣ тақсимшавии растаниҳо вобаста ба баландии ҷойгиршавиашон аз сатҳи баҳр чунин суръат мегиранд:

1. Минтақаи нимсаваннагии растаниҳои ксерофитӣ, ки дар ҳудуди аз 800 м то 1600-1800 м аз сатҳи баҳр баланд воқеъ гардидаанд.

2. Минтақаи дарахту буттаҳо, ки он дар навбати худ ба 2 зерминтақа ҷудо мешавад:

а) зерминтақаи растаниҳои нимсаваннагии қадпаст дар баландии 1200 м то 1800-2100 м аз сатҳи баҳрдоман паҳн намудаанд.

б) зерминтақаи омехтаи сиёҳҷангал бо растаниҳои нимсаваннагии хушадори қадбаланд (хардумка бо гандумак) ва растаниҳои марғзорӣ, ки дар баландии 1500-1700 то 2200 м аз сатҳи баҳр ҷойгир шудаанд.

Набототи ба маҳаллаҳои аҳолинишин наздик ҷойгир шуда, то баландии 1500 м аз сатҳи баҳр ҷойгиршуда ҳолати хуб надошта, руй ба таназзул оварда истодаанд, хусусан дарахтбуттаи бодому писта бо сабабҳои гуногун қариб, ки ба нестӣ расидааст ва ҳоло кормандони соҳа

кӯшиш менамоянд, ки дар таллу теппаҳо ва дар қисмати дастраси кӯҳӣ ин сарвати бебаҳои табиатро аз сари нав барқарор намоянд.

Дар минтақаи якум растании шибоғ *(Artemisia)* дар ҳама ҷой бартарӣ дорад. Шибоғро дар баъзе мавридҳо растании бисёрсолаи шӯрагиҳо-изен-*Salsola prostpata* ҳамроҳӣ менамояд. Аз эфемерҳо бошанд, растаниҳои хуби истеъмолии чорво, ба монанди ҷорӯбаки пиёзакдор -*Poa bulbosa,* чашмак - *Alyssum desertorum* ва бомасҳо - *Bromis oxyodon, Bromis scoparius* бо шибоғ *(Artemisia)* нашъунамо меёбанд. Дар нишебиҳои самти шимолӣ алафзори табиии чарогоҳиро дар ҷамоаи шибоғзор растаниҳои борикбарги хӯшадори биёбонӣ ташкил медиҳанд, ки ба инҳо типчоқ, ковил ва ҷорӯбаки биёбонӣ дохил мешаванд. Дарахтзору буттазор дар ин минтақаи биёбон хеле ҳам кам ба назар расида, дар сохтори ландшафт он қадар аҳамияти калон доранд. Аз рӯйи мавсими истифодабарӣ алафзорҳои хӯрданибоби табиии минтақаи якум ба чарогоҳҳои баҳорӣ аз ҳисоби растаниҳои эфемерӣ мансуб ёфта, вақти чаронидани онҳо дар фасли баҳор буда, аз ҳисоби растании шибоғ бошад, ин чарогоҳҳо тирамоҳ низ зери истифода қарор мегиранд. Дар дигар фаслҳои сол шибоғ бо сабаби дар таркибаш вуҷуд доштани равғани эфемерӣ ҳамчун растании ғайриистеъмолии чорво ҳисобида шуда, чорво онро истеъмол наменамояд. Аз ин лиҳоз, чарогоҳҳоро ба мавсими истифодабариашон баҳорию тирамоҳӣ ҷудо карад мешаванд. Қайд кардан зарур аст, ки минтақаи якум асосан барои зироаткорӣ истифода мешавад.

Хусусияти минтақаи дуюм дар он зоҳир мегардад, ки дар он ҷо паҳншавӣ ва нашъунамои васеи ҷамоаи дарахту буттаҳо баръало ҳис карда мешавад. Аз растаниҳои оилаи чатргулон камол - *Ferula,* юған-*Prangos pabularia)* ва торон - *Polugonum* бо дарахтону буттаҳо ҳамзистӣ доранд. Дар нишебиҳои самти шимолӣ марғзор аз растаниҳои хоси ин минтақа хардумак - *Dactylis glomerata*, чилликгул - *Senecia иборат аст.* Арзишмандтарин растании чарогоҳиро хардумак ташкил намуда, ҳар ҷое,

ки он бо дигар растанихои чарогохӣ омехта ва бештар пахн шуда бошад, хамон кадар хосилнокии чарогоххо баландтар мешаванд.

Дар минтакаи растанихои марғзорӣ гурӯхи растанихои чарогохии истеъмолии чорво бартарият доранд. Аз хама бештар дар гурӯхи растанихои чарогохӣ хардумак *(Dactylis glomerata)* эътибори зиёд дорад. Хардумак бехтарин растании истеъмолии чорво ба хисоб рафта, чорво онро хама вакт бисёр хуб истеъмол мекунад.

Чамоаи набототи марғзорӣ аз гурӯхи растанихои ғешагӣ асосан дар чойхои намнокияшон баланд ва дар назди чашмаю кӯлхо ахён-ахён вомехӯрад. Аз растанихои хӯшадорони даштӣ бештар растании чавдорак ва чорӯбаки даштӣ нашъунамо доранд. Худуди чарогоххои ин минтака ба чарогоххои мавсими истифодабариашон тобистона шомил мегардад, чунки давомнокии нашъунамои растанихои чарогохӣ хамагӣ 3 мохро ташкил медихад. Хосилнокии миёнаи набототи ин мавзеъ то 12 с/га массаи истеъмолии чорворо ташкил медихад.

Минтакаи растанихои биёбонӣ кисми аз хама болои мавзеъ, яъне баландкӯхро ишғол намудааст, ки аз растанихои кадпасти рӯйихокӣ иборат мебошад. Баландии миёнаи алафзор аз 3 то 5 см мерасад. Аз чихати иктисодӣ ин минтака ба чарогоххои мавсимии тобистона бо мӯхлати истифодабарии он ду мох буда, барои чаронидани чорво на он кадар ахамияти калон дорад. Хосили миёнаи алафхои чамоаи баландкӯх аз 1,5 то 5 сентнерро ташкил медихад. Растанихои хоси асосии минтакаро: нештаргиёх - *Oxytropis,* шохалаф - *Cerastium*, гулхушкак-*Gnaphalium,* чавдорак - *Festuca* ташкил медиханд.

Дар сохили дарёи Тоир-Су ва кисмати хамвортари минтака, заминхои шудгоршавандаи лалмӣ ва обӣ, инчунин боғхои бисёрсола чойгир шудаанд.

Дар чарогоххо бошад, растанихои гармидусти эфемерӣ доман пахн намуданд, ки намояндаи асосии онхо гандумачрик *(Aegilops triuncialis),* чаваки бухорӣ *(Poa bulbosa),* ғешаи туркестонӣ *(Carex pachystylis),* чави

ёбоӣ *(Hordeum murinum)* ва ғайра мансуб меёбанд. Дар байни растаниҳои асосӣ, ки дар боло қайд карда шуд, боз растаниҳои чарогоҳӣ аз оилаи лӯбиёгиҳо низ бисёр вомехӯранд ба монанди: нахӯдакҳо, юнучқаи ёбоӣ, шутурхор, дар ҷойҳои сернам себарга ва ғайра Т.А. Иргашев [65, с. 32-35].

Дар заминҳои лалмӣ бо зироатҳои маданӣ, растаниҳои гулихайрӣ, қатран, андузро низ вохӯрдан мумкин аст. Дарахтони писта дар давраи шуравӣ дар ин доманакӯҳҳо бисёртар дида мешуд ва майдонҳои калонро ташкил медоданд. Солҳои охир бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ барқароршавӣ ва шинонидани ниҳолҳои писта дар таллу теппаҳои ноҳияҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ бо суръати баланд рафта истодааст. Бо сабаби гармшавии ҳарорат дар миқёси ҷаҳон ва хусусан дар Тоҷикистон сол то сол парвариши пистаю бодом ба мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ шуда истодааст. Барои парвариши писта намии кофӣ лозим меояд ва барои сабзонидани он ақаллан 2 ё 3 сол бояд дарахтон бо об таъмин карда шаванд. Илова бар ин, аз сабаби сол то сол афзоиши саршумори чорво ба назар расида истодааст, ҳар як қитъаи барои пистазор ҷудокардашуда бояд дар муддати то панҷ сол симтӯрбандӣ карда шавад.

Растаниҳои дарахту буттагӣ ба ду намуд ҷудо мешаванд.

1. Растаниҳои сиёҳҷангал

2. Растаниҳои минтақаи гармсел (шибляк).

Дарахтони арча, ки намояндаи асосии онҳо (Jeniperus zeravschanica) ба шумор меравад, дар қисматҳои миёнакӯҳ ва баландкӯҳи минтақа ҷойгир шудаанд. Хокҳои ин минтақа ба хокҳои ҷигарриранги карбонатӣ шомиланд. Дар аксари мавридҳо зичии байни онҳо 0,2-0,4 м-ро ташкил медиҳад.

Аз растаниҳои алафӣ растаниҳои нимсаваннагӣ бартарият доранд. Мавқеи асосиро дар ҷамоаи арчазор растании юған ишғол намудааст. Юғанро растаниҳои нимсаваннагии дигар, ба монанди бомас, кокутӣ, чойкаҳак ва бунафшагул ҳамроҳӣ менамоянд. Онҳо дар байни дарахтон

нашъунамо карда, майдонҳои васеъро ишғол менамоянд ва дар нимаи аввали сол пӯшиши баланд ва зичро ташкил медиҳанд.

Юған хусусан ҳангоми нашъунамо ва гулкунӣ дар аввали тобистон аз дигар растаниҳои чарогоҳӣ фарқ мекунад. Дар вақти тару тоза буданаш чорво онро бо иштиҳо хӯрда наметавонад, чунки дар таркибаш моддаи захрнок дорад.

Дар сурати набудани дигар растаниҳои истеъмолӣ чорво камкам аз баргҳои наврасидаашро истифода менамояд. Юған дар охирҳои моҳи май ва аввалҳои моҳи июн пурра мерасад ва зард шуда, ба беҳтарин растании истеъмолии чорво мубаддал мегардад. Яке аз аломатҳои безараршавии юған каме зардшавии баргҳояш мебошад ва дар ҳамин давра аз тарафи сокинон даравида шуда, дар фазои озод хушконида ва дар каҳдонҳо барои зимистонгузаронии чорво истифода мешавад.

**1. Растаниҳои сиёҳҷангал.** Дар мавзеи таҳқиқотӣ ба растаниҳои сиёҳҷангал ҷамоаи фарк, ирғай, тлох, ақоқиё ва настаран дохил мешаванд. Хусусияти хоси ин намуди дарахтону буттаҳҳо дар он зоҳир мегардад, ки онҳо дар нишебиҳои самти шимолӣ нашъунамо намуда ва растаниҳои чарогоҳии намидӯст бо онҳо ҳамеша ҳамсизтӣ доранд. Сиёҳҷангал ҳамчун чарогоҳ кам истифода мешавад.

Лекин дар бисёр ҳолатҳо аз тарафи сокинони деҳаҳои ба мавзеъ наздик чорво чаронида мешаванд ё ин ки ҳамчун роҳи чорвогузар истифода қарор мегирад.

**2. Растаниҳои минтақаи гармсел (шибляк)** Қариб дар ҳама ҷо растаниҳои гармсел аз ҷамоаи дарахтон ва буттаҳои нимхушкидӯст, ки дар минтақаи миёнакӯҳ ҷойгир шудаанд, нашъунамо доранд. Аз ҳама бештар дар ноҳияи Темурмалик майдонҳои бодомзор бо намояндагии (Amugdalus bucharica), ки дар заминҳои сангу шағалдори нишебии зиёддошта рушду нумӯъ дорад ва барои чаронидани чорво мувофиқ ё дастрас нест, вомехӯрад. Ба ғайр аз бодом, дар ин минтақаи миёнакӯҳӣ дарахтони пистаю калофакро низ вохӯрдан мумкин аст. Бо дарахтону

буттаҳои минтақаи гармсел намояндаи растаниҳои нимсаваннагии баландпояи чарогоҳиро низ вохӯрдан мумкин, ки пӯшиши онҳо он қадар зиёд нест, яъне онҳо ба таври пароканда доман паҳн намудаанд.

**3. Биёбон.** Масоҳати растаниҳои биёбонӣ он қадар зиёд нест. Дар мавзеи таҳқиқотӣ намояндаи асосии растаниҳои биёбониро ҷамоаи шибоғ ташкил намуда, он бо писта, бодому бузгандум нашъунамо дорад.

Онҳо асосан дар қисмати нишебиҳои самти шимолию шарқӣ бештар вомехӯранд. Пӯшиши сатҳии хок аз ҳисоби шибоғзор 80-90 %- ро ташкил менамояд ва сохтори растаниҳо аз ду қабат иборат аст. Дар қабати якум шибоғ ва дар баъзе ҳолатҳо ҷорӯбаки пиёзакдор, дар қабати дуюм бошад, растаниҳои давраи нашъунамояшон хеле ҳам кӯтоҳ, яъне эфемерҳо ҷойгир шудаанд. Дарахтону буттаҳо ба таври пароканда дар қабатҳо низ пайдо мешаванд.

Растаниҳои эфемерӣ дар моҳи май пурра пухта мерасанд ва шибоғ бошад, дар аввалҳои моҳи июл ба нашъунамои худ ҳусни итмом мебахшад.

Қайд намудан лозим ҳаст, ки ҷамоаи набототи шибоғзор дар чарогоҳҳои зимистона беҳтарин хӯрокаи истеъмолии чорво ба ҳисоб меравад ва дар ҳамин асос онҳоро ба чарогоҳҳои мавсими истифодабариашон зимистона, шомил гардонидаанд.

4. **Нимсаванна.** Растаниҳои нимсаваннагӣ дар минтақаи таҳқиқотӣ аз чунин намудҳо иборатанд: растаниҳои қадпасти нимсаваннагӣ, растаниҳои нимсаваннагии хӯшадори қадбаланд ва растаниҳои нимсаваннагии баландпоя.

# БОБИ II. МАВОД ВА МЕТОДИКАИ ТАДҚИҚОТ

## 2.1. Шароити табиӣ ва иқлимии минтақаи гузаронидани корҳои тадқиқотӣ

Хоҷагии кооперативии «Кангурт» ва хоҷагии деҳқонии «Файзобод»-и ноҳияи Темурмалики минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доманакӯҳи баландиаш 1200-2000 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир шудааст. Унсурҳои асосии релеф теппаҳою нишебиҳо мебошанд.

Ин минтақаҳо дорои шароити иқлими континенталӣ мебошад. Зимистонаш нисбатан хунук, якбора ба баҳори сербориш гузашта, тобистонаш хушк мебошад. Зимистон дар баландии то 2000 м - 130-140 рӯз ва дар баландии то 3000 м - 200 рӯз давом мекунад.

Мувофиқи маълумотҳои пойгоҳи обуҳавошиносии Кангурт ҳарорати миёнаи солона дар мавзеи ҷойгиршавии хоҷагии кооперативии «Кангурт» ва хоҷагии деҳқонии «Файзобод»-и ноҳияи Темурмалик 7,2 °С-ро ташкил медиҳад. Сутуни минимуми симоб дар моҳи январ то -24,9°С паст шуда ва гармии ҳаво дар моҳи август ба +40,0°С мерасад.

Дар тобистон, чун қоида, бориш намешавад. Дар минтақаҳои баландкӯҳ дар як шабонарӯз хеле тағйир ёфтани ҳарорат ва намӣ мушоҳида карда мешавад.

Самти асосии истеҳсолии хоҷагиҳо ин соҳаи чорводории гӯшту шир ва гӯсфандпарварӣ мебошад. Дар фасли тобистон чорво ғизои худро пурра аз чарогоҳҳои кӯҳӣ таъмин менамояд. Дар давраи зимистон одатан хӯроки чорво намерасад.

Ҳудуди хоҷагӣ, ки аз он чорвои зоти қазоқии сарсафед иборат аст, дар ин минтақаи хушку мӯътадил, парвариш карда мешавад.

Дар ин ҷо ҷамоъаи растаниҳои шибоғу типчоқзор ва ҷамоъаи растаниҳои даштӣ, алафи шивок (Stipa) доман паҳн намудаанд. Ҳудуди минтақа бо чашмаю об кам таъмин мебошанд.

Дар мавзеъ хокҳои каштанӣ ва сиёҳчатоби каштанӣ бартарӣ доранд ва дар наздикии соҳили дарёҳо бошад хокҳои марғзории сиёҳ ва қитъҳои хурди он хокҳои дашти шӯр, ки барои нигоҳдории чорво бевосита истифода бурда мешаванд.

Иқлими ноҳия дар зери таъсири маҷмӯи шароити физикию географӣ ба вуҷуд меояд. Дар фасли хунуки сол шароити обу ҳаво бо таъсири зиддисиклонии Сибир муайян карда мешавад, гарчанде дар ин давра рахнашавии сиклонҳои баҳри Сиёҳ, ки боришҳои зиёд ва обшавӣ меоранд, истисно нест.

Мувофиқи маълумотҳои чандинсола ҳарорати миёнаи солонаи ҳаво +8,2°С, хунуктарин моҳ -6°С ва гармтарин моҳ +24°С мебошад. Боришот дар давоми сол каму беш баробар, дар давраи гармӣ (моҳҳои 4-9) 239 мм, дар фасли сармо (моҳҳои 10-3) 203 мм тақсим мешавад. Дар зимистон бодҳои шарқӣ ва дар тобистон шамолҳои ғарбӣ бартарӣ доранд.

Зимистон охири моҳи ноябр меояд. Дар охири моҳи декабр қабати устувори барф муқаррар мешавад, вале дар баъзе зимистонҳо ин тавр намешавад. Давомнокии давраи фарогирии барф дар фасли зимистони ноҳия 75 рӯзро ташкил медиҳад. Ҳарорати минималии мутлақи ҳаво -26°С-ро ташкил медиҳад. Тобистон +30-35°С муқаррар шуда, ҳадди ақали мутлақ +41°С, моҳи гармтарин июл бо ҳарорати миёнаи шабонарӯзии ҳаво +24°С мебошад. Давраи хунуктарин 176-185 рӯз аст.

Дар даҳрӯзаи дуюми моҳи октябр сармоҳои аввалин омада, дар моҳи ноябр борон тез-тез меборад. Гузариши ҳарорати ҳаво то +5°С дар аввали моҳи ноябр ва гузариши устувори ҳарорати ҳаво то 0°С-роташкил дода, дар охири моҳи ноябр ба амал меояд. Падидаҳои хусусан хатарноки дар ҳудуди он мушоҳидашуда тӯфонҳои чангу ғубор, хушксолии атмосфера ва шамолҳои хушк, сармоҳҳои барвақт, тӯфонҳои шадид ва бориши барф бо шамоли 15 м/с мебошанд.

Шароити хоку иқлим ба ҳосилнокии чарогоҳҳои табиӣ ва зироатҳои хоҷагии қишлоқ ба андозаи муайян таъсири калон мерасонад.

Ҳосили миёнаи чарогоҳҳои табиӣ 20-21 сентнерӣ сабзавот, алафҳои яксола 10,0 сентнер, хӯроки сабз 46,8 сентнер; алафҳои бисьёрсола барои беда 8,2 сентнер ва алафзорҳои табиӣ то 2,4 сентнер аз як га массаи хушки истеъмолии чорво, ҳосил медиҳанд.

Ҳамин тариқ, шароити табиию иқлимии ватанӣ парвариши чорвои қазоқии сарсафед ва минтақаи нави интродуксияи он тафовути калон доранд, ки асосан бо релеф ва баландии он аз сатҳи баҳр фарқ мекунанд.

## 2.2. Мавод ва усулҳои тадқиқот

Қисми таҷрибавии корҳои илмию тадқиқотӣ солҳои 2018-2021 дар хоҷагии кооперативии «Кангурт» ва хоҷагии деҳқонии «Файзобод»-и ноҳияи Темурмалик, вилояти Хатлон гузаронида шуд.

Барои таҷриба 45 сар ҷавонаҳо ҳангоми таваллуд интихоб карда шуда, ба 3 гурӯҳ 15 сарӣ ҷудо карда шуданд.

Гурӯҳи I - буққачаҳои зоти маҳалии зебу (ЧМ);

Гурӯҳи II - буққачаҳои дурагаи типи тоҷикии чорвои гӯштӣ бо чорвои маҳалӣ (ЧКТТ х ЧМ) ;

Гурӯҳи III - буққачаҳои чорвои гӯштии типи тоҷикӣ (ЧКТТ).

Гурӯҳҳои буққачаҳоро аз рӯзи таваллуд то синни 7-8-моҳагӣ аз рӯи системаи «гов-гӯсола» нигоҳ дошта шуда, баъди аз модар ҷудо намудани онҳо то синни 15-моҳагӣ дар чарогоҳҳои наздикӯҳӣ ва аз синни 15 то 20-моҳагӣ, (яъне 153 рӯз) дар чарогоҳҳои тобистонаи кӯҳистон бе хӯроки консентратӣ нигоҳ дошта шуданд.

Вазни зиндаи буққачаҳо дар вақти таваллуд ва дар 8, 12, 15, 18 ва 20-моҳагӣ пагоҳирӯзи пеш аз хӯрокдиҳӣ ба таври индивидуалӣ муайян карда шудааст. Афзоиши мутлақи вазни зинда бо истифода аз формулаи Броди ҳисоб карда шуд ва афзоиш ва рушд бо истифода аз ҳафт ченаки асосии бадан баҳо дода шуд: баланди дар устухони чорбанд, баланди дар крестец, дарозии каҷии бадан, давраи қафаси сина, паҳноии қафаси сина, чуқурии қафаси сина, даври устухони пой гирифта шуданд.

Дар асоси нишондодҳои ченакҳои гирифташуда чунин индексҳои бадани буққачаҳо: тулони, дарозпои, чорбанди сандуқи сина, сарисинагӣ, пуррагӣ, ҷусатанагӣ, серустухонӣ, паҳноӣ, гӯштнокӣ ва ҳаматарафа (Кравченко [1967] ҳисоб карда шуд.

Барои омӯхтани нишондиҳандаҳои морфологӣ ва биохимиявӣ, ҳолати физиологии организм, микдори эритроситҳо ва лейкоситҳо бо роҳи ҳисоб кардан дар камераи Горяев, гемоглобин аз рӯи Салий, сафедаи умумии зардоби хун бо усули рефрактометри муайян карда шуд.
Барои назорат кардани ҳолати физиологии бадан давра ба давра суръати набз, набзи дил ва ҳарорати баданро вобаста ба синну соли буққачаҳо чен карда шудааст.

Механизмҳои рафтори буққачаҳо, вобаста ба мавсим, бо истифода аз усули ҳисобкунии инфиродӣ ва гурӯҳӣ, ки аз ҷониби Институти умумироссиягии тадқиқотии чорводорӣ [1975] ва усули Герасимович [1970] аз ҳар як гурӯҳ дар се буққачаҳои 18-моҳа дар тӯли ду рӯз муайян карда шуданд.

Нишондиҳандаҳои забҳ ва сифати гӯшт дар синни 20-моҳагӣ аз ҳар гурӯҳ се сар буққачаҳо бо методикаи Институти тадқиқоти илмии чорводории умумироссиягӣ тариқи забҳ муайян карда шудааст [1978].

Ҳангоми забҳ вазни зиндаи пеш аз забҳ, вазни нимтана, равған, баромади гӯшти тоза ва хунукшуда муайян карда шуд. Илова бар ин, сифати гӯшти чорво бо ченкунӣ ва ҳисоб кардани коэффитсиенти гӯштӣ (K1) ва коэффитсиенти сергӯштӣ (K2) баҳо дода шуд.

Сифати морфологии гӯшт бо роҳи устухонкунӣ ва тарошидан, инчунин таркиб ва навъи морфологи (аз руи классификацияи ҳасиб) аз тарафи чапи тана баҳо дода шуд. Дар вақти аз устухонҳо ҷудо кардани гӯшт массаи гӯшт, устухонҳо, бофтаи мушакҳо ва равғанҳо ва поя муайян карда шуд. Арзиши ғизоии гӯшт дар асоси натиҷаҳои таҳлили кимиёвии намунаи миёнаи гӯшти қима мувофиқи дастури таҳиякардаи Институти умумироссиягии ғизои чорво ва арзиши энергетикии гӯшт бо формулаи:

X = C - (F + G) x 4,1 - F x 9,3 x 4,188 муайян карда шудааст.

Параметрҳои морфологӣ ва гистологӣ, инчунин хосиятҳои технологии пӯст бо усулҳои гистологӣ ва технологӣ муайян карда шуданд. Тадқиқотҳо аз рӯи чунин нақшаи умумӣ гузаронида шуданд (расми 1).




**Расми 1 - Нақшаи умумӣ гузаронидани тадқиқот**

Самаранокии иқтисодии буққачаҳои генотипҳои гуногун бо назардошти хароҷоти нигоҳубини онҳо ва маҳсулнокии гӯштии он бо назардошти нархи фурӯши 1 сентнер гӯшт муайян карда шудааст.

Маълумотҳои рақамӣ бо усули омории бо истифода аз Microsoft Excel коркард карда шудааст.

# БОБИ 3. НАТИҶАҲОИ ТАДҚИҚОТ

## 3.1. Ба вуҷуд овардани типи нави чорвои сергӯшти тоҷикӣ

Саршумори асосии зоти қазоқии сарсафед соли 1958 ба Ҷумҳурии Точикистон оварда шуда буд, Ин зот барои баланд бардоштани маҳсулнокӣ ва сифати гӯшти чорвои маҳаллӣ пешбинӣ карда шуда буд.

Барои ба вуҷуд овардани типи нави чорвои гӯштии тоҷикӣ мувофики фармони № 360 Вазорати хочагии қишлоқи Ҷумҳурии Тоҷикистон (собиқ РСС Тоҷикистон) аз 11 декабри соли 1981 ва қарори № 555 Комитети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм ва техника аз 30 сентябри соли 1985 муассисаҳои илмӣ ва зоипарварӣ, инчунин хоҷагиҳои базавӣ муайян карда шуда буд.

23 апрели соли 1986 бо мақсади дар хоҷагиҳои вилояти Кулоб ба вуҷуд овардани типи тоҷикии чорвои гуштӣ қарори қарори Ҳукумати давлат рақами 217 қабул карда шуд. Бо қарори мазкур як қатор хоҷагиҳои ноҳияҳои кӯҳсори вилоят, аз ҷумла хоҷагиҳои зотпарварии ба номи С. Сафарови ноҳияи Балҷувон, «Кангурт», «Файзобод»-и ноҳияи Темурмалик ба хоҷагиҳои таҷрибавӣ дохил карда шуданд.

Дар фармон пешбинӣ карда шуда буд, ки нақшаҳои истеҳсол ва ба давлат фурӯхтани маҳсулоти чорво бо назардошти истифода бурдани чорвои модинаи аз хориҷи кишвар овардашуда бо технологияи парвариши чорвои гӯштӣ, бо бино, хӯроки чорво, инчунин бо мутахасиссони варзида таъмин карда шаванд.

Барномаи нав ва методикаи ба вуҷуд овардани чорвои гӯштии типи тоҷикӣ дар Институти илмӣ-тадқиқотии чорводорӣ тартиб дода шуда, онро Шурои илмии институт 18 марти соли 1985 тасдиқ гардидааст. Дар барнома барои ҳар як хоҷагии алоҳида бо назардошти шароит ва имкониятҳои онҳо чорабиниҳо тартиб дода шудааст.

Аз ҷиҳати методӣ барнома шаш марҳилаи ба вучуд овардани чорвои гӯштии типи тоҷикиро пешбинӣ мекунад.

*Марҳилаи I* - (1958-1975 с.) - интихоби хоҷагиҳо, таҳлили онҳо, таҳияи накшаи ҳолати ташкилию иқтисодӣ ва аз нав коркард намудани сохтори пода. Оғози корҳои илмию–тадқиқотӣ оид ба омӯхтани хусусиятҳои мутобиқшавии чорвои воридшуда дар хоҷагиҳои чорводории минтақаҳои назди кӯҳӣ ва кӯҳӣ, тартиб додани нақшаи ташкилию хоҷагидорӣ, хариди зотҳои чорвои сергӯшт, таҷҳизоти маркази бордоркунии сунъӣ, таҳияи барномаҳо ва таҳияи усулҳои корҳои зотпарварӣ.

*Марҳилаи II* - (1975-1981) - ташкил намудани бордоркунии модаговҳо бо истифода аз усули бордоркунии сунъӣ ва табиӣ, арзёбии муқоисавӣ ва муайян кардани генотипҳои беҳтарин аз вариантҳои гуногуни ҷуфтикунонии модаговҳои воридшуда.

*Марҳилаи III* - (1982-2000) - муайян намудани «типи дилхоҳ»-и чорвои офаридашаванда, тасдиқ намудани генотипҳо бо роҳи парвариши «дохилӣ», ташкили гуруҳи авлдодҳо, ба андозаи зарурӣ зиёд намудани саршумор, тайёр кардани маводҳо барои санҷиш, ташкили баҳогузории гӯсолаҳо аз рӯи маҳсулнокии худ ва модаговҳо аз рӯи насл, афзоиш ёфтани саршумори ҳайвоноти типи мувофиқ, ташкил намудани гурӯҳҳо ва шаҷараҳои таркиби зотии типи навбунёд.

*Марҳилаи IV* - (2001-2010) - озмоиши гуруҳи селексионии типи тоҷикии чорвои калони гӯштӣ аз рӯи маҳсулнокӣ, якхела ва устувории тип, афзоиши худ ба худ, додани ариза барои ба истифода қабул намудани дастоварди селекционӣ, зиёд намудани саршумори чорво.

*Марҳилаи V* - (2011 - 2016) - озмоиши гуруҳи авлодҳои дохилизотии чорвои калони сергӯшти тоҷикӣ, ташкили озмоиши типи нав аз рӯи маҳсулнокӣ, якрангӣ ва устувории ирсӣ, зиёд кардани саршумори чорво, пешниҳоди ҳуҷҷатҳо барои дастоварди селексионӣ.

*Марҳилаи VI* - (2016-2022) - муттаҳидсозии ирсии дохилизотии чорвои калони сергӯшти тоҷикӣ, муайян намудани дараҷаи меросии наслҳо бо роҳи парвариши “дохилӣ”, зиёд намудани саршумори чорвои ба талаботи тип мувофиқ. Интихоб ва тасдиқ намудани корхонаҳои фаръӣ, зиёд

кардани саршумори чорвои калони гӯштии типи тоҷикӣ барои ноҳияҳои Балҷувон ва Темурмалики минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон. Ташкили баҳодиҳии буққачаҳо аз рӯи маҳсулнокии худ ва сифати зот. Натиҷаи ниҳоии корҳои илмӣ тадқиқотӣ (2022), омода намудани маводҳо барои пешниҳоди типи чорвои калони шохдори сергӯшти тоҷикӣ мебошад.

Дар маҷмӯъ марҳилаи VI-и барнома ба итмом расида, типи нави чорвои калони сергӯшти тоҷикӣ бо қарори коллегияи Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон № 1/2 аз 15 апрели соли 2023 тасдиқ карда шудааст.

**Расми 3. 2. - Типи чорвои калони шохдори сергӯшти тоҷикӣ**



### 3.2. Баҳодиҳии (апробатсияи) типи чорвои калони сергӯшти тоҷикӣ

Корҳои илмӣ тадқиқотӣ оид ба вуҷуд овардани типи чорвои калони сергӯшти тоҷикӣ аз тарафи олимон ва мутахасиссони соҳаи чорводорӣ ба анҷом расонида шуд, ки он дар натиҷаи корҳои илмии бисёрсола бо истифода аз чорвои сергӯшти қазоқии сарсафед ба анҷом расонида шуд, ки ба шароити минтақаҳои кӯҳию назди кӯҳӣ мутобиқ мебошанд.

Ба I январи соли 1990 дар хоҷагиҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ саршумори чорвои зоти қазоқии

сарсафед зиёда аз 30 ҳазор сарро ташкил медод. Дар айни замон дар ҷумҳурӣ зоти мазкур барои дурагакунии саноатӣ, гибридкунонӣ ва афзоишдиҳии асилизотӣ истифода ва парвариш карда мешаванд.

Ин зот аз ҷиҳати маҳсулнокии гӯштӣ ва самаранокии сарфи хӯрок, бо зотҳои гӯштии ҷаҳонӣ рақобатпазир буда, ба стандартҳои байналмилалӣ мувофиқат менамоянд.

Дар чарогоҳҳои минтақаи парвариш худро нағз ҳис менамояд ва ба сардиҳои зимистон ва гармиҳои тобистон мутобиқ мебошанд.

Бунёди типи чорвои калони шохдори сергӯшти тоҷикӣ дар асоси корҳои селексионии зоти қазоқии сарсафед дар хоҷагиҳои зотпарварии ба номи С. Сафаров-и ноҳияи Балҷувон, хоҷагиҳои «Кангурт» ва «Файзобод»-и н. Темурмалик ва дар хоҷагиҳои инфиродии ноҳияҳои Балҷувон ва Ховалинг гузаронида шудааст.

Интихоби чорвои аввалин тавассути ворид кардани говҳо ва буққаҳои наслдиҳандаи зоти гӯштии қазоқии сарсафед аз хоҷагиҳои Ҷумҳурии Қазоқистон ва Федератсияи Россия ба хоҷагии "Қаҳрамон" (ҳоло хоҷагии зотпарварии С.Сафаров) ворид гардидааст.

Ба ин хоҷаги дар маҷмӯъ 377 сар гову ғуноҷинҳои 16-17 моҳа бо вазни миёнаи як сар 305,6 кг ворид карда шуд.

Тавсифоти типи офаридашуда аз рӯи таркиби зот вобаста ба хоҷагиҳо дар ҷадвали 3.1. оварда шудааст.

Аз рӯйи нишондодҳои ҷадвали 3.1. маълум мегардад, ки дар хоҷагии кооперативии "Кангурт", хоҷагии деҳқонии "Файзобод" ва аҳолии ноҳияи Темурмалик саршумори чорвои сергӯшти типи тоҷикӣ ҳамагӣ - 277 сар, ва он ҷумла, модаговҳо - 160 сар, ғуноҷинҳо – 50 сар, буққаҳои наслӣ – 7 сар, буққаҳои таъмирӣ 60 сарро ташкил намуданд.

**Ҷадвали 3. 1. -Саршумори асосии чорвои навбунёди типи сергӯшти тоҷикӣ ба 1 январи с. 2025**

| Хоҷагиҳо/ноҳияҳо | Миқдори чорвои сергӯшти тоҷикӣ, сар | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | модаговҳо | ғуноҷинҳо | буққаҳои наслӣ | буққа-чаҳои таъмирӣ | Ҷамъ |
| Кангурт, Файзобод ва аҳолӣ н. Темурмалик | 160 | 50 | 7 | 60 | 277 |
| С. Сафаров, фермерӣ ва аҳолӣ н. Балҷувон | 240 | 100 | 4 | 20 | 364 |
| Хоҷагиҳои н. Ховалинг | 300 | 110 | 4 | 40 | 454 |
| Ҷамъ: | 700 | 260 | 15 | 120 | 1095 |

Дар хоҷагии ба номи С.Сафарови ноҳияи Балҷувон ва аҳолӣ ҳамагӣ - 364 сар, модаговҳо – 240 сар, ғуноҷинҳо –100, буққаҳои наслӣ – 4 сар ва буққачаҳои таъмирӣ - 20 сар ва дар хоҷагиҳои ноҳияҳои Ховалинг, мутаносибан, 300 сар, 110 сар, 4 сар, 40 сар, ҷамъ 1040 сар парвариш меёбанд.

Дар ҷадвалҳои 3.2., 3.3. ва 3.4. тавсифи говҳои бехтарини сароилаҳо аз рӯи насли онҳо вобаста ба хоҷагиҳо оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.2. - Тавсифи говҳои сароилаҳо дар хоҷагии кооперативии Кангурти н. Балҷувон**

| Р/т | Тахаллус ва рақами сароилаҳо | Зоиш | Вазни зинда, кг | Баҳодиҳии намуди зоҳирӣ, бал |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Санам 2842 | 6 | 560 | 87 |
| 2 | Раванд 3214 | 3 | 550 | 90 |
| 3 | Қурб 0181 | 4 | 585 | 85 |
| 4 | Олифа 6214 | 3 | 560 | 85 |
| 5 | Маъмула 1167 | 6 | 570 | 88 |
| 6 | Олуча 6123 | 2 | 500 | 88 |
| 7 | Вахшон 8764 | 3 | 520 | 90 |
| 8 | Лаъл 0133 | 3 | 590 | 89 |
| 9 | Оранҷ 1206 | 6 | 590 | 90 |



**Расми 3.3. -Гурӯҳи селексионии қатори гомологии Кангурт, ноҳияи Темурмалик**

**Ҷадвали 3.3. - Тавсифи говҳои сароилаҳо дар хоҷагии Файзободи н. Темурмалик**

| № п/п | Тахаллус ва рақами сароилаҳо | Зоиш | Вазни зинда, кг | Баҳодиҳии намуди зоҳирӣ, бал |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Хушрӯча 2002 | 5 | 570 | 88 |
| 2 | Зуля 1585 | 4 | 560 | 91 |
| 3 | Бурранг 0181 | 3 | 590 | 87 |
| 4 | Ҷулида 6014 | 4 | 565 | 86 |
| 5 | Чақонак 6268 | 5 | 575 | 90 |
| 6 | Алоча 8889 | 3 | 550 | |
| 7 | Ғуночин 1024 | 4 | 540 | 92 |
| 8 | Аловак 08091 | 5 | 610 | 91 |
| 9 | Дуранг 186 | 5 | 620 | 92 |



**Расми 3. 4. – Гурӯҳи селексионии қатори гомологии ХДФ Файзобод, нохияи Темурмалик**

**Ҷадвали 3.4. - Тавсифи говҳои сароилаҳо дар хоҷагии С. Сафарови н. Балҷувон**

| № п/п | Тахаллус ва рақами сароилаҳо | Зоиш | Вазни зинда, кг | Баҳодиҳии намуди зоҳирӣ, бал |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Зардина 2222 | 4 | 565 | 89 |
| 2 | Гулоба 0224 | 5 | 555 | 92 |
| 3 | Алояк 198 | 3 | 590 | 87 |
| 4 | Мавҷак 3562 | 5 | 580 | 86 |
| 5 | Қашқа 6548 | 4 | 590 | 89 |
| 6 | Сиёҳча 8999 | 3 | 530 | 90 |
| 7 | Лапашанг 895 | 4 | 545 | 91 |
| 8 | Қашанг 8127 | 4 | 600 | 88 |
| 9 | Бучул 9376 | 5 | 605 | 89 |



**Расми 3. 5. - Гурӯҳи селексионии қатори гомологии хоҷагии С. Сафаров-и нохияи Балчувон**

Дар натиҷаи муайян намудани қобилияти мутобиқшавӣ, тартиб додани нақшаи интихоб ва хостагирӣ барои ташкили подаҳои селексионӣ ва такрористеҳсолкунӣ, сохти конститутсионӣ, намуди беруна (экстерер), муайян кардани таркиби хун, гӯшт, пӯст, нафаскашӣ, таркиби химиявии гӯшт ва равған, таркиби морфологии тану тӯш, таркиби ғизои гӯштӣ, тана ва бадан дар подаҳои хоҷагиҳои зотпарварӣ ва деҳқонӣ парвариши саршумори чорвои гӯштӣ бо ду роҳ гузаронида шуд. Дар айни замон дар дохили чорвои сергӯшти типи тоҷикӣ 2 гурӯҳи гомологӣ ва 4 оила дар хоҷагиҳои ноҳияҳои Темурмалик ва Балҷувони вилояти Хатлон ташкил карда шуд.

### 3.3. Шароити хӯронидан ва парвариши буққачаҳо

Дар давраи таҷрибаҳои илмӣ-истеҳсолӣ барои гурӯҳҳои таҷрибавии чорво хӯрокдиҳӣ ва нигоҳубин дар шароити якхела фароҳам оварда шуд. Ҷавонаҳоро, ки аз аввали баҳор ба гурӯҳҳои таҷрибавию назоратӣ ҷудо карда шуда буданд, дар давраи ширдиҳӣ ҳамроҳи модаронашон дар

чарогоҳҳои тобистона, бе хӯроки иловагӣ нигоҳ дошта шудаанд. Мавсими чарогоҳ аз нимаи аввали моҳи апрел то нимаи моҳи июн сар шуд, ки дар он ҷо чорво дар байни дарахту буттаҳо мечарид.

Ҷавонаҳоро бо алафи чарогоҳ хӯронидан, ба афзоиши онҳо нисбат ба хӯронидани алафҳои даравидашуда дар охурҳо, бартариҳои зиёди дорад. Дар зери таъсири ҳаракати доимӣ ва хӯрдани алафи тар, дар зери таъсири нури офтоб, ҳавои тағйирёбанда ва тоза тамоми бофтаҳо, узвҳо ва системаҳои ҷавонаҳо таъсир мекунанд, чуқурии нафаскашӣ ва дараҷаи шамолхӯрии шуш кам мешавад.

Дар баробари ин, истеъмоли оксиген ва ихроҷи гази карбон зиёд мешавад, инкишофи қафаси сина беҳтар, гардиши хун зиёд, фаъолияти асаб беҳтар, функсияҳои муҳофизатии пӯст, функсияҳои гармидиҳии буққачаҳо, устухонҳо ва мушакҳои скелетӣ беҳтар шуда, сар, гардан, дасту пой, пушт, камар ва тамоми узвҳои бадани буққачаҳо инкишоф меёбанд. Дар вақти чаронидан дар чарогоҳ ҷавонаҳо ҳамеша хӯроки тару тоза мегиранд. Афзоиши чорво беҳтар шуда, саломатии онҳо мустаҳкам мегардад.

Алаф пас аз чаронидани чорво назар ба даравидан хеле тезтар месабзад. Хӯронидани ҷавонаҳо бо алафҳои даравкардашуда хеле кам амалӣ мешавад. Барои буққачаҳои ҷавон дар тобистон хӯроки минералӣ дар шакли "намак-лесид" истифода мешавад.

Муайян кардани ратсиони хӯрокдиҳӣ, инчунин намуди хӯрокдиҳӣ низ ба маҳсулнокии гӯшти чорвои калони шохдор ва сифати гӯшти гов, таъсири муайян мерасонанд. Муқаррар карда шудааст, ки ба ҷавонаҳо аз рӯи ратсион додани хӯроки консентратасиаш зиёд аст, суръати дар оргаизм ҷамъ шудани равғанро метезонад ва ба онҳо хӯрокиҳои сершираю сабз додан имкон медиҳад, ки дар танаи онҳо кам равған ҷамъ шавад.

Мувофиқи тадқиқоти олимони Амрико ҳангоми фарбеҳ кардани буққачаҳо ва кастратҳо бо гранулаҳои юнучқа вазнафзункунии шабонарӯзии онҳо ба ҳисоби миёна 1,050 кг, маҳсулнокии забҳ баъд аз

фарбеҳкунӣ 55,4%, майдони «чашми мушакҳо» 71,1 см$^2$ ва ғафсии равғани зери пӯст 9,4 миллиметрро ташкил дод. Дар вақти фарбеҳ кардани буққачаҳо бо дони ҷуворимакка дар як шабонарӯз - 1270 кг вазнафзункунӣ, маҳсулнокии забҳ баъд аз фарбеҳкунӣ - 59,9%, майдони «чашми мушакҳо» - 68,5 см$^2$ ва ғафсии равғани зери пӯст - 17 мм зиёд шуд. Ҳамин тавр, бо ратсиони ғалладонагӣ фарбеҳшавии буққачаҳо ба серравғании гӯшт оварда мерасонад.

Дар Тоҷикистон соҳаи чорводории махсуси гӯштӣ асосан дар ноҳияҳои доманакӯҳ ва кӯҳсор, ки майдонҳои васеи заминҳои табиии хӯроки чорво доранд, мутамарказ шудааст. Аммо аз сабаби шароити табиию иқлимӣ хӯроки консентратӣ дар баланси хӯроки чорвои хоҷагиҳои ин минтақаҳо ҷои ночизро ишғол мекунад. Бинобар ин, дар хоҷагиҳои ҷумҳурӣ истифода бурдани ратсионҳои хӯрокдиҳиро барои фарбеҳкунонии чорво, ки дар онҳо консентратҳо бартарӣ доранд, васеъ ҷорӣ кардан мумкин нест.

Азбаски чарогоҳҳои минтақаҳои поёнӣ сӯхта, дар нишебиҳои болоӣ алаф мерӯяд, чорво ба минтақаи растаниҳои субалпӣ ва алпӣ ронда шуда, дар он ҷо то охири моҳи сентябр мечаронанд. Бо фаросии сармо чорво мунтазам ба минтақаҳои алафзори поёнӣ ронда мешаванд. Обёрӣ дар чарогоҳ аз сарчашмаҳои табиии обҳои барфу борон истифода бурда мешавад.

Дар ин давра ба чорво хӯроки консентратӣ дода нашуда, онҳо фақат бо намак таъмин карда мешуданд. Баъд аз он буққачаҳои таҷрибавӣ дар давраи охирини фарбеҳкунӣ нигоҳ дошта шуданд. Чорво озодона, гурӯҳ-гурӯҳ дар майдони сайругашт дар зери айвонҳо нигоҳ дошта шуда, ба охурҳои хӯрокдиҳӣ ва обнӯшӣ дастрасӣ доштанд.

Ба ҳар як чорво ба ҳисоби миёна 2 м$^2$ масоҳат рост меояд, ки дар онҳо охурҳои хӯрокдиҳии бетонӣ ва охурҳои обнӯшӣ чиҳозонида шудаанд.

Дар таҷриба ба буққачаҳои гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ шароити якхелаи нигоҳубинӣ ва ғизодиҳӣ фароҳам оварда шудааст. Ҷавонаҳое, ки

дар мавсими барвақти баҳорӣ таваллул шудаанд, бо модаговҳо дар оғилхона нигоҳ дошта, ба майдони сайругашт озодона дастрасӣ доштанд.

Буққачаҳо аз моҳи апрел то октябр дар чарогоҳҳои баландкӯҳ, ки дар баландии 2,5-3,5 ҳазор метр аз сатҳи баҳр воқеъ гардидаанд, шаш моҳ бо модаговҳо нигоҳ дошта шуданд. Онҳо дар ин ҷо ба ғайр аз шири модар аз хӯроки растаниҳои чарогоҳӣ ва онҳо обнӯширо аз обёрии рӯдҳо ва дарёҳои кӯҳӣ истифода мебурданд.

Баъди аз модар ҷудо кардан, чорвои таҷрибавӣ дар баландии 1600 - 2000 метр аз сатҳи баҳр дар шароити парвариши чарогоҳии тирамоҳию зимистона дар майдони сайру гашт озодона парвариш карда шуданд. Муқаррар карда шуд, ки дар структураи хӯроки истеъмолшаванда дар байни гурӯҳҳо тафовути ҷиддие вуҷуд надорад, гарчанде қайд карда шуд, ки ба ҳисоби мутлақ ва миёна буққачаҳои чорвои калони шохдори сергӯшти типи тоҷикӣ нисбат ба ҳамсолони чорвои дурага ва маҳаллӣ бештар хӯрока истеъмол мекунанд. Инро бо он маънидод мекунанд, ки вазни зиндаи буққачаҳои гурӯҳи таҷрибавӣ дар ҳамаи давраҳои синну соли хеле зиёд буд.

### 3.4. Хусусиятҳои афзоиш ва рушди буққачаҳо дар давраи парвариш

Чунонки маълум аст, дар Тоҷикистон дар байни чорвои махсусгардонидашудаи сергӯшт зотҳои мутобиқшудаи қалмиқӣ, абердин-ангусӣ, қазоқии сарсафед ва дурагаҳои онҳо мавқеи калон доранд. Онҳо дар минтақаи кӯҳистонии Кӯлоби вилояти Хатлон васеъ паҳн шудаанд, ки ин аз тобоварӣ, танаи мустаҳкам, маҳсулнокии хуби гӯштӣ ва ба иқлими континенталӣ мутобиқ шудани онҳоро гувоҳӣ медиҳад [Қарақулов А.Б., 1993; Заднепрянский, 2015; Косилов В.И., 2017; Иргашев Т.А., Косилов В.И., 2017; Жаймышева С.С., 2018].

Дар структураи подаи хоҷагиҳои вилоят ҳиссаи калонро чорвои маҳаллӣ ишғол мекунанд, ки ба онҳо сифатҳои нисбатан пасти маҳсулнокӣ хосанд. Бояд гуфт, ки дар ин минтақаи таҳқиқшаванда оид ба мақсад мувофиқ будани парвариши зоти алоҳидаи чорвои гӯштӣ асосҳои

илмӣ мавҷуд нестанд, масъалаҳои чӣ дар фасли зимистон ва чӣ дар фасли тобистон нигоҳ доштани чорво ба қадри кифоя ҳал карда нашуда, бисьёре аз элементҳои интенсификатсияи истеҳсоли гӯшти гов кор карда баромада нашудаанд. Ҳамзамон, ҳалли ин масъалаҳо имкон медиҳад, ки сатҳи истеҳсоли гӯшти гов баланд гардад, сарфи меҳнат ва маблағ ба воҳиди маҳсулот вобаста карда шавад [Қарақулов А.Б., 2013; Иргашев Т.А., 2017].

Дар шароити минтақаи кӯҳистони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сифатҳои маҳсулнокии чорвои маҳаллӣ доир ба омӯзиши самаранокии ду зоти чорвои маҳаллӣ бо истеҳсолкунандагони сергӯшти типи тоҷикии нав тадқиқотҳо гузаронида шуданд [Косилов В.И., 1999; Раҷабов Ф.М., 2008; Ҳусейнов М., 2010].

Ҳамин тариқ, тадқиқоти ҳамаҷониба оид ба баҳодиҳии муқоисавии сифатҳои маҳсулнокӣ ва хусусиятҳои хоҷагидорию биологии саршумори популятсияи чорвои калони сергӯшти типи тоҷикӣ, чорвои зебумонанди маҳаллӣ ва ҷавонаҳои дурагаи онҳо барои гӯшт парваришшаванда дар шароити чарогоҳҳои табиию иқлимии доманакӯҳ ва кӯҳистон мувофиқ буда, барои баланд бардоштани иқтисодиёти хоҷагиҳо аҳамияти калони илмию истеҳсолӣ доранд.

Дар чарогоҳ тамоми сол нигоҳ доштан ва хӯрок додани ҷавонаҳои гурӯҳҳои таҷрибавӣ суръати баланди инкишофи индивидуалии онҳоро таъмин намуд. Дар баробари ин, аз сабаби хусусиятҳои генетикӣ суръат ва афзоиши чорвои маҳаллӣ нисбатан паст буд. Афзоиши вазни зиндаи онҳо нисбатан суст афзуда, аз рӯи ин нишондиҳанда назар ба ҷавонаҳои гурӯҳҳои таҷрибавии муқоисашаванда хеле паст буд.

Хусусияти системаи нигоҳубини чорвои гӯштӣ дар ноҳияҳои кӯҳӣ ва доманакӯҳҳои Тоҷикистон дар самаранок истифода бурдани чарогоҳҳо вобаста мебошад. Бинобар ин, дар тадқиқотҳои мо динамикаи вазни зиндаи буққачаҳои гурӯҳҳои муқоисашаванда аз рӯи синну сол оварда шудааст, ки бо қобилияти чаронидани онҳо тавсиф мешавад.

### 3.4.1. Вазни зиндаи буққачаҳои генотипҳои гуногун

Гурӯҳҳои буққачаҳои муқоисашаванда ҳам аз чарогоҳҳои тобистона ва ҳам аз чарогоҳҳои зимистона самаранок истифода мебаранд. Айни замон тағийрёбии генотипӣ дар нишондиҳандаҳои чарогоҳӣ ба таври равшан намоён аст. Дар чорводории гӯштӣ нишондиҳандаи асосие, ки арзиши хоҷагидории чорворо тавсиф мекунад, вазни зиндаи он мебошад. Динамикаи вазни зиндаи буққачаҳои генотипҳои омӯхташуда дар ҷадвали 3.6. оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3. 6. - Тайғирёбии вазни зиндаи буққачаҳо вобаста ба сину сол, кг ($\overline{X} \pm S\overline{x}$)**

| Синну сол, моҳ | Гурӯҳ | | |
|---|---|---|---|
| | I | II | III |
| Навзод | 20,3±0,88 | 25,0±0,69 | 25,3±0,74 |
| 8 | 137,5±4,47 | 161,0±2,48 | 168,2±2,36 |
| 12 | 223,0±8,52 | 225,4±3,08 | 239,5±4,85 |
| 15 | 258,4±8,20 | 257,0±2,98 | 271,2±4,77 |
| 18 | 308,3±9,34 | 321,5±3,84 | 334,6±5,23 |
| 20 | 338,0±10,7 | 382,2±4,19 | 389,4±7,84 |

Аз нишондодҳои ҷадвали 3.6. бармеояд, ки вазни зиндаи буққачаҳои гурӯҳи I ҳангоми таваллуд 20,3 кг, гурӯҳи II - 25,0 кг ва гурӯҳи III - 25,3 кг буд. Дар буққвчаҳои гурӯҳи III бартарӣ дар динамикаи вазни зинда нисбат ба давраҳои синну соли минбаъда мушоҳида шуд. Масалан, дар синни 20 моҳагӣ, ин бартарӣ дар байни гурӯҳҳо, мутаносибан, 15,21% ва 1,88% буд.

Афзоиши вазни мутлақ ва шабонарӯзии гурӯҳҳои тадқиқшудаи буққачаҳо дар ҷадвали 3.7 оварда шудааст.

Аз маълумоти дар ҷадвали 3.7 овардашуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки афзоиши мутлақ ва нисбии вазни зиндаи генотипҳои муқоисашудаи буққачаҳо хусусиятҳои хоси худро доранд. Махсусан, зиёдшавии вазни зинда аз давраи аз таваллуд то 8-моҳа дар буққачаҳои гурӯҳи III - 142,9 кг ё назар ба ҳамсолони гурӯҳи I - 21,92 фоиз ва гурӯҳи II - 5 ,07 фоиз зиёд буд.

**Ҷадвали 3.7. - Афзоиши вазни зиндаи буққачаҳо**

| Давраи синну сол, моҳҳо | Гурӯҳ | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | I | | II | | III | |
| | Мутлак, кг | Вазнафзункуии шабонарӯзи, г | Мутлак., кг | Вазнафзункуиишаб онарӯзи, г | мутлак, кг | Вазнафзункуиишаб онарӯзи, г |
| 0-8 | 117,2 | 488 | 136,0 | 567 | 142,9 | 595 |
| 8-12 | 85,5 | 713 | 64,4 | 370 | 71,3 | 594 |
| 12-15 | 35,4 | 393 | 51,6 | 573 | 31,7 | 352 |
| 15-18 | 49,9 | 554 | 64,5 | 717 | 63,4 | 704 |
| 18-20 | 44,0 | 489 | 66,5 | 672 | 54,8 | 609 |
| 0-12 | 202,7 | 552 | 180,4 | 496 | 214,2 | 595 |
| 0-15 | 238,1 | 530 | 232,0 | 510 | 245,9 | 546 |
| 0-18 | 287,9 | 534 | 296,5 | 544 | 309,3 | 573 |
| 0-20 | 317,7 | 504 | 357,0 | 567 | 364,1 | 578 |

Аз 8 то 12-моҳа вазни мутлақи буққачаҳои гурӯҳи I низ 85, 5 кг-ро ташкил дод, ки ин нисбат ба буққачаҳои гурӯҳи II ва III - мутаносибан 32,76 ва 19,92 % зиёд мебошад. Дар давраи аз 12 то 15-моҳа низ чунин ҳолат мушоҳида шудааст. Ин шаҳодат медиҳад, ки буққачаҳои зебумонанди маҳаллӣ хӯрокиҳои чарогохро нисбатан самаранок истифода мебаранд.

Ба ҳамаи гуруҳҳои буққачаҳои генотипҳои омӯхташуда давраи синну сол аз 0 то 18 моҳ бо афзоиши баланди шабонарӯзии вазн хос бошад ҳам, дар ин давра буққачаҳои гурӯҳи III бартарият нишон доданд. Ин афзалиятро буққачаҳои гурӯҳҳои II ва III аз 0 то 20 моҳ нигоҳ доштанд (P <0,01).

Нисбатан баланди вазни зиндаи буққачаҳои генотипашон гуногун дар давраи парвариш ба шароити мусоиди обу ҳавои мавсими тобистону тирамоҳи сол, инчунин сифати баланди алафҳои чарогоҳ вобаста мебошад.

Ҳамин тариқ, вазни мутлақ ва миёнаи шабонарӯзии буққачаҳои типи тоҷикӣ нисбат ба ҳамсолони дурага ва маҳаллии худ бартарӣ доштанд. Ин хусусиятҳои хуби мутобиқшавии буққачаҳои типи тоҷикиро

нишон медиҳад, ки ба онҳо имкон медиҳад суръати афзоиши хоси худро нигоҳ доранд ва ин қобилиятро ба наслҳои худ диҳад.

Суръати афзоиши нисбии вазни зиндаи буққачаҳо дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ дар сини аз таввалуд то 20 моҳа фарқияти мушаххасро нишон дод (ҷадвали 3.8).

**Ҷадвали 3.8. - Суръати афзоиши вазни зиндаи буққачаҳо, %**

| Давраҳои синну сол, моҳ | Гурӯҳ | | |
|---|---|---|---|
| | I | II | III |
| 0-8 | 148,5 | 147,70 | 146,24 |
| 8-12 | 47,4 | 34,98 | 24,24 |
| 12-15 | 14,7 | 12,41 | 22,32 |
| 15-18 | 17,6 | 20,93 | 22,29 |
| 12-18 | 32,1 | 33,13 | 44,07 |
| 12-20 | 41,1 | 47,67 | 60,13 |
| 18-20 | 9,2 | 15,14 | 17,20 |
| 8-1 | 76,6 | 66,19 | 66,53 |
| 8-20 | 87,0 | 79,34 | 81,40 |
| 0-18 | 175,3 | 171,88 | 171,14 |
| 0-20 | 163,7 | 175,60 | 175,43 |

Тавре ки дар ҷадвали 3.8 нишон дода шудааст, суръати афзоиши буққачаҳо гуруҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ вобаста ба синну сол фарқ мекунанд. Суръати афзоиши вазни зиндаи буққачаҳои гурӯҳи I аз 8 то 12-моҳа назар ба гурӯҳҳои II ва III 12,42 ва 23,16 фоиз зиёд буд. Аз 12 то 20 моҳ суръати нисбии афзоиши буққачаҳои гурӯҳи III - 60,13 % ташкил намудааст, ки нисбат ба гуруҳҳои I ва II, мутаносибан, 19,03 ва 12,46 % зиёд буд. Аз давраи таваллуд то 20-моҳа суръати афзоиши нисбии буққачаҳои гурӯҳи II - 175,60 фоиз, буққачаҳои гурӯҳи III - 175,43 фоиз, буққачаҳои гурӯҳи I - 163,70 фоизро ташкил дод.

Барои тасдиқи ин гуфтаҳо дар ҷадвали 3.9. ва расми 3.6. коэффисент ва сурати афзоиши буққачаҳо нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 3. 9. - Коэффитсиенти афзоиши буққачаҳо, %**

| Синну сол, моҳ | Гурӯҳ | | |
|---|---|---|---|
| | I | II | III |
| 8 | 6,8 | 6,4 | 6,7 |
| 12 | 11,0 | 8,2 | 9,5 |
| 15 | 12,7 | 10,3 | 10,7 |
| 18 | 15,2 | 12,9 | 13,2 |
| 20 | 16,7 | 15,3 | 15,4 |




**Расми 3.6. - Коэффитсиенти суръати афзоиши буққачаҳо, %**

Маълумот дар расми 3. 2 нишон медиҳад, ки суръати афзоиши буққачаҳо вобаста ба синну сол зиёд мешавад. Ин афзоиш дар синни 18 ва 20-моҳагӣ баръало мушоҳида мешавад. Аобаста ба ин генотипи чорво хусусиятҳои хоси худро дорад.

### 3.5. Рушд ва афзоиши буққачаҳои генотипҳои гуногун

Маълум аст, ки ба инкишофи шакли бадани буққачаҳо омилҳои гуногуни генотипӣ ва фенотипӣ: зот, намуд, ҷинс, синну сол, хусусиятҳои физиологӣ, суръати мубодилаи моддаҳо, дараҷаи нигоҳубин, хӯронидан ва ғайра таъсир мерасонанд.

Барои ба даст овардани тасвири пурраи афзоиш ва инкишофи буққачаҳо, ба ғайр аз муайян кардани вазни зинда, мо шакли берунӣ ва

конститутсионии буққачаҳои муқоисашударо дар шароити якхелаи нигоҳдорӣ ва хӯронидан арзёбӣ намудем.

Нишондиҳандаҳои асосии муайян намудани андозаи бадани чорво ченакҳои бадан мебошанд.

Дар робита ба ин, ченакҳои бадани буққачаҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ дар синни 12 ва 20 моҳа муайян карда шуданд, ки натиҷаҳои онҳо дар ҷадвали 3.10 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3.10. - Тағйирёбаи ченаки бадани буққачаҳо вобаста ба синну сол, (М ± м, см)**

| Нишондодҳо | Сину сол | Гурӯҳ | | |
|---|---|---|---|---|
| | | I | II | III |
| Баландӣ то кухон (дар ёл) | 12 | 102,0±0,53 | 104,2±1,8 5 | 109,6±1,43 |
| | 20 | 112,3±1,22 | 112,9± 1,24 | 116,6±1,28 |
| Баландӣ дар устухони чорбанд | 12 | 106,2±4,66 | 107,4±1,52 | 114,2±0,78 |
| | 20 | 117,2±1,84 | 118,0±1,34 | 123,1±1,31 |
| Дарозии каҷии бадан | 12 | 105,5±1,26 | 113,2±1,96 | 117,0±1,29 |
| | 20 | 130,1±1,66 | 135,3±1,90 | 146,7±1,10 |
| Даври қафаси сина | 12 | 116,3±3,11 | 125,4±1,72 | 132,2±1,03 |
| | 20 | 157,6±0,92 | 160,3±2,25 | 170,7±0,48 |
| Паҳноии қафаси сина | 12 | 24,2±1,06 | 28,7±0,76 | 29,6±0,46 |
| | 20 | 36,5±0,70 | 37,3±0,92 | 40,2±0,64 |
| Чукурии қафаси сина | 12 | 47,3±1,00 | 50,4±0,76 | 55,0±0,65 |
| | 20 | 59,1±0,88 | 60,4±0,90 | 63,2±0,50 |
| Васегии қафаси сина | 12 | 30,5±0,68 | 32,5±0,60 | 34,0±1,63 |
| | 20 | 36,6±0,79 | 37,9±0,66 | 42,0±0,48 |
| Даври устухони пой | 12 | 12,9±0,36 | 13,9±0,28 | 14,6±0,29 |
| | 20 | 17,1±0,28 | 17,4±0,36 | 18,3±0,13 |

Аз нишододҳои ҷадвали 3.10. маълум гардид, ки ченакҳои бадани чорво бо зиёд шудани синну сол меафзояд. Тавре ки дар ҷадвали 3.10 нишон дода шудааст, дарозии каҷи бадани буққачаҳо гурӯҳи III дар 12 моҳагӣ 117,0 см ва дар 20 моҳагӣ 146,7 см буд, ки нисбат ба ҳамсолонӣ гурӯҳи I 11,5 ва 16,60 см дарозтар ва нисбат ба буққачаҳои гурӯҳи II, мутаносибан, 3,60 ва 11,4 см дарозтар аст.

Ҳамчунин, чуқрии қафаси синаи буққвчаҳои гуруҳи I дар сини 12 ва 20 моҳаи , мутасонибан, 47,3 ва 59, 1, гурӯҳи II - 50,4 ва 60,4,

гурӯҳи III - 55,0 ва 63,2, давраи қафаси синаи буққаччаҳои гурӯҳи III дар 12 моҳагӣ 132,2 см ва дар 20 моҳагӣ 170,7 см буд. Нишондоди давраи устухони пойи буққачаҳои гурӯҳи III вобаста ба синну сол мутаносибан 14,6 ва 18,3 см буданд, ки аз рушди беҳтари дасту пойҳо шаҳодат медиҳанд.

Ин афзалият дар расми 3.7. равшантар нишон дода шудааст.




**Расми 3.7. - Ченакҳои асосии бадани буққачаҳо, см**

Дар расми 3.7 нишон дода шудааст, ки байни гурӯҳҳои муқоисашудаи буққачаҳо дар нишондодҳои андозаи бадан фарқиятҳои назаррас мушоҳида нашудаанд. Ҳамаи гурӯҳҳо афзоиши мунтазами андозаҳо, аз қабили баланди дар куҳон, дарозии бадан, ғафсии давраи сина ва ғафсии устухони пой, нишон доданд.

Вобаста ба нишондодҳои ченакҳои дар боло нишондодашуда идекси шакли танаи буққачаҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ вобаста ба сину сол муайян карда шуд.

Индекси шакли тана, нишондиҳандаи зоотехникӣ мебошад, ки барои баҳодиҳии комплексии инкишофи бадани чороворо имконият медиҳад. Инчунин мутаносиби фақияти байни ченакҳои танаи чорворо, баъд аз гирифтани ченаки бадан, нишон медиҳад. Ин усули зоотехникӣ

имконият медиҳад, типи экстерерӣ - намуди берунаи чорво ва тараққӣ ёфтани ҳар як қисми танаро муайян намояд.

Индексҳои бадан шакли афзоиш ва рушди чорворо муайян мекунанд. Ин маълумотҳо, ки ба тадқиқоти мо алоқаманданд, дар ҷадвали 3.11 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3.11. - Нишондиҳандаҳои индекси бадани буққачаҳо**

| Нишондодҳо | Сину сол, моҳ | Гурӯҳ | | |
|---|---|---|---|---|
| | | I | II | III |
| Дарозпоӣ | 12 | 53,7 ± 1,08 | 54,0 ± 2,07 | 53,7 ± 0,49 |
| | 20 | 47,3 ± 0,59 | 46,0 ± 0,83 | 45,7 ± 0,40 |
| Тӯлонӣ | 12 | 113,6 ± 1,70 | 111,1 ± 1,33 | 112,6 ± 1,22 |
| | 20 | 115,9 ± 2,51 | 121,7 ± 1,56 | 125,9 ± 1,25 |
| Чорбанди сандуқи сина | 12 | 89,3 ± 2,85 | 96,7 ± 3,58 | 105,4 ± 2,88 |
| | 20 | 99,9 ± 1,66 | 98,9 ± 2,77 | 95,6 ± 1,25 |
| Сари синагӣ | 12 | 54,1 ± 1,57 | 61,1 ± 1,52 | 61,6 ± 1,18 |
| | 20 | 61,8 ± 0,80 | 61,8 ± 1,93 | 63,5 ± 1,03 |
| Пуррагӣ | 12 | 116,3 ± 2,31 | 120,6 ± 1,38 | 120,4 ± 1,49 |
| | 20 | 121,2 ± 1,65 | 118,1 ± 1,70 | 116,4 ± 0,45 |
| Ҷусатанагӣ | 12 | 104,5 ± 0,87 | 103,3 ± 1,27 | 104,3 ± 1,53 |
| | 20 | 104,3 ± 0,93 | 104,5 ± 1,85 | 105,6 ± 0,66 |
| Серустухонӣ | 12 | 14,7 ± 0,45 | 14,9 ± 0,32 | 14,9 ± 0,27 |
| | 20 | 15,2 ± 0,67 | 13,8 ± 0,71 | 15,7 ± 0,16 |
| Гӯштнокӣ | 12 | 73,2 ± 1,68 | 73,7 ± 0,81 | 76,6 ± 0,13 |
| | 20 | 75,9 ± 2,48 | 83,4 ± 2,20 | 82,9 ± 1,47 |

Яке аз нишондиҳандаи индекси тана, ин *индекси дарозпойи* мебошад, ки бо зиёд шудани синну сол ин нишондиҳанда дар ҳамаи гурӯҳҳо қоҳиш меёбад ва дар ин ҷо танаи чорво нисбат ба пойҳо интенсивона инкишоф меёбад. Пастшавии индекси дарозпойи ва инкишоф ёфтани тана пеш аз ҳама бештар дар буққачаҳои гурӯҳи III дар синни 12-моҳагӣ - 53,7 ва дар синни 20-моҳагӣ - 45,7 мушоҳида карда шудааст ва ин гурӯҳи буққачаҳо бояд ба типи чорвои гӯшти дохил шаванд.

*Индекси тӯлонӣ* бошад, баракс, нишондиҳандаи баланд дар буққачаҳои гурӯҳи III аз 112,6 то 125,9 қайд карда шудааст. Ин дарозшавии назарраси бадан то синни 20-моҳагӣ қайд карда шудааст, ва онҳо метавонанд иқтидори баланди истеҳсоли гӯштро нишон диҳанд.

*Чорбанди сандуқи сина,* дар синни 12-моҳагӣ дар буққачаҳои гурӯҳи III (105,4) нисбат ба дигар гурӯҳҳо баландтар буда, ва дар синни 20-моҳагӣ бошад, нисбатан паст (95,6) гардидааст.

Нишондоди нисбатан баландтар дар индекси *сари синагӣ* дар синни 20-моҳагӣ дар буққачаҳои гурӯҳи III (63,5) мебошад, ки ин рушди қафаси синаро нишон медиҳад ва ин нишонаи муҳими маҳсунокии гӯштӣ мебошад.

*Индекси ҷусатанагӣ* дар ҳамаи гурӯҳҳо ва синну сол якхела боқӣ мондаст, ки ин аз мувозинати чорво шаҳодат медиҳад.

Ин таҳлилҳо дар интихоби чорво барои гирифтани насл, фарбеҳ кардан ва муайян намудани самти маҳсулнокии он аҳамият калон дорад.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки аз ҷиҳати нишондиҳандаҳои афзоиш ва инкишоф, буққачаҳои типи гӯштии тоҷикӣ дар синни 20-моҳа дар аксари андозагирӣ ва нишондиҳандаҳои ҳолати бадан нисбат ба буққачаҳои маҳаллӣ ва дурага бартарӣ доштанд.

### 3.6. Нишондиҳандаҳои гематологии хуни буққачаҳо

Параметрҳои гематологӣ меъёри муҳими баҳодиҳии ҳолати физиологии чорвои хоҷагии қишлоқ ба шумор меравад. Параметрҳо ба монанди гемоглобин, лейкосидҳо ва эритросидҳои хун барои назорат кардани мубодилаи оксиген, фаъолияти иммуногенетикӣ ва қобилияти мутобиқшавии чорво имкон медиҳанд.

#### 3.6.1. Нишондиҳандаҳои морфологии хуни буққачаҳо

Нишондодҳои гематологӣ меъёри муҳими баҳодиҳии ҳолати физиологии бадани чорвои кишоварзӣ мебошад. Пароаметрҳо ба монанди микдори гемоглобин, шумораи эритроситҳо ва лейкоситҳо, имконият медиҳанд, ки ҳолати мубодилаи оксиген, фаъолияти иммуногенетикӣ ва қобилияти мутобиқшавии бадани чорворо нигоҳ дорад.

Мақсади асосии корҳои илмию тадқиқотӣ ин муайян намудани динамикаи нишондодҳои гематологии буққачаҳоро дар синни 8-, 12- ва 20-моҳагӣ иборат мебошад.

Тадқиқотҳо нишон доданд, ки дар маҷмӯъ нишондиҳандаҳои гематологии буққачаҳои таҷрибавию назоратӣ дар меъёри физиологӣ қарор дорад (ҷадвали 3. 12., расми 3. 4).

**Ҷадвали 3. 12. - Тағйирёбии миқдори таркиби хуни буққачаҳо,** ($\overline{X} \pm S\overline{x}$)

| Нишондодҳо | Синну сол, моҳ | Гурӯҳ, | | |
|---|---|---|---|---|
| | | I | II | III |
| Гемоглобин, г/л | 8 | 82,1±4,2 | 83,2±5,4 | 80,5±7,6 |
| | 12 | 98,0±2,1 | 100,2±4,4 | 111,3±5,1 |
| | 20 | 101,3±3,6 | 107,0±2,5 | 116,4±4,8 |
| Эритроситҳо, $10^{12}$/л | 8 | 5,32±0,31 | 5,81±0,33 | 6,16±0,65 |
| | 12 | 5,60±0,42 | 5,97±0,54 | 5,91±0,48 |
| | 20 | 7,81±0,24 | 7,12±0,85 | 7,23±0,28 |
| Лейкоситҳо,$10^{9}$/л | 8 | 4,34±0,23 | 4,42±0,31 | 4,52±0,51 |
| | 12 | 4,44±0,30 | 4,84±0,47 | 5,87±0,34 |
| | 20 | 4,64±0,33 | 4,80±0,94 | 7,25±0,21 |

Чуноне, ки маълумотҳои ҷадвали 3.12. нишон медиҳанд, дар нишондиҳандаҳои хуни буққачаҳо фарқияти назаррас мушоҳида карда нашуд ва тағйирёбии мавсимии онҳо эҳтимолан натиҷаи мубодилаи организм ба тағйирёбии шароити муҳити зист бошад.

Муқаррар карда шуд, ки миқдори гемоглобин бо синну сол дар гурӯҳҳо зиёд шудааст. Мисол: дар синни 8-моҳагӣ миқдори гемоглобин аз 80,5 (гурӯҳи III) то 83,2 г/л (гурӯҳи II) ташкил намудаст. Дар синни 12-моҳагӣ ин нишондод вобаста ба гурӯҳҳо аз 98,0 г/л то 111,3 г/л ташкил дода нишондоди балантарин дар буққачаҳои гурӯҳи III мушоҳида карда шудааст. Дар синни 20-моҳагӣ бошад, нишондоди балантари гемоглобин дар буққачаҳои гурӯҳи III, ки 116,4 г/л ташкил дод, муайян карда шуд.

Ҳамин тариқ, миқдори баланди гемоглобин дар буққачаҳои гурӯҳи III ба қайд гирифта шудааст, ки ин аз беҳтар шудани оксиген дар бофтаҳо ва суръатнокии мубодилаи моддаҳоро дар ин гурӯҳи буққачаҳо нишон медиҳад.

Миқдори эритроцитҳо дар синни 8- моҳагии буққачаҳои гурӯҳи I – 5,32 х $10^{12}$/л, дар гурӯҳи II - 5,81 ва дар гурӯҳи III - 6,16х $10^{12}$/л буда, дар синни 12-моҳагӣ ин нишондод аз 5,60 то 5,97х$10^{12}$/л ва дар синни 20-моҳагӣ бошад, нишондоди баландтарин дар буққачаҳои гурӯҳи I - 7,81х$10^{12}$/л, паст - гурӯҳи II - 7,12 ва миёна гурӯҳи III –-7,23х$10^{12}$/л ташкил намуданд. Миқдори зиёди эритроситҳо дар буққачаҳои гурӯҳи I дар синни 20-моҳагӣ ба қайд гирифта шудааст.

Миқдори лейкоцитҳо дар хуни буққачаҳои ҳамаи гурӯҳҳо чӣ дар фасли тобистон ва чӣ дар фасли зимистон дар доираи аз 4,34 то 7,25 % –ро ташкил доданд. Миқдори зиёди лейкоситҳо дар синни 20-моҳагӣ, дар буққачаҳои гурӯҳи III - 7,25 х$10^{12}$/л ва нисбатан кам дар буққачаҳои гурӯҳи II – 4,80 х$10^{12}$/л муайян карда шуд.

Ҳамин тариқ, дар буққачаҳои таҷрибавию назоратӣ бо гузашти синну сол мунтазам зиёдшавии миқдори гемоглобин, эритросит ва лейкосит муайян карда мешавад, ки ин аз тағйирёбии ҳолатҳои физиологӣ, ки аз инкишофёбӣ ва тараққӣ ёфтани бадани чорво ба вуҷуд меояд, вобаста аст.

Таҳлил намудани таркиби сафедаи зардорби хуни буққачаҳо барои баҳо додан ба ҳолати функсионалии ҷигар, сатҳи раванди мубодилаҳои моддаҳо ва муқовимати иммунологии организм аҳамияти калон дорад.




**Расми 3. 8. - Тағйирёбии элементҳои таркиби хун дар буққачаҳои 20 моҳа, %**

Албуминҳо ва фраксияҳои гуногуни глобулинҳо (α, β, γ) дар организми чорво вазифаҳо ва функсияҳои муҳофизатӣ, нақлиётӣ ва танзимкуниро иҷро менамоянд.

Бинобар ин сабаб, мо дар корҳои тадқиқотии худ нишондиҳандаҳои морфологии хун консентратсияи сафедаи умумӣ, альбуминҳо ва глобулинҳо дар таркиби сафедаҳои зардоби хуни буққачаҳо омӯхтем, ки натиҷаи он дар ҷадвали 3.13. оварда шудааст.

Аз нишондодҳои ҷадвали 3. 13. маълум мегардад, ки миқдори зиёди сафедаи умумӣ дар буққачаҳои 8-моҳаи гурӯҳи III - 75,1 г/л буда, миқдори нисбатан ками онҳо дар буққачаҳои гурӯҳи I - 59,2 г/л муайян карда шуд. Ин иншондод дар синни 12-моҳагӣ нисбатан баланд шуда, дар буққачаҳои гурӯҳи III - 78,5 г/л ташкил намуд.

Дар синни 20-моҳагӣ бошад, миқдори сафеда дар гурӯҳҳо дар доираи меъёри физиологӣ қарор дошта, аз 75,3 то ба 79,2 г/л муайян карда шуд. Ин нишон медиҳад, ки фаъолияти синтези сафеда аз афзоиши бадани чорво вобастааст.

**Ҷадвали 3. 13. - Таркиби албумин ва глобулини сафедаҳои зардоби хуни буққачаҳои таҷрибавӣ, г/л, ($\overline{X} \pm S\overline{x}$)**

| Нишондод | Синну сол, моҳ | Гурӯҳ | | |
|---|---|---|---|---|
| | | I | II | III |
| Сафедаи умумӣ, г/л | 8 | 59,2±4,4 | 67,2±3,6 | 75,1±2,6 |
| | 12 | 72,6±2,0 | 73,7±3,5 | 78,5±1,8 |
| | 20 | 78,4±1,3 | 75,3±4,5 | 79,2±2,2 |
| Албуминҳо, г/л | 8 | 21,1±0,8 | 28,1±0,6 | 35,4±0,7 |
| | 12 | 25,2±0,7 | 30,5±0,8 | 37,7±0,6 |
| | 20 | 3,9±0,4 | 35,6±0,6 | 37,8±0,8 |
| Глобулинҳо, г/л | 8 | 38,1 | 39,1 | 39,7 |
| | 12 | 47,4 | 43,2 | 40,8 |
| | 20 | 39,4 | 39,7 | 41,4 |
| α | 8 | 9,0±0,2 | 9,4±0,3 | 9,8±0,2 |
| | 12 | 10,0±0,2 | 10,1±2,0 | 10,2±0,5 |
| | 20 | 9,8±0,1 | 10,5±0,3 | 10,5±0,4 |
| β | 8 | 8,9±0,1 | 8,7±0,2 | 8,8±0,2 |
| | 12 | 16,0±0,7 | 17,0±0,9 | 9,2±0,1 |
| | 20 | 9,6±0,2 | 9,8±0,2 | 9,6±0,4 |
| γ | 8 | 20,2±2,1 | 21,0±1,8 | 21,1±1,6 |
| | 12 | 21,4±3,6 | 16,1±2,2 | 21,4±1,5 |
| | 20 | 20,0±3,1 | 19,4±1,5 | 21,3±1,3 |

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки миқдори сафедаи умумӣ дар ҳамаи этапҳои сину соли дар гурӯҳи III нисбатан зиёд буд.

Албуминҳо дар синни 8-моҳагӣ дар бuққачаҳои гурӯҳи I - 21,1 г/л, дар гурӯҳи II - 28,1 ва нисбатан миқдори зиёдтар дар гурӯҳи III - 35,4 г/л муайян карда шуд. Дар синни 12- моҳагӣ миқдори зиёди албумин дар буққачаҳои гурӯҳи III - 37,7 г/л ва нисбаттан пасттар дар гурӯҳи II - 30,5 г/л буд. Дар синни 20-моҳагӣ бошад, назар ба синни 12-моҳагӣ миқдори албуминҳо зиёдтар буд. Мисол:дар гурӯҳҳои II - 35,6 ва III- 37,8 г/л.

Ҳамин тариқ миқдори албумин дар буққачаҳои гурӯҳи III баланд буд, ки ин аз кори мӯтадили ҷигар ва мубодилаи сафедаҳоро далолат медиҳад.

Глобулинҳо дар синни 8-моҳагӣ дар ҳамаи гурӯҳҳо якхела буданд. Дар синни 12-моҳагӣ бошад, миқдори зиёди он дар буққачаҳои гурӯҳи I 47,4 г/л ва нисбатан пасти он дар буққачаҳои гурӯҳи III - 40,8 г/л муайян карда шуданд. Дар синни 20-моҳагӣ ин нишондодҳо мӯътадил шуда, миқдори он аз 39,4 то 41,4 г/л -ро ташкил намуданд.

Дар ин давра фраксияҳои гуногуни глобулинҳо (α, β, γ) омӯхта шуданд.

α -глобулин дар синни 8-моҳагӣ дар буққачаҳои гурӯҳи III - 9,8 г/л ва миқдори ками он дар гурӯҳи I - 9,0 г/л, дар синни 12-моҳагӣ миқдори онҳо дар гуруҳҳо қариб баробар (10,0; 10,1;10,2г/л) буданд, дар синни 20-моҳагӣ бошад, аз 9,8 то 10,5 г/л-ро ташкил намуданд.

Миқдори максималии α – глобулин дар буққачаҳои гурӯҳи III муайян карда шудааст.

β-глобулинҳо дар синни 8-моҳагӣ қариб якхела буданд (8,7 - 8,9 г/л). Дар синни 12-моҳаги афзоиши якбораи β-глобулинҳо дар гурӯҳҳои I ва II - 16,0 ва 17,0 г/л муайян карда шуд. Дар гурӯҳи III бошад, ин арзишҳо дар сатҳи - 9,2 г/л боқӣ монданд.

γ- глобулинҳо дар синни 8- ва 12-моҳагӣ дар ҳамаи гурӯҳҳо дар сатҳи қариб якхела -21,0 – 21,1 г/л буданд. Дар синни 20-моҳагӣ сатҳи γ-

глобулинҳо аз 20,0 то 21,3 г/л буда, миқдори нисбатан баландтар дар буққачаҳои гурӯҳи III - 21,3 г/л буд, ки ин метавонад ҷамъшавии иммуноглобулинҳоро нишон диҳад.

Ҳамин тариқ, сатҳи нисбатан баландтари нишондодҳо (сафедаи умумӣ, албумин, γ- глобулинҳо) дар буққачаҳои гурӯҳи III муайян карда шудааст ва нисбатан камшавии сатҳи албуминҳо дар синни 20-моҳагӣ дар гурӯҳи I мушоҳида карда шудааст, ин фишори просесҳои метаболитикро нишон медиҳад.

Ин нишондодҳои зардоби хуни буққачаҳо, ҳамчун меъёри баҳодиҳӣ ба ҳолати физиологии онҳо, инчунин барои самаранокии истифодаи хӯроки чорво дар шароити чарогоҳӣ ва шароити нигоҳубинии онҳо, истифода бурда мешавад.

### 3.6.2. Нишондиҳандаҳои биохимиявии хуни буққачаҳо

Инчунин таҳлили биохимиявии зардоби хуни буққачаҳои таҷрибавию назоратӣ гузаронида шуд.

Меъёрҳои биохимиявии хун сатҳи мубодилаи моддаҳоро дар бадани чорво инъикос намуда, нишондиҳандаи муҳими ҳолати физиологӣ ва мубодилаи моддаҳои бадани чорво мебошанд

Яке аз нишондодҳо ин таркиби каротин мебошад, ки он роли асосиро дар ташаккули иммунӣ ва фаъолияти антиоксидантӣ, нақши муҳимро мебозад (Ҷадвали 3. 14).

Маълумоти ҷадвали 6 миқдори зиёди каротинро дар 12 моҳ нишон медиҳад, ки аз 0,86 мг% (гурӯҳи III) то 0,94 мг% (гурӯҳи II) фарқ мекунад. Дар 20 моҳ, ин арзиш аз 0,14 то 0,26 мг% коҳиш ёфт.

Калсий дар танзими асабу мушакҳо,ташаккули бофтаҳои устухонӣ ва лахташавии хун иштирок менамояд. Миқдори калсий дар 12 моҳ дар ҳама гурӯҳҳо аз 10,10 то 12,20 мг% буд. Дар 20-моҳ консентратсияи баландтарин дар буққачаҳои гурӯҳи III мушоҳида шудааст – 12,29 мг%.

**Ҷадвали 3.14-. Нишондиҳандаҳои биохимиявии зардоби хуни буққачаҳо**

| Нишондиҳанда | Синну сол моҳ | Гурӯҳ, ($\overline{X} \pm S\bar{x}$) | | |
|---|---|---|---|---|
| | | I | II | III |
| Каротин | 8 | 0,55±0,02 | 0,54±0,05 | 0,53±0,06 |
| | 12 | 0,91±0,03 | 0,94±0,06 | 0,86±0,04 |
| | 20 | 0,68±0,05 | 0,70.±0,04 | 0,60±0,04 |
| Калсий, мг% | 8 | 11,86±1,24 | 12,2±1,35 | 12,41±1,11 |
| | 12 | 10,78±0,35 | 10,60±0,26 | 10,10±0,79 |
| | 20 | 11,53±1,48 | 11,84±1,35 | 12,29±1,32 |
| Фосфор, мг% | 8 | 4,31±0,54 | 4,54±0,23 | 4,77±037 |
| | 12 | 5,85±0,08 | 7,68±0,59 | 5,29±1,25 |
| | 20 | 4,21±0,22 | 6,64±0,87 | 8,76±0,50 |
| Захираи ишқор, бо ҳаҷми % $CO_2$ | 8 | 48,46±2,61 | 48,69±2,84 | 48,20±2,31 |
| | 12 | 61,82±2,24 | 42,32±2,58 | 48,32±4,75 |
| | | | | |
| | 20 | 50,33±2,48 | 49,14±2,31 | 48,93±2,42 |

Фосфор дар мубодилаи энергия, сохтори устухон ва тавозуни кислотаю асосҳо роли муҳимро мебозад.

Миқдори фосфор дар 12-моҳа дар буққачаҳои гуруҳи II то 7,68 мг% мушоҳида карда шуда бошад, дар гурӯҳи III бошад, нисбатан кам 5,29 мг% муайян шудааст. Дар 20-моҳ миқдори ками фосфор дар гурӯҳи I – 4,21 мг% ва зиёд дар гурӯҳи III – 8,76 мг% мушоҳида шудааст.

Захираи ишқор хосиятҳои буферии хунро тавсиф менамояд ва ҳолати тавозуни кислотаю асосҳоро инъикос менамояд. Тағйироти баландтари захираи ишқорӣ дар ҳамаи гуруҳҳо дар синни 12-моҳагӣ мушоҳида карда мешавад, ки он бо ҳолати физиологӣ ва тағйир ёфтани характери нигоҳубинӣ ва хӯрокдиҳии чорво алоқаманд мебошад.

## 3.7. Системаи парвариши буққачаҳо дар чарогоҳҳои тобистонаи баландкӯҳ

Дар хоҷагиҳои ноҳияҳои кухсори ҷумҳурӣ чарогоҳҳо манбаи арзонтарини хӯроки чорво мебошанд. Дар чароҳгоҳ чаронидани чорво, хусусан зоти гӯштӣ ва инчунин дурагаҳои онҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ фоиданок мебошад.

Хусусан айни замон, ки дар кишвари мо норасоии хӯроки ғалладонагӣ дида мешавад, хӯрокдиҳӣ мароқи калон дорад. Бинобар ин

сабаб омӯхтани таъсири набототи чарогоҳҳо ва усулҳои чаронидан, дар ташаккули маҳсулнокии гӯштии генотипҳои гуногуни чорво хеле муҳим мебошад.

Чароҳгоҳҳои Тоҷикистон растаниҳои зиёд ва фаровонии хӯроки чорво, чарогоҳҳои кӯҳии алпӣ ва субалпӣ дорад, ки ба он ҷойҳо дар давраи тобистон шумораи зиёди чорвои калони шохдори гӯштӣ, асп, гӯсфанд ва бузҳо ронда мешаванд.

Барои омӯхтани хусусиятҳои зудраси ва сифатҳои гӯштии саршумори чорвои калони сергӯшти типи тоҷикӣ ва дурагаҳои онҳо бо чорвои зебуи маҳаллӣ дар давраи чаронидан дар чарогоҳҳо, аз охири моҳи апрел гурӯҳҳои чорвои таҷрибавӣ дар як пода муттаҳид карда шуда, онҳо ба чарогоҳҳои баландкӯҳи минтақаи Ховалинг фиристода шуданд.

Чаронидани ҷавонаҳо аз 25 апрел то 15 октябр бештар аз 5 моҳро дар бар гирифтаст. Буққачаҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ аз ҳафтаи аввали фарбеҳкунӣ сар карда, ба ғайр аз алафҳои чарогоҳ хӯроки иловагӣ нагирифтан. Намаки лесид ба сифати иловаи минерали ба онҳо дода шуд.



**Расми 3.9.- Буққачаҳо дар чарогоҳҳои тобистона**

Бинобар ба ин сабаб дар Тоҷикистон фарбеҳ кардани чорво махсусан дар фасли тобистон васеъ истифода бурда мешавад. Инро ба назар гирифта, мо буққачаҳои генотипҳои муқоисашавандаро дар муддати 153 руз, аз синни 14 то 20-моҳа дар шароити  чарогоҳ фарбеҳ кардем. Натиҷаҳои ин тадқиқотҳо дар ҷадвали 3.15  оварда шудаанд.

Вақте, ки чорво чаронида мешуданд, онҳо гоҳ-гоҳ ба ҷойҳои нави чарогоҳ ронда мешуданд. Обнӯшонии чорво дар як шабонарӯз 4 - 6 маротиба (об дар назди охурҳо гузошта шуда буд) гузаронида мешуд. Дар давоми рӯз (аз 6-7 то 20 соат) бештар аз 60 %-и рӯз чорво дар чарогоҳ чаронда шудааст.

Мо буққачаҳои генотипҳои муқоисашавандаро дар муддати 153 рӯз, аз синни 14 то 20-моҳа дар шароити чарогоҳ фарбеҳ кардем. Натиҷаҳои ин тадқиқотҳо дар ҷадвали 3.15 оварда шудаанд.

Вазни зиндаи чорво дар вақти ба чарогоҳ рондан мутаносибан дар гурӯҳи I - 235,5 кг; гурӯҳи II - 254,4 кг ва дар гурӯҳи III - 260,8 кг-ро ташкил намуд.

**Ҷадвали 3. 15. - Натиҷаҳои парвариши буққачаҳо дар чарогоҳҳои тобистонаи баландкӯҳ, ($\overline{X} \pm S\overline{x}$)**

| Гурӯҳҳо | Вазни зинда, кг | | Ба вазни зиндаи аввала, % | Афзоиши вазни зинда дар давраи чарогоҳӣ | | Истифодабарии хӯроки чарогоҳ ба ҳисоби миёна ба ҳар 1 килограмм зиёд шудани вазни зинда, воҳ. хӯрока |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳангоми ба чарогоҳ рондан | Вақти аз чарогоҳ бозгаштан | | | Ба ҳисоби миёна дар як шабонарӯз, г | |
| I | 235,5 ± 2,64 | 327,7 ± 9,45 | 39,1 | 92,2 | 573 | 12,80 |
| II | 254,4 ± 8,20 | 348,7 ± 3,12 | 37,1 | 94,3 | 583 | 12,50 |
| III | 260,8 ± 3,33 | 365,3 ± 4,61 | 40,0 | 104,5 | 649 | 12,41 |

Чи тавре, ки дар ҷадвали 3.15 нишон дода шудааст, вазни зиндаи буққачаҳо пеш аз фарбеҳкунӣ вобаста ба гурӯҳҳо мутаносибан 235,5 кг,

254,4 кг ва 260,8 килограммро ташкил дод. Тағйирёбии генотипӣ дар охири давраи фарбеҳкунӣ ба вуҷуд омада, вазни зиндаи буққачаҳо гурӯҳи III - 104,5 кг, гурӯҳи I - 92,2 ва гурӯҳи II -94,3 кг зиёдгаштааст.

Ҳангоми аз чарогоҳ бозгаштан вазни зиндаи миёнаи буққачаҳои гурӯҳи I - 327,7 кг, гурӯҳи II - 348,7 кг ва гурӯҳи III - 365,3 кг-ро ташкил намуд.

Афзоиши миёнаи шабонарӯзӣ дар буққачаҳои гурӯҳи III - 649 г-ро ташкил намуд, ки ин нишондод нисбат ба буққачаҳои гурӯҳи I (573 г) ба миқдори 73 г ва нисбат ба буққачаҳои гурӯҳи II (583 г) ба миқдори 66 г бартарӣ доштанд (P<0,001).

Маълумотҳои овардашуда, дар маҷмӯъ, самаранокии баланди истифодаи чарогоҳҳиро дар парвариши буққачаҳо бе истифодаи хӯроки консентратӣ нишон медиҳанд. Ба ин муносибат бояд гуфт, ки ин хусусияти яке аз сифатҳои пурқимати биологӣ ва хоҷагидориест, ки ба чорвои ин гурӯҳҳо хос аст.

Фарқият дар вазни зиндаи байни буққачаҳои зотӣ ва дурага дар синни 14-моҳагӣ, яъне пеш аз оғози ба чарогоҳ рондан шаҳодат дод, ки дар синни барвақтӣ афзоиши вазни зиндаи чорво бо суръати гуногун ба амал меояд.

Аз натиҷаҳои чаронидани чорвои таҷрибавӣ ва назоратӣ чунин бармеояд, дар ин давра буққачаҳои типи тоҷикӣ (гурӯҳи III) барои зиёд кардани вазни зинда қобилияти бештар нишон доданд, бо вуҷуди ин, чорвои дурага низ нишондиҳандаҳои қаноатбахш ба даст оварда, дар ҳар сар буққача ба ҳисоби миёна 104,5 килограмм зиёдшавии вазни зинда мушоҳида карда шуд, ки ин натиҷаи афзоиши хуби онҳоро дар чарогоҳ нишон медиҳад.

Бояд тазаккур дод, ки буққачаҳои типи тоҷикӣ нисбат ба ҳамсолони худ мавсими чаронидани чарогоҳиро нисбатан беҳтар истифода бурданд. Онҳо дар вазни зинда нисбат ба ҳамсолони худ (гурӯҳҳои I ва II) 12,3 ва10,2 кг бартарӣ доштанд (расми 3.10).




**Расми 3. 10.- Вазни зиндаи буққачаҳо пеш аз ба чарогоҳ бурдан ва баъди бозгашт аз чарогоҳ**

Ҳамин тариқ, чунонки таҷрибаҳои гузаронидани мо нишон доданд, дар вақти нигоҳдории буққачаҳо дар чарогоҳ, бе хароҷоти хӯроки консентратӣ, маҳсулнокии хуби гӯштиро ба даст овардан мумкин аст, ки он ба талаботи ҳозираи иқтисодии бозоргонӣ мувофиқ мебошад.

## 3.8. Маҳсулнокии гӯштии буққачаҳо, таркиби морфологии тана ва қисмҳои он

Хусусиятҳои асосии селексионӣ, ки сифатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранокии парвариши чорвои гӯштиро муайян менамояд, ин маҳсулнокии гӯштӣ мебошад. Аз ин рӯ омӯзиши нишондиҳандаҳои асосии забҳи чорво аҳамияти муайяни илмию амалӣ дорад. Дар тадқиқотҳо, мо, баҳодиҳӣ ба сифатнокии гӯшт, баромади тана, равған ва инчунин истифодабарии маҳсулоти иловагӣ, аз қабили пӯст, аз нуқтаи назари биологӣ ва иқтисодӣ, муҳим мебошад, таҷрибаҳои махсус гузаронедем.

### 3.8.1. Нишондиҳандаҳои забҳи назоратии буққачаҳо

Мақсади асосии корҳои илмию тадқиқотӣ доир ба омӯхтани фарқияти хусусиятҳои асосии забҳ байни буққачаҳои таҷрибавию

назоратӣ, мебошад. Аз ин лиҳоз дар синни 20-моҳагӣ забҳи буққачаҳо гузаронида шуд, ки дар он вазни зиндаи пеш аз забт, вазни танаи навзабтҳшуда, баромади тана (тӯш), чарбуи дохилӣ, равған ва вазни пӯсти онҳо омӯхта шуданд. Натиҷаи гузаронидани забҳи бӯққачаҳо дар ҷадвали 3. 16 оварда шудааст.

Аз маълумоти ҷадвали 3.16. маълум мешавад, ки аз рӯи нишондиҳандаҳои маҳсулнокии гӯшт дар байни буққачаҳои генотипҳои гуногун фарқияти калон ва ҷиддӣ вуҷуд дорад. Аз ҷиҳати вазни зиндаи пеш аз забҳ буққачаҳои типи гӯштии тоҷикӣ (гурӯҳи III) - 388,0 кг, назар ба ҳамсолони дурагаи худ (гурӯҳи II) - 2,1% ва зоти маҳаллӣ (гурӯҳи I) - 18,9% зиёд буд ( P > 0,999). Ин нишон медиҳад, ки суръати интенсивии инкишофёбии буққачаҳои типи гӯштии тоҷикӣ нисбат ба гурӯҳҳои дигар баландтар буд.

**Ҷадвали 3.16. - Маълумотҳо оид ба маҳсулнокии гӯштии буққачаҳо дар охири давраи фарбеҳкунӣ оварда шудааст**

| Нишондиҳанда | Воҳиди ченак | Гурӯҳ, ($\overline{X} \pm S\bar{x}$) | | |
|---|---|---|---|---|
| | | I | II | III |
| Вазни зиндаи пеш аз забҳ | кг | 314,7±8,60 | 380,0±10,58 | 388,0±3,78 |
| Вазни танаи навзабҳшуда | кг | 166,3±4,66 | 202,1±2,02 | 203,3±3,36 |
| Баромади гӯшти тана | % | 52,8 | 53,18 | 52,39 |
| Вазни чарбуи дохилӣ | кг | 11,1±0,36 | 18,0±1,02 | 11,20±0,40 |
| Баромади равғани дохилӣ | % | 3,5 | 4,74 | 2,89 |
| Вазни умумии тана баъд аз забҳ | кг | 177,5±5,20 | 255,5±8,80 | 214,5±3,48 |
| Баромади умумии тана | % | 56,4 | 59,34 | 55,29 |
| Вазни пӯсти навзабҳшуда | кг | 23,17±1,02 | 27,2±0,75 | 29,50±0,17 |
| Ба ҳисоби % вазни зиндаи пеш аз забҳ | % | 8,65 | 6,10 | 7,60 |

Нишондиҳандаи муҳиме, ки сифати забҳро нишон медиҳад, вазни гӯшти буққачаҳо пас аз забҳ аст. Арзиши он дар буққачаҳои гурӯҳи III нисбатан баландтар буда 203,3 кг-ро ташкил намудааст, ки нисбат ба буқҷчачаҳои гурӯҳи I - 22,25% ва нисбат ба буқҷчачаҳои гурӯҳи II -0,59% баландтар мебошад. Мувофиқа ба ин баромади гӯшти танаи буққачаҳои

гурӯҳи II 59,34 %-ро ташкил дод, ки ин таъсири эҳтимолии гетерозисро нишон медиҳад.

Дар буққачаҳои гурӯҳи II вазни бештари равғани даруни 18,0 кг-ро бо баромади равғани дохилӣ - 4,74 %-ро ташкил намуд, ин метавонад натиҷаи беҳтар хӯрокхӯрӣ ва мубодилаи физиологӣ барои ҷамъшавии равған дар бадани чорво мебошад. Умуман, буққачаҳои гурӯҳҳои II ва III аз ҷиҳати баромади гӯшту равған назар ба ҳамсолони зебуи маҳаллии худ хеле бартарӣ доштанд.

Вазни зиёди пӯсти буққачаҳои навзабҳшуда дар буққачаҳои гурӯҳи III - 29,50 кг ба қайд гирифта шудааст, ки он 7,6%-и вазни зиндаро ташкил медиҳад, дар буққачаҳои гурӯҳи II - 27,2 кг ва 6,1% ва дар буққачаҳои гурӯҳи I - 23,17кг, ин нишондод 8,65%-и вазни зиндаро ташкил дод, ки ин метавонад фарқияти зичӣ ва ғафсии пӯстро нишон диҳад.

Ҳамин тариқ, таҳлилҳои муқоисавӣ нишон доданд, ки буққачаҳои гурӯҳи II нисбат ба буққачаҳои гурӯҳҳои I ва III, аз нишондиҳандаҳои мутаносиби маҳсулнокии забҳ: баромади умумии танаи навзабҳшуда, баромади равғани дохилӣ ва вазни оптималии пӯст бартарӣ доранд. Ин маълумотҳои гирифташуда аз он далолат медиҳад, ки дар оянда истифода бурдани ин гурӯҳи буққачаҳо барои баланд бардоштани даромаднокии соҳаи чорводорӣ шаҳодат медиҳад.

Дар ин давра нишондиҳандаҳои асосии сифати гӯшт ва таркиби морфологии он омӯхта шуд.

Нишондиҳандаи асосии сифати гӯшт ин таркиби морфологии гӯшт мебошад, ки он бофтаҳои мушакҳо, бофтаҳои равғанӣ, рагу пайҳо ва устухонҳоро дар бар мегирад (ҷадвали 3.17).

Аз нишондодҳои ҷадвали 3.17 бармеояд, ки таркиби морфологии гӯшт дар буққачаҳои генотиашон гуногун ҳархела мебошад.

Баландтарин нишондоди вазни танаи хунукшуда дар буққачаҳои гурӯҳи II дида мешавад, ки он 101,73 кг, ин нишондод буққачаҳои гурӯҳҳои I - 82,58 кг, дар гурӯҳи III бошад -100,80 кг-ро ташкил намуд.

**Ҷадвали 3.17. - Таркиби морфологии нимтанаи буққачаҳо дар синни 20-моҳагӣ**

| Нишондод | Воҳиди ченак | Гурӯҳ, ($\overline{X} \pm S\overline{x}$) | | |
|---|---|---|---|---|
| | | I | II | III |
| Вазни танаи хунукшуда | кг | 82,58 ± 2,15 | 101,73 ± 5,38 | 100,80 ± 3,21 |
| Гӯшти лахм | кг | 62,49 ± 2,28 | 77,72 ± 1,67 | 80,58 ± 2,1 |
| | % | 75,62 | 76,42 | 79,94 |
| Аз ҷумла: бофтаи мушакӣ | кг | 57,74 ± 1,96 | 72,76 ±1,50 | 76,70 ±3,1 |
| | % | 69,91 | 71,52 | 76,09 |
| бофтаи равғанӣ | кг | 4,75 ± 0,52 | 4,96 ± 0,36 | 3,88 ± 0,3 |
| | % | 5,80 | 4,76 | 3,85 |
| рагу пайҳо | кг | 2,23 ± 0,18 | 3,21 ± 0,15 | 1,81 ± 0,4 |
| | % | 2,70 | 3,16 | 1,79 |
| устухонҳо | кг | 13,86 ± 1,76 | 23,06 ± 0,31 | 18,45 ± 1,6 |
| | % | 22,84 | 22,67 | 18,30 |
| Таносуби гӯшт ба устухон | | 3,31 ± 0,11 | 3,24 ± 0,21 | 4,36 ± 0,19 |

Аз ин нишондодҳо бармеояд, ки нисбатан вазни зиёди баромади умумии танаи хунукшуда, дар буққачаҳои гурӯҳҳои II ва III муайян карда шудааст. Вазни нисбатан вазнинтари гӯшти лахм дар буққачаҳои гурӯҳ III, ки он 80,58 кг ва баромади гӯшт 79,94 %-ро ташкил медиҳад, муайян карда шуд. Ин нишондод нисбат ба буққачаҳои гурӯҳи II ба миқдори 2,86 кг ва нисбат ба гурӯҳи I ба миқдори 18,16 кг бартарӣ дошт.

Бофтаҳои мушакӣ бошад, дар буққачаҳои типи тоҷикии чорвои гӯштӣ - 76,70 кг (76,09%) ташкил намуд, ки ин назар ба буққачаҳои гурӯҳи I ба миқдори 18,96 ва II ба миқдори 3,96 килограммӣ зиёд аст, ин нишон медиҳад, ки бофтаҳои мушакии буққачаҳои гурӯҳи III нисбат ба ҳамсолон худ хуб инкишоф ёфтааст. Бофтаҳои равғанӣ бошад, дар буққачаҳои гурӯҳи II, ки он 48,96 кг (4,76%)-ро ташкил намуд. Дар ин давра нишондоди нисбатан камтар дар буққачаҳои гурӯҳи III, он 3,88 кг (3,85%) буд, ин нишон медиҳад, ки маҳсулоти гӯштӣ дар буққачаҳои гурӯҳи III камравған буда, ба талаботи муосири истеъмолкунандагон ҷавобгӯй мебошад.

Вазни устухон дар буққачаҳои гурӯҳи II, ки он 23,06 кг (22,67%) буда, нисбат ба буққачаҳои гурӯҳи I ва III мутаносибан 9,20 кг ва 4,61 кг бартарӣ дошт. Вале вазни қиёсии устухон дар вазни гӯшт дар гурӯҳҳои I ва II қариб як хел 22,8% буд, дар буққачаҳои гурӯҳи III бошад, ҳамагӣ

18,30%-ро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳандаи мусоид барои нимтанаи буққачаҳо мебошад.

Инчунин, дар буққачаҳо таҷрибавию назоратӣ вазни мутлақ ва арзиши нисбии қисмҳои анатомии нимтанаи онҳо муайян карда шудааст. Ин таҳлил ба мо имконият медиҳад, ки дар кадом қисми танаи буққачаҳои таҷрибавию назоратӣ фарқияти назарраси гӯшт ҷойгир шудааст, ки натиҷаи он дар ҷадвали 3.18. оварда шудааст.

Аз нишондоди ҷадвали 3.18 маълум мегардад, ки вазни мутлақи гардан аз аз 10,02 кг (гурӯҳи II) то 10,49 кг (гурӯҳи III) тағйир меёбад. Арзиши нисбии аз вазни умумӣ буққачаҳо, ки аз 9,84 % (гурӯҳи II) то 12,18 % (гурӯҳи I) фарқ мекунад. Ҳамин тариқ, вазни қисми гардани буққачаҳои гурӯҳи III нисбат ба гурӯҳҳои I ва II мутаносибан 0,43 кг ва 0,47 кг зиёд буданд. Баландтарин вазни нисбии қисми гардан дар буққачаҳои гурӯҳи I (12,18%) ба қайд гирифта шуд, лекин аз ҷиҳати арзиши гӯштӣ бошад, ин қисми тана каммаҳсул ҳисобида мешавад.

**Ҷадвали 3.18.- Вазни мутлақ ва нисбии қисмҳои табиию анатомии нимтанаи буққачаҳо**

| Қисмҳои тана | Воҳиди ченак | Гурӯх, ( $\overline{X} \pm S\overline{x}$) | | |
|---|---|---|---|---|
| | | I | II | III |
| Гардан | кг | 10,06±0,21 | 10,02±0,16 | 10,49±0,71 |
| | % | 12.18 | 9.84 | 10.41 |
| Китфу қулфак | кг | 14,04±0,59 | 17,38±0,17 | 17,84±0,84 |
| | % | 17.00 | 17.08 | 17.63 |
| Тахтапушту қабурға | кг | 23,77±1,14 | 30,38±0,34 | 29,80±1,61 |
| | % | 28.78 | 29.86 | 29.46 |
| Камар | кг | 7,50±0,52 | 11,22±0,22 | 14,54±0,68 |
| | % | 9.08 | 11.03 | 14.37 |
| Косу рон | кг | 27,22±0,07 | 31,90±0,28 | 28,5±1,44 |
| | % | 3296 | 31.36 | 28.1 6 |

Дар қисми китфу қулфак вазни мутлақ ва арзиши нисфии нисбатан баланд дар буққачаҳои гурӯҳи III - 17,84 кг (17,63%) ба қайд гирифта шудааст, ки ин нисбат ба буққачаҳои гурӯҳи I (14,04 кг) ба миқдори 3,8 кг ва нисбат ба буққачаҳои гурӯҳи II ба миқдори 0,46 кг бартарӣ доштанд.

Ин нишон медиҳад, ки қисми пеши нимтанаи буққачаҳои гурӯҳи III беҳтар инкишоф ёфтааст.

Дар тахтапушту қабурғаи қисми нимтанаи буққачаҳои дурагаи гурӯҳи II баръакс, аз буққачаҳои гурӯҳи I ва гурӯҳи III мутаносибан ба миқдори 6,61 кг (27,8%) ва 0,58 кг (2,01%) зиёд буд.

Дар қисми камари нимтана дар буққачаҳои гурӯҳи III – 14,54 кг (14,37%) буд, ки аз гурӯҳи I-ум ба миқдори 7,04 маротиба ва аз гурӯҳи II - 3,32 кг бартарӣ доштанд.

Дар қисми косу рон бошад, вазни нисбатан зиёд дар буққачаҳои гурӯҳи II - 31,90 кг мушоҳида карда мешавад, ки ин нисбат ба нимтанаи ҳамсолони худ аз гурӯҳҳои I ва III, мутаносибан, ба миқдори 4,68 (14,67%) ва 3,40 кг (10,66%) бартарӣ дошт.

Ҳамин тариқ, оид ба қисми анатомии нимтанаи буққачаҳо қайд кардан лозим аст, ки қисми тахтапушт ва косу рони буққачаҳои дурагаи гурӯҳи II натиҷаи беҳтарин мушоҳида карда шуд, ки ин гӯшти аълосифти чорворо нишон медиҳад. Дар буққачаҳои гурӯҳи III бошад, аз ҷиҳати инкишофёби қисми мобайни (қисми камар) ва китфу қулфак нисбат ба гурӯҳҳои I ва II фарқ мекунанд, дар гурӯҳи I бошад, ба ғайр аз вазни нисбии қисми гардан, аз бисёри нишондодҳо нисбатан паст буд.

Умуман нишондиҳандаҳои баландтари забҳ дар буққачаҳои гурӯҳҳои II ва III мушоҳида карда мешавад, ки онҳоро ба чорвои гӯштӣ дохил намудан афзалтар мешуморанд.

Дар ин давра таркиби морфологию анатомии нимтанаи буққачаҳои таҷрибавию назоратӣ омӯхта шуданд. Натиҷаи корҳои илмию тадқиқотӣ доир ба таркиби морфологию анатомии танаи буққачаҳо дар ҷадвали 3.19. оварда шудааст.

Чунонки аз маълумотҳои ҷадвали 3.19. дида мешавад, дар ҳамаи қисмҳои танаи буққачаҳои гурӯҳи III бофтаҳои мушакӣ нисбат ба ҳамсолони маҳаллӣ ва дурагаҳои худ зиёдтар мебошад.

Масалан, бофтаҳои мушакӣ дар қисми гардани буққачаҳои гурӯҳи III-18,0 кг буда, 76,26% қисми гарданро ташкил медиҳад, дар китфу

қулфак – 13,46 (75,45%), дар тахтапушту қабурға- 21,4 кг (71,79%), дар камар – 11,6 (79,78%) ва дар қисмҳои косу рон бошад - 22,6 кг (79,3%) буд.

Гузоштани равғани байни мушакҳо ва зери пӯст дар ҳамсолони ҳамаи гурӯҳҳо, хусусан дар қисмҳои тахтапушту қабурға, камар ва косу рони тана ба назар мерасид, ки бартарӣ ба фоидаи буққачаҳои гурӯҳи I ва II буда, равғангузорӣ бошад, дар қисмҳои гардан ва китфи ҳама генотипҳои чорво тақрибан якхела буданд. Микдори устухонҳо дар гурӯҳҳои буққачаҳо аз ҳама бештар дар қисми тахтапушту қабурғаи нимтана ва аз ҳама пасттар дар қисми гардан буд.

**Ҷадвали 3.19.- Таркиби морфологии қисмҳои табиию анатомикии нимтанаи буққачаҳо, кг**

| Нишондод | Воҳиди ченак | Қисмҳои тана, ($\bar{X} \pm S\bar{x}$) | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Гардан | Китфу қулфак | Тахтапушту қабурға | Камар | Косу рон |
| I | | | | | | |
| Бофтаи мушакӣ | кг | 12,98±0,26 | 9,75±0,53 | 14,54±0,64 | 4,69±0,27 | 20,75±0,27 |
| | % | 79.32 | 69.50 | 61.28 | 62.55 | 76.23 |
| Бофтаи чарб | кг | 0,44±0,05 | 0,72±0,02 | 1,32±0,11 | 0,85±0,11 | 1,42±0,09 |
| | % | 4.38 | 5.17 | 5.53 | 11.42 | 5.20 |
| Рагу пайвандҳо | кг | 0,35±0,02 | 0,42±0,01 | 0,50±0,04 | 0,40±0,07 | 0,64±0,03 |
| | % | 3.48 | 2,96 | 1,91 | 4,95 | 2.35 |
| Устухон | кг | 1,29±0,05 | 3,14±0,19 | 7,43±0,40 | 1,58±0,07 | 4,41±0,24 |
| | % | 12.82 | 22, 37 | 31.28 | 21.08 | 16.22 |
| II | | | | | | |
| Бофтаи мушакӣ | кг | 16,98±0,76 | 11,6±0,44 | 17,97±0,65 | 8,14±0,37 | 21,67±0,5 |
| | % | 117,45 | 72,47 | 66,53 | 71,2 | 77,76 |
| Бофтаи равғанӣ | кг | 0,69±0,07 | 0,69±0,025 | 1,31±0,11 | 0,73±0,29 | 1,11±0,40 |
| | % | 6,76 | 4,44 | 4,94 | 7,84 | 4,0 |
| Рагу пайвандҳо | кг | 0,545±0,02 | 0,37±0,025 | 0,4±0,03 | 0,33±0,04 | 0,59±0,03 |
| | % | 3,6 | 2,37 | 1,46 | 3,38 | 2,12 |
| Устухон | кг | 1,44±0,05 | 3,27±0,39 | 7,11±0,36 | 1,82±0,13 | 4,48±0,26 |
| | % | 14,04 | 2071 | 27,04 | 17,62 | 16,13 |
| III | | | | | | |
| Бофтаҳои мушакӣ | кг | 8,0 ±0,52 | 13,46 ±0,36 | 21,4 ±0,66 | 11,6 ±0,48 | 22,6 ±0,72 |
| | % | 76.26 | 75.45 | 71,79 | 79,78 | 79.3 |
| Бофтаи равғанӣ | кг | 0,5 ± 0,04 | 0,66 ±0,03 | 1,3 ±0,11 | 0,62 ±0,04 | 0,8 ±0,01 |
| | % | 4,77 | 3,7 2 | 4.36 | 4.26 | 2.81 |
| Рагу пайвандҳо | кг | 0,39 ±0,02 | 0,32 ±0,04 | 0,3 0 ±0,02 | 0,26 ±0,01 | 0,54 ±0,03 |
| | % | 3,72 | 1,79 | 1.01 | 1,79 | 1,89 |
| Устухон | кг | 1,6 ±0,0,6 | 3,4 ±0,59 | 6,8 ±0,33 | 2,06 ±0,19 | 4,56 ±0,29 |
| | % | 15.26 | 19.06 | 22.81 | 14.17 | 16.04 _ |

Миқдори устухонҳо дар қисмҳои табиию анатомии танаи буққачаҳои типи тоҷикӣ нисбат ба буққачаҳои дурага ва маҳалӣ хеле зиёд буд.

Омӯзиши арзишҳои нисбии таркиби морфологии қисмҳои табиию анатомии чорвои таҷрибавӣ ҳосили баланди гӯшти беустухонро дар онҳо нишон дод.

Муайян карда шуд, ки миқдори максималии гӯшти беустухон дар чорвои ҳамаи генотипҳо дар гарданак ва китфу шона ва камтарини он дар пушту қабурға буда ва дар қисми қафо бошад, калонтарин таркиби устухонҳо ҷойгир мебошад.

Ҳамин тавр, таҳлили таркиби морфологии қисматҳои табиию анатомии нимтанаи буққачаҳои маҳаллӣ, дурага ва типи тоҷикӣ дар вазни мутлақ ва нисбӣ бартарии назарраси ду гуруҳи охирро нишон дод, ки дар қисмҳои алоҳидаи онҳо маҳсулнокии баланди гӯшти беустухон ва каме паст будани устухон назар ба буққачаҳои чорвои маҳаллӣ мушоҳида шуд.

Нишондиҳандаи муҳиме, ки сифати танаи ҳайвонотро тавсиф мекунад, миқдори гӯшти беустухон ва бофтаи мушакҳо ба 1 кг устухон мебошад.

Дар қисмҳои китфу шона ва пушту қабурға нишондиҳандаҳои омӯхташуда дар чорвои ҳамаи гуруҳҳо тақрибан якхела буданд. Дар қисмҳои танае, ки аз ҷиҳати ғизоӣ аз ҳама пурқимат аст, бартарӣ дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ буд.

Дар 1 кг устухони қисми гардани онҳо 0,34 кг ва бофтаи мушакҳо 0,40 кг, дар сутунмуҳра 1,01 - 0,92 ва 0,66 - 0,38 кг зиёд дар типпи тоҷикӣ нисбат ба чорвои ҳамсолони маҳаллӣ ҷойгир аст. Дар буққачаҳои дурага нисбат ба буққачаҳои назоратӣ дар гардан гӯшти беустухон 0,69 зиёдтар буд ва аз он ҷумла, мушакҳо 0,67 ва сутунмуҳра низ мутаносибан 0,55 ва 0,55 килограмм ва дар косу рон 0,47 ва 0,40 килограмм баландтар шуд**.**

Зиёда аз он, дар ин буққачаҳо миқдори гӯшти беустухон ва бофтаҳои мушакҳои қисмҳои гардан ва сутунмуҳраи тана нисбат ба чорвои гурӯҳи

I зиёд буда, аз рӯи дигар нишондиҳандаҳои қисмҳои тана онҳо дар байни буққачаҳои гурӯҳи 1 таҷрибавӣ мавқеи мобайниро ишғол кардаанд.

Умуман, дар нимтанаи буққачаҳои типи тоҷикӣ дар ҳисоби 1 кг устухон 0,28 кг ва гӯшти беустухон 0,28 кг ва мушакҳо 0,24 кг, дурагаҳо мутаносибан 0,23 кг ва 0,21 кг нишондиҳандаҳои ҳамсолони худро дар гурӯҳи назоратӣ пеш гузаштанд.

Аз ин рӯ, омӯзиши таркиби морфологии тана ва қисмҳои табиию анатомии онҳо нишон дод, ки буққачаҳои типи тоҷикӣ ва дурага аз ҳамсолони маҳаллӣ худ аз рӯи тамоми нишондиҳандаҳои асосии мутлақ ва нисбӣ бартарӣ доштанд.

### 3.8.2. Арзёбии муқоисавии сифати гӯшт, равған ва мушаки дарозтарини пушт

Сифати гӯштро бештар таркиби химиявии он муайян менамояд. Дар гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ таркиби химиявии гӯшти қима гузаронида шуд, ки дар он параметрҳои асосии арзиши ғизоӣ: миқдори намнокӣ, моддаҳои хушк, равған, сафеда хокистар ва миқдори макроэлементҳо – калсий ва фосфор омӯхта шуданд. Дар ҷадвали 3.20. таркиби химиявии гӯшти қиммаи буққачаҳои муқоисашаванда оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.20.- Таркиби химиявии гӯшти қима аз буққачаҳои генотипҳои гуногун**

| Нишондод | Воҳиди ченак | Гурӯҳ, ($\overline{X} \pm S\overline{x}$) | | |
|---|---|---|---|---|
| | | I | II | III |
| Намнокии умумӣ | % | 69,32±1,97 | 69,12±1,87 | 69,53±0,49 |
| Моддаи хушк | % | 29.68 | 30.88 | 30,47±0,24 |
| Равған | % | 8,7±0,33 | 7,88±0,33 | 8,95±0,13 |
| Сафеда | % | 21,1±0,79 | 21,81±0,50 | 20,51±0,54 |
| Таносуби сафеда ба равған | % | 2,43:1 | 2,77:1 | 2,29:1 |
| Хокистар | % | 0,93±0,01 | 0,95±0,02 | 1,01±0,02 |
| Арзиши энергетикӣ | МҶ | 6,83 | 6,86 | 7,01 |
| Калсий | мг% | 0,13 ± 0,04 | 0,10±0,002 | 0,11±0,05 |
| Фосфор | мг % | 2,85 ± 0,16 | 3,10±0,48 | 2,88±0,32 |

Чӣ хеле, ки аз нишондодҳои ҷадвали 3.20. маълум мегардад, миқдори намнокии гӯшт дар ҳамаи гурӯҳҳои буққачаҳо қариб якхела мебошанд, ки ин аз 69,12 % (гурӯҳи II) то 69,53 % (гурӯҳи III) буд, ки ин якхела будани таркиби гӯшти қимаро нишон медиҳад. Мувофиқа ба ин, миқдори моддаҳои хушк дар говҳои гурӯҳи I - 29,68%, гурӯҳи II - 30,88% ва гурӯҳи III -30,47% -ро ташкил дод.

Миқдори зиёди равған бошад, дар буққачаҳои гурӯҳи III - 8,95% мебошад, ки арзиши баланди энергетикиро таъмин менамояд. Миқдори ками равған дар буққачаҳои гурӯҳи II мушоҳида карда шудааст, ки он 7,88 %-ро ташкил намуд, ки ин мумкин характери паҳрезӣ дорад. Миқдори максималии сафедаҳо дар буққачаҳои гурӯҳи II - 21,8% ташкил намуд, ки ин нишондиҳандаҳои беҳтарини арзиши ғизоиро инъикос менамояд. Сафдаҳо дар буққачаҳои гурӯҳи I - 21,1 %, гурӯҳи II - 21,81% ва дар буққачаҳои гурӯҳи III бошад, 20,51%-ро ташкил намуданд.

Таносуби нисбатан баланди сафеда бо равған дар буққачаҳои гурӯҳи II - 2,77:1 мебошад, ки ин мувозинати оптималии сафедаю липидҳоро нишон медиҳад. Инчунин, нишондоди пасттари таносуби сафеда бо равған дар гурӯҳи III - 2,29:1 мебошад, ки ин бо зиёд будани равған алоқаманд мебошад. Миқдори хокистар дар таркиби гӯшти қима на он қадар зиёд мебошад, ки он дар буққачаҳои гурӯҳи III - 1,01% буда, ин дараҷаи баландтари компонентҳои минералиро нишон медиҳад.

Арзиши энергетикии нисбатан баланди гӯшти қима дар буққачаҳои гурӯҳи III - 7,01 МДж, муайян карда шудааст, ки аз зиёд будани миқдори равған дар гӯшти қима мебошад. Арзиши энергетикии гӯшти буққачаҳои гурӯҳи III нисбат ба ҳамсолони гурӯҳи I ба миқдори 2,57% ва нисбат ба гурӯҳи II ба миқдори 2,13% зиёд мебошад.

Инчунин миқдори нисбатан баланди калсий, дар буққачаҳои гурӯҳи I - 0,13 мг% ва миқдори фосфор бошад, дар буққачаҳои гурӯҳи II - 3,10 мг% мушоҳида карда шудааст, ки дар ин гурӯҳ балански беҳтари минералнокии гӯшти қимаро нишон медиҳад.

Натиҷаи таҳлилҳо нишон доданд, ки дар таркиби гӯшти қимаи буққачаҳои гурӯҳи II миқдори нисбатан баланди сафедаҳо ва таносуби сафеда бо равған, инчунин миқдори баланди фосфор, ки гӯштро серғизо менамояд, нисбат ба дигар гурӯҳҳо фарқ мекунад. Буққачаҳои гурӯҳи III бо миқдори зиёди равған, хокистарнокӣ ва арзиши энергетикӣ минералнокӣ фарқ намуда, аз ҷиҳати миқдори сафеда паст мебошад. Буққачаҳои гурӯҳи I бошад, нишондиҳандаи миёна дошта, оид ба нишондоди фоизи калсий дар гӯшти қима нисбат ба дигар гурӯҳҳо зиёд мебошад.

Ҳамин тариқ, буққачаҳои гурӯҳи II-ро дорои арзиши баланди ғизоӣ ва биологӣ ҳисоб намудан лозим аст, дар ин ҳолат буққачаҳои гурӯҳи III бошад, дорои каллорияи баланди гӯшт мебошанд.

Барои ба таври объективӣ баҳо додан ба сифати гӯшт таҳлили физикавию химиявии мушаки дарозтарини пушти буққачаҳо муайян карда шуд, ки натиҷаҳои он дар ҷадвали 3.21. оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.21.- Арзиши биологӣ ва нишондодҳои физикию химиявии мушаки дарозтарини пушти буққачаҳо ($\bar{X} \pm S\bar{x}$)**

| Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Группа, ($\bar{X} \pm S\bar{x}$) | | |
|---|---|---|---|---|
| | | I | II | III |
| Намнокии умумӣ | % | 69,32±1,97 | 69,12±1,87 | 69,53±0,49 |
| Моддаи хушк | % | 29.68 | 30.88 | 30,47±0,24 |
| Равған | % | 8,7±0,33 | 7,88±0,33 | 8,95±0,13 |
| Сафеда | % | 21,1±0,79 | 21,81±0,50 | 20,51±0,54 |
| Таносуби сафеда ба равған | | 2,43:1 | 2,77:1 | 2,29:1 |
| Хокистар | % | 0,93±0,01 | 0,95±0,02 | 1,01±0,02 |
| Арзиши энергитики | Мҷ | 6.83 | 6.86 | 7.01 |
| Калсий | мг% | 6,00 | 0,13 ± 0,04 | 0,10±0,002 |
| Фосфор | мг% | 2,85±0,16 | 3,10±0,48 | 2,88±0,32 |

Маълумоти ҷадвали 3.21 нишон медиҳад, ки дар мушаки дарозтарини пушт сатҳи намӣ ва сафеда нисбатан пасттар буда, моддаҳои хушк ва равғании он назар ба таркиби химиявии гӯшти қима хеле зиёданд. Зимнан, арзиши энергетикии он дар чорвои типи тоҷикӣ 7,01 МД-ро ташкил дод, ки ин нисбат ба ҳамсолони дурага 2,19 фоиз ва зебумонанд 2,63 фоиз зиёд аст.

Аммо арзиши энергетикии гӯшти беустухони тамоми танаи буққачаҳои таҷрибавии типи тоҷикӣ ва нишондодҳои онҳо назар ба чорвои маҳаллӣ баландтар буд.

Ҳамин тавр, таҳлили маълумотҳои маҳсулнокии гӯшти буққачаҳои таҷрибавӣ нишон медиҳад, ки буққачаҳои чорвои сергӯшти типи тоҷикӣ аз ҳамсолони дурагаи худ ва чорвои маҳаллӣ бартарӣ дошта, дараҷаи сифатҳои индивидуалӣ аз ҷиҳати маҳсулнокии гӯшт дар шароити баландкӯҳ имконият дод, ки маҳсулнокии баланди гӯшти чорворо ба даст оварад.

Дар генотипҳои таҳқиқшудаи чорво нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбии узвҳои дохилӣ омӯхта шуданд. Таҳлили ин маълумотҳо нишон медиҳад, ки буққачаҳои ҳамаи гурӯҳҳо мӯътадил инкишоф ёфтаанд.

Истеъмоли хӯроки чорво ба ҳар воҳиди гӯшти буққачаҳо дар як сол барои чорвои маҳаллӣ назар ба ҳамсолони онҳо дар гурӯҳҳои таҷрибавии II ва III каме кам шуд. Аммо афзоиши вазни зиндаи буққачаҳои маҳаллӣ хеле паст буд, ки ин маҳсулоти кам додани онҳоро муайян кард.

Константаҳои физикию химиявии равғани чорво нишон доданд, ки ба равғани назди гурда нуқтаи обшавии нисбатан паст ва миқдори ками йод хос аст.

Омӯзиши таркиби химиявӣ ва хосиятҳои физикии равғани дохилии чорвои калони шохдор барои сифати гӯштӣ аҳамияти калон дорад. Равған нафақат барои мазза, сифати гӯшт, саноати гӯшт ва соҳаи илм доир ба хӯрокворӣ, балки ба хосиятҳои технологӣ, арзиши энергетикӣ ва ба коркард мувофиқат менамояд, аҳамияти калон дорад.

Мақсади асосии корҳои илмию тадқиқотӣ ин муайян намудани паҳншавии равғани дохилӣ, таркиби химиявӣ, хосиятҳои физикии равған ва фарқияти онҳо дар таркиби равғани буққачаҳои таҷрибавию назоратӣ мебошад.

Натиҷаи омӯзиши равғани дохилии буққачаҳо дар ҷадвали 3.22. оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.22. - Таркиби химиявӣ ва хосиятҳои физикии равғани дохилии буққачаҳо**

| Нишондод | Воҳиди ченак | Гурӯҳ, ($\overline{X} \pm S\bar{x}$) | | |
|---|---|---|---|---|
| | | I | II | III |
| Намнокии умумӣ | % | 9,48 ± 1,12 | 8,54 ± 0,71 | 9,34 ± 0,12 |
| Моддаи хушк | % | 99,52 ± 0,31 | 91,46 ± 0,37 | 90,66 ± 0,54 |
| Равған | % | 86,90 ± 1,09 | 87,78 ± 0,72 | 87,69 ± 0,51 |
| Сафеда | % | 3,49 ± 0,11 | 3,59 ± 0,02 | 2,65 ± 0,22 |
| Таносуби равған ба сафеда | % | 24,90:1 | 24,45:1 | 33,1:1 |
| Хокистар | % | 0,13 ± 0,01 | 0,19 ± 0,01 | 0,32 ± 0,04 |
| Ҳарорати обшавӣ | $^oC$ | 48.5 | 48.3 | 48.6 |

Чӣ хеле, ки аз нишондодҳои ҷадвал бармеояд, намии умумӣ дар буққачаҳои гурӯҳи II, нисбатан паст буда, 8,54% - ро ташкил намуд, ки ин консистенсияи зичии бофтаҳои равғанро нишон медиҳад. Миқдори максималии намӣ дар буққачаҳои гурӯҳи I - 9,48% ба қайд гирифта шуда, дар гурӯҳи II бошад, ин нишондод 9,34 %-ро ташкил намуд.

Мутаносибан, миқдори зиёди моддаҳои хушк дар гурӯҳи I - 99,52 %-ро ташкил намуд, ки ин метавонад аз сабаби паст будани миқдори пайвастаҳои беравғанӣ бошад.

Аз рӯи ин нишондод буққачаҳои гурӯҳи I нисбат ба гурӯҳи III ба миқдори 8,86% ва нисбат ба гурӯҳи II -8,06 % бартарӣ дошт.

Инчунин таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фарқияти равған дар байни гурӯҳҳо на он қадар баланд аст, лекин миқдори нисбатан баланди равған дар буққачаҳои гурӯҳи II - 87,78% -ро ташкил намуд. Ин нишондод мутаносибан дар гурӯҳи III – 87,69% ва дар гурӯҳи I - 86,90% буд.

Миқдори нисбатан баланди сафеда, дар буққачаҳои гурӯҳи II - 3,59%-ро ташкил намуд ва он дар буққачаҳои гурӯҳи I -3,49% ва миқдори нисбатан ками сафеда дар гурӯҳи III -2,65% муайян карда шудааст.

Таносуби равған бо сафеда бошад, дар буққачаҳои гурӯҳи III -33,1:1 буда, дар он миқдори ками сафеда мавҷуд аст ва ин нишон медиҳад, ки таносуби равған нисбатан баланд буда, мумкин аст ин дар коркарди технологӣ беҳтар бошад.

Миқдори ками хокистар дар буққачаҳои гурӯҳи I мушоҳида карда шуд, ки он 0,13% буда, миқдори зиёди он дар буққачаҳои гурӯҳи III муайян карда шудааст, ки ин нишондод аз зиёд будани боқимондаи моддаҳои минералӣ, шаҳодат медиҳад.

Ҳарорати обшавии равған дар ҳама гурӯҳҳо қариб якхелаанд, ки аз 48,3 °С (гурӯҳи II) то 48,6 °С (гурӯҳи III) мебошад.

Ҳамин тариқ, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба буққачаҳои гурӯҳи II миқдори баланди равған ва сафеда, инчунин миқдори минималии намӣ, дар буққачаҳои гурӯҳи III миқдори нисбатан баланди таносуби равған ба сафеда ва хокистар, ба буққачаҳои гурӯҳи I бошад, намнокӣ ва таркиби моддаҳои хушк хос буд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки равғани дохилии буққачаҳои таҷрибавию назоратӣ ҳамчун таҳлили биокимиёвии устувор ва барои истеъмол (махсусан дар гурӯҳҳои II ва III) мутобиқ мебошанд.

Миқдор ва тақсимоти равған дар организми чорвои калони шохдор нафақат ба сифати гӯшт, хусусиятҳои кулинарӣ, балки ба арзиши иқтисодии он таъсири калон мерасонад. Муайян намудани таносуби равған дар тана ва равғани дохилии чорво имконият медиҳад, ки ба ҳолати физиологӣ ва хусусиятҳои фарбеҳшавии чорво баҳо диҳад.

Натиҷаи омӯзиши муқоисавии равғани дохилии 3 гурӯҳи буққачаҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ дар ҷадвали 3.23 оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.23. - Тақсимоти равған дар бадани буққачаҳои 20-моҳа**

| Нишондодҳо | Воҳиди ченак | Гурӯҳ, $\overline{X} \pm S\overline{x}$ | | |
|---|---|---|---|---|
| | | I | II | III |
| Равғани тана | кг | 9,50 ± 0,13 | 11,96 ± 0,36 | 15,52 ± 0,34 |
| | % | 46.04 | 29.22 | 58.08 |
| Равғани дохилӣ | кг | 11,13 ± 0,74 | 18,0 ± 1,02 | 11,20 ± 0,68 |
| | % | 53,96 | 70,77 | 41,92 |
| Ҳамагӣ: | кг | 20,63 ± 0,81 | 29,96 ± 1,06 | 26,72 ± 0,78 |
| | % | 100 | 100 | 100 |
| Ба ҳисоби % ба вазни зиндаи пеш аз забҳшуда: | | | | |
| Равгани тана | | 3,02 | 3,15 | 4,00 |
| Равғани дохилӣ | | 3,54 | 4,74 | 2,88 |
| Равғани умумӣ | | 6,55 | 7,88 | 6,89 |

Аз нишондодҳои ҷадвали 3.23. бармеояд, ки вазни мутлақи равған дар танаи буққачаҳои гурӯҳи III -15,52 кг, ки 58,08%-и миқдори умумии равғани дар организм бударо ташкил медиҳад. Дар гурӯҳи II ин нишондиҳандаи нисбатан

пастар - 11,96 кг (29,22%) ва дар гурӯҳи I - 9,50 кг (46,04%) буд. Ҳамин тариқ, дар буққачаҳои гурӯҳи III таҳшиншавии равған дар пӯст ва байни мушакҳо ба амал меояд, ки ба мармарии ва тамъи гӯшт таъсир мерасонад.

Вазни зиёди мутлақ ва нисбии равғани дохилӣ дар гурӯҳи II - 18,0 кг буда, аз миқдори умумии равған 70,77%, дар гурӯҳҳои I ва III бошад, мутаносибан, - 11,13 кг (53,96%) ва 11,20 кг (41,92%)-ро ташкил намуданд. Ин нишон медиҳад, ки тенденсияи паҳншаваии равған дар буққачаҳои гурӯҳи II, аз ҳолати физиологӣ ва шароити хӯронидани онҳо вобаста аст.

Миқдори умумии равған дар организми буққачаҳои гурӯҳи II - 29,96 кг, гурӯҳи III - 26,72 кг ва дар гурӯҳи I -20,63 кг- ро ташкил намуданд, ки ин нишондод дар буққачаҳои гурӯҳи II нисбат ба ҳамсолон, паҳншавии равған зиёдтар буда, ин интесивнокии фарбеҳ шудани буққачаҳоро нишон медиҳад.

Нисбатан баландтарин вазни хоси равғани тана, ба ҳисоби вазни зиндаи пеш аз забҳшуда, дар буққачаҳои гурӯҳи III - 4,00 %, дар гурӯҳҳои I ва II мутаносибан - 3,02 ва 3,15%-ро ташкил намуд.

Вазни равғани дохилӣ бошад, нисбатан баланд дар буққачаҳои гурӯҳи II - 4,74 % ва нисбатан пастар дар гурӯҳи III - 2,88% мебошад. Миқдори равғани умумӣ ба ҳисоби % ба вазни зиндаи пеш аз забҳшуда: нисбатан баландтар дар буққачаҳои гурӯҳи II - 7,88 %, гурӯҳи III - 6,89 ва нисбатан паст дар гурӯҳи I - 6,55% мушоҳида карда шудааст.

Ҳамин тариқ муайян карда мешавад, ки тақсимоти равған дар бадани буққачаҳои 20-моҳа нисбат ба вазни зинда, дар буққачаҳои гурӯҳи II мебошад, ки ба онҳо вазни баландтари равғани дохилӣ хос мебошад, дар гурӯҳи III миқдори нисбатан баландтари равған дар тана мавҷуд аст, ки ин ба хусусиятҳои тиҷоратии гӯшт таъсири мусби мерасонад. Дар буққачаҳои гурӯҳи I бошад, дар ҳамаи таҳлили нишондиҳандаҳои бадастомада мавқеи миёнаро ишғол менамояд.

### 3.8.3. Арзиши энергетикии маҳсулоти асосии гӯштӣ

Арзиши энергетикӣ асосан аз рӯи сифати гӯшт ва аз таркиби равған вобаста буда, дар он назар ба сафедаҳо ва карбогидратҳо энергия бештар

захира карда мешавад. Арзиши энергетикӣ дар асоси маълумоти таҳлили химиявии маҳсулоти забҳшуда ҳисоб карда шуд (ҷадвали 3.24).

Аз маълумоти ҷадвали 3.24. бармеояд, ки аз ҷиҳати арзиши энергетикии нишондиҳандаҳои таҳқиқшуда дар 1 кг гӯшти лаҳм дар байни буққачаҳои генотипҳои гуногун амалан тафовути ҷиддӣ ба назар намерасид, гарчанде умуман арзиши энергетикии гӯшти лаҳм дар чорвои калони сергӯшти типи тоҷикӣ ва баъд аз онҳо дурагаҳо нисбат ба ҳамсолони чорвои маҳаллӣ хеле зиёд буд.

Бо вуҷуди ин, арзиши энергетикии 1 кг гӯшти лаҳми танаи буққачаҳои гурӯҳи III - 7,01 МҶ ва гурӯҳи II - 6,86 МҶ ташкил дода, назар ба ҳамсолони чорвои маҳаллӣ (6,83) баландтар буд.

**Ҷадвали 3.24. - Арзиши энергетикии маҳсулоти забҳи буққачаҳо, МҶ**

| Нишондод | Гурӯҳ, ($\overline{X} \pm S\bar{x}$) | | |
|---|---|---|---|
| | I | II | III |
| 1 кг гӯшти лаҳми тана | 6.83 | 6.86 | 7.01 |
| Гӯшти лаҳми умумии тана | 852.28 | 1025.29 | 1129.73 |
| 1 кг равғани дохилӣ | 34.56 | 36.01 | 33.50 |
| Равғани умумии дохилӣ | 383.54 | 648.18 | 375.2 |
| Гӯшти лаҳми тана бо равғани дохилӣ | 1235.72 | 1673.47 | 1504.99 |
| Гӯшти лаҳми тана бо чарбу ба 100 кг вазни зиндаи пеш аз забҳ | 392.70 | 440.39 | 387.88 |

Арзиши энергетикии маҳсулоти забҳшуда дар маҷмӯъ дар гӯшти лаҳми умумии тана дар буққачаҳои гурӯҳи III (1129,73) нисбат ба гурӯҳҳои I ва II мутаносибан ба миқдори 277,45 ва 104,44 МҶ зиёд буд.

Дар буққачаҳои гурӯҳи II дар 1 кг равғани дохилӣ - 36,01 МҶ ва дар гурӯҳи I - 34,56 МҶ, дар гурӯҳи III бошад, нисбатан камтар - 33,50МҶ-ро ташкил намуд.

Гӯшти лаҳми тана бо равғани дохилӣ нисбатан зиёд дар буққачаҳои гурӯҳи II муайян кард шуд, ки он -1673,47 МҶ-ро ташкил менамояд.

Гӯшти лаҳми тана бо чарбу бошад, ба 100 кг вазни зиндаи пеш аз забҳ дар буққачаҳои гурӯҳи II муайян кард шуд (440,39 МҶ).

Ҳамин тариқ, арзиши энергетикии гӯшти лаҳми танаи умумии буққачаҳои таҷрибавии типи тоҷикӣ ва дурагаҳои онҳо назар ба ҳамсолони чорвои маҳаллӣ баландтар буд.

Тавсифи моддаҳои ғизоии маҳсулоти забҳи қисми истеъмолии танаи буққачаҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ бо арзиши энергетикӣ муайян карда мешавад, ки натиҷаи он дар ҷадвали 3.25. нишон дода шкдааст.

Чуноне, ки маълумотҳои ҷадвали 3.25. нишон медиҳад, арзиши энергетикии қисми гӯшти танаи буққачаҳои гурӯҳҳо хеле баланд буданд.

Аз нишондодҳои ҷадвал маълум мегардад, ки вазни зиндаи пеш аз забҳ дар буққачаҳои гурӯҳи III (388,0 кг) нисбат ба гурӯҳи I (314,67 кг) ба миқдори 74 кг ва нисбат ба гурӯҳи II (380,0 кг) ба миқдори 8 кг бартари дошт.

**Ҷадвали 3.25.- Миқдори моддаҳои ғизоӣ дар қисми истеъмолии тана ва арзиши энергетикии он дар буққачаҳои 20-моҳа**

| Нишондод | | Гурӯҳ, ($\overline{X} \pm S\overline{x}$) | | |
|---|---|---|---|---|
| | | I | II | III |
| Вазни зиндаи пеш аз забҳ, кг | | 314,67 | 380,0 | 388,0 |
| Миқдори дар тана мавҷуд буда, кг | сафеда | 26.26 | 32.60 | 33.05 |
| | равған | 10.85 | 11.78 | 14.42 |
| Миқдор дар як кг, вазни зинда, % | сафеда | 83 | 86 | 85 |
| | равған | 34 | 31 | 37 |
| Арзиши энергетикӣ, МҶ | | | | |
| Ҳамагӣ дар тана | | 852,18 | 1025,29 | 1129,0 |
| Ба 1 кг вазни зинда | | 2,71 | 2,70 | 2,91 |

Миқдори нисбатан зиёди сафеда дар танаи буққачаҳои гурӯҳи III - 33,05 % буда, ин нишондод дар гурӯҳҳои II ва I нисбатан пастар - 32,60 ва 26,26 %-ро ташкил намуд.

Миқдори равған бошад, дар танаи буққачаҳои гурӯҳи III - 14,42 кг буда, нисбат ба танаи буққачаҳои гурӯҳҳои I ва II мутаносибан ба миқдори 3,75 кг ва 2,64 кг бартарӣ дошт.

Инчунин, дар 1 кг вазни зиндаи буққачаҳо миқдори сафеда дар гурӯҳи II – 86,0 %, гурӯҳи III – 85,0 % ва дар буққачаҳои гурӯҳи I нисбатан камтар буда, 83,0 %-ро ташкил намуд. Миқдори равған бошад, дар 1 кг вазни зиндаи буққачаҳои гурӯҳи III - 37,0% буда, дар гурӯҳи I - 34% ва миқдори нисбатан ками равған дар буққачаҳои гурӯҳи II - 31% -ро ташкил намуд.

Арзиши энергетикӣ дар танаи буққачаҳои гурӯҳи III - 1129,0 МҶ ё ин ки ба 1кг вазни зинда 2,91МҶ баробар буда, ин нишондод дар буққачаҳои гурӯҳи II -1025,29 МҶ (2,70) ва миқдори нисбатан ками он дар буққачаҳои гурӯҳи I - 852,18 (2,71) муайян карда шудааст.

Ҳамин тариқ аз таҳлили ин нишондодҳо маълум мегардад, ки миқдори моддаҳои ғизоӣ дар қисми истеъмолии гӯшти тана (миқдори сафеда ва равған) ва арзиши энергетикӣ дар буққачаҳои гурӯҳи III зиёд буда, доир ба ин нишондодоҳо нисбат ба ҳамсолони дурага ва маҳаллӣ, бартарӣ доштанд.

### 3.8.4. Баромад ва рушди узвҳои дохилии буққачаҳо

Аҳамияти амалии омӯзиши баромад ва рушди узвҳои дохилии буққачаҳо аз он иборат аст, ки андозаи маҳсулоти иловагӣ, асосан арзиши онҳо, сифати тиҷоратӣ ва инчунин ҷамъшавии мубодилаи моддаҳоро дар организми чорво муайян менамояд.

Корҳои илмию тадқиқотӣ доир ба омӯзиши рушди ва вазни узвҳои дохилии буққачаҳои таҷрибавию назоратӣ ва категорияи онҳо омӯхта шуданд. (ҷадвали 3.26.).

Чӣ хеле, ки дар ҷадвал 3.26. нишон дода шудааст, ба категорияи I вазни узвҳои дарунии буққачаҳо: ҷигар, гурдаҳо, забон, дил, диафрагма ва дум дохил мешаванд, ки ин нишондодҳо дар буққачаҳои гурӯҳи III нисбат ба гурӯҳҳои I ва II зиёдтар буда 12,27 кг-ро ташкил намудааст ва аз ҳисоби вазни зиндаи пеш аз забҳ - 3,16 %-ро ташкил дод, ки ин нишондодҳо дар буққачаҳои гурӯҳҳои I ва II мутаносибан 10,45 кг (3,32%) ва 11,69 кг (3,07%) буданд.

<u>Ҷигар.</u> Вазни нисбатан калони ҷигар дар буққачаҳои гурӯҳи III -5,90 кг буда, вазни нисбатан пасттари он дар буққачаҳои гурӯҳи I - 4,60 кг муайян карда шуд.

<u>Гурдаҳо.</u> Вазни гурдаҳои буққачаҳои гурӯҳи III 1,20 кг-ро ташкил намуда, аз ҳамсолони гурӯҳи I ба миқдори 0,55 кг (48,8%) ва нисбат ба гурӯҳи буққачаҳои гурӯҳи II ба миқдори 0,23 кг (19,2%) бартарӣ дошт.

<u>Дил.</u> Чӣ хеле, ки маълум аст, вазифаи асосии дил аз фаъолияти материи он иборат аст. Аз таҳлилҳо маълум гардид, ки вазни дил дар буққачаҳои таҷрибавию

назоратӣ якхела набуданд. Вазни нисбатан баланди дил дар гурӯҳи III - 1,47 кг ва нисбатан пасттар дар buққачаҳои гурӯҳи I -1,18 кг муайян карда шудааст.

**Ҷадвали 3.26. - Вазни мутлақи узвҳои дохилии buққачаҳо, кг**

| Нишондод | Гурӯҳ, ( $\overline{X} \pm S\overline{x}$) | | |
|---|---|---|---|
| | I | II | III |
| Категорияи I | | | |
| Вазни зиндаи пеш аз забҳ, кг | 314,67 ± 6,11 | 380,0 ± 4,24 | 388,20 ± 3,78 |
| Ҷигар, кг | 4,60 ± 0,08 | 5,22 ± 0,06 | 5,90 ± 0,05 |
| Гурдаҳо, кг | 0,65 ± 0,02 | 0,97 ± 0,03 | 1,20 ± 0,05 |
| Забон, кг | 2,10 ± 0,12 | 1,78 ± 0,08 | 1,23 ± 0,03 |
| Дил, кг | 1,18 ± 0,07 | 1,44 ± 0,04 | 1,47 ± 0,02 |
| Диафрагма, кг | 1,37 ± 0,03 | 1,45 ± 0,08 | 1,47 ± 0,10 |
| Дум, кг | 0,58 ± 0,04 | 0,83 ± 0,03 | 1,00 ± 0,05 |
| Ҳамагӣ маҳсулоти иловагии категорияи 1, кг | 10,45 ± 0,78 | 11,69 ± 0,43 | 12,27 ± 0,53 |
| Ба % ҳисоби вазни зиндаи пеш аз забҳ | 3,32 | 3,07 | 3,16 |
| Категорияи II | | | |
| Ишкамба, кг (рубец) | 6,98 ± 0,12 | 6,63 ± 0,31 | 6,97 ± 0,40 |
| Ҳазорхона | 3,05 ± 0,10 | 3,00 ± 0,06 | 3,07 ± 0,10 |
| Турмеъда, кг | 1,02 ± 0,03 | 1,08 ± 0,04 | 1,00 ± 0,05 |
| Ширдон | 1,17 ± 0,03 | 1,22 ± 0,06 | 1,20 ± 0,08 |
| Испурч, кг | 0,75 ± 0,02 | 1,12 ± 0,04 | 1,53 ± 0,05 |
| Шуш бо хирной, кг | 2,50 ± 0,05 | 2,82 ± 0,15 | 3,53 ± 0,10 |
| Калла, кг | 17,93 ± 0,99 | 19,43 ± 0,57 | 22,9 ± 0,48 |
| Пойҳо, кг | 6,63 ± 0,03 | 6,89 ± 0,12 | 8,04 ± 0,16 |
| Ҳамагӣ маҳсулоти иловагии категорияи II, кг | 40,04 ± 0,13 | 42,19 ± 0,88 | 48,24 ± 0,33 |
| Ба % ҳисоби вазни зиндаи пеш аз гӯшт супурда шуда | 12.72 | 11.10 | 12.43 |

Диафрагма. Вазни нисбатан баландтари диафрагма дар buққачаҳои гурӯҳи гурӯҳи III, ки 1,47 кг буда, вазни нисбатан пасти он дар buққачаҳои гурӯҳи I -1,37 кг мушоҳида карда мешавад.

Ба нишондиҳандаҳои категорияи II бошад, чунин нишондодҳо : ишкамба, ҳазорхона, тӯрмеъда, ширдон, рӯдаҳо, испурч, шуш бо хирной, калла ва пойҳо дохил мешаванд, ин нишондодҳо дар buққачаҳои гурӯҳи III нисбат ба гурӯҳҳои I ва II вазнинтар буда, ҳамагӣ 48,24 кг ва 12,43 %-и вазни пеш аз забҳро ташкил намуданд.

Дар ин нишондодҳои узвҳои дарунии buққачаҳои таҷрибавию назоратӣ фарқияти ҷиддӣ дида нашудааст.

Ишкамба. Чӣ хеле, ки аз нишондоди ҷадвал маълум мегардад, вазни ишкамба нисбат ба дигар узвҳои дарунии организами буққачаҳо вазнинтар буда, дар буққачаҳои гурӯҳҳои таҷрибавияю назоратӣ фарқияти кам дорад.

Масалан, вазни ишкамба дар буққачаҳои гурӯҳи I - 6,98 кг, гурӯҳи III - 6,97 ва дар гурӯҳи II бошад, нисбатан камтар буда, 6,63 кг-ро ташкил намуд.

Ҳазорхона. Дар байни буққачаҳои таҷрибавию назоратӣ дар вазни ҳазорхона фарқият ҷидди дида намешавад, ки дар буққачаҳои гурӯҳи I ин нишондод - 3,05 кг, гурӯҳи II - 3,00 кг ва дар гурӯҳи III бошад, 3,07 кг-ро ташкил намуд.

Шуш бо хирной. Шуш бо хирной ҳамчун узви нафаскашӣ ҳисобида шуда, вазни нисбатан зиёди он дар буққачаҳои гурӯҳи III - 3,53 кг-ро ташкил намуд ва нисбат ба гурӯҳҳои I ва II мутаносибан ба миқдори 1,03 кг ва 0,71 кг вазнинтар, мушоҳида карда мешавад.

Калла. Вазни калла дар буққачаҳои гурӯҳи III нисбатан вазнинтар буда, 22,9 кг-ро ташкил намуд, ки нисбат ба буққачаҳои гурӯҳи I - ба миқдори 21,07% ва гурӯҳи II ба миқдори 15,2% бартарӣ дошт.

Пойҳо. Нишондиҳандаҳои пойҳо бошад, вазни зиёд дар буққачаҳои гурӯҳи III - 8,04 кг ва вазни пасттар дар буққачаҳои гурӯҳи I- 6,63 кг муайян карда шуданд.

Ин маълумотҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки узвҳои асосии дохилӣ инкишофи мӯътадил доштанд ва дар айни замон дар чорвои таҷрибавӣ баъзе тафовути генотипӣ муқаррар карда шудаанд.

Таҳлили узвҳои дарунӣ нишон медиҳад, ки буққачаҳои ҳамаи гурӯҳҳо инкишофи мӯътадили худро доштанд, ки ин фаъолияти қаноатбахши ҳаёт ва зуҳуроти генотипҳои потенсиали генетикии хоси онҳоро барои маҳсулнокӣ таъмин намуд.

## 3.9. Нишондиҳандаҳои миқдорию сифатии пӯст ва чарми тайёри буққачаҳо

### 3.9.1 Баҳодиҳии муқоисавии пӯсти буққачаҳои генотипҳои гуногун

Омӯхтани хусусиятҳои пӯст ва нахи муйҳои чорвои таҷрибавӣ дар шароити минтақаи баландкӯҳ мароқи калон дорад.

Хусусиятҳои чунин ҳосилаҳои пӯст, монанди оби бадан (рутубати, ғадудҳои равған ва болопӯши мӯй имкон медиҳанд, ки дараҷаи мутобиқшавии чорво дар шароити нави экологии парвариш, самаранокии ташкили ҷуфтикунонии байнизотии зотҳои гӯштии саноатӣ барои мустаҳкам намудани захираҳои гӯшт, зиёд намудани потенсиали генетикии чорвои парваришёбанда ва васеъ намудани онҳо хусусан дар минтақаҳои доманакӯҳ ва кӯҳсор муайян карда шавад (Д.М.Ахмедов, 2023; Х.Х.Рофизода ва дигарон 2023). Хусусиятҳои молию -технологии пусти буқачаҳои генотипҳои гуногун дар ҷадвали 3. 27 оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.27. - Хусусиятҳои молию -технологии пусти буққачаҳои генотипҳои гуногун**

| Нишондодҳо | Воҳиди ченак | Гурӯҳ | | |
|---|---|---|---|---|
| | | I | II | III |
| Вазни зиндаи пеш аз забҳ | кг | 314,7±8,6 | 380,0±4,24 | 388,0±3,78 |
| Вазни пӯсти намнок | кг | 27,2±0,75 | 23,17±1,02 | 31,50±0,17 |
| Баромади пӯст | % | 8,65 | 6,10 | 7,60 |
| Масоҳати умуми пӯст | $дм^2$ | 245,8 | 290,4 | 334,0 |
| Дарозии пӯст | м | 1,60±0,01 | 1,76±0,04 | 1,91±0,02 |
| Паҳноии пӯст | м | 1,53±0,09 | 1,65±0,06 | 1,75±0,03 |
| Ғафсӣ дар қабурғаҳо | мм | 6,0±0,05 | 5,3±0,02 | 5,5±0,04 |
| Ғафсӣ дар оринҷҳо | мм | 4,0±0,02 | 3,6±0,03 | 3,8±0,01 |
| Ғафсӣ дар кос | мм | 6,2±0,06 | 6,0±0,03 | 6,4±0,01 |
| Ғафсии миёна | мм | 5,40 | 4,97 | 5,21 |

Дар баробари ин, хусусиятҳои гистологии муйҳои буққачаҳои типи тоҷикӣ, дурагаҳо ва маҳаллӣ омӯхта шуданд. Маълумот дар бораи гистоструктураи пӯсти буққачаҳои таҷрибавӣ дар ҷадвали 3.28 оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.28. - Сохтори гистологии пӯсти буққачаҳои таҷрибавӣ($\bar{X} \pm S\bar{x}$)**

| Гурӯҳ | Синну сол, моҳ | Ғафсии пӯст, мкм ($\bar{X} \pm S\bar{x}$) | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | умумӣ, микрон | аз ҷумла | | |
| | | | эпидермис | қабати пилярӣ | қабати ретикулярӣ |
| I | 12 | 2835,1 ± 151,2 | 35,0 ± 1,70 | 1081,6 ± 72,5 | 1718,5 ± 78,9 |
| | 18 | 4692,7 ± 174,4 | 48,3 ± 1,53 | 1316,7 ± 114,5 | 3327,7 ± 155,5 |
| II | 12 | 2881,7 ± 189,4 | 41,7 ± 6,12 | 1120,0 ± 195,6 | 1720,0 ± 86,3 |
| | 18 | 4732,9 ± 210,3 | 47,9 ± 4,10 | 1290,0 ± 149,4 | 3395,0 ± 73,4 |
| III | 12 | 2876,0 ± 312,0 | 33,6 ± 5,72 | 1199,5 ± 292,2 | 1642,9 ± 77,9 |
| | 18 | 4868,4 ± 240,0 | 47,9 ± 3,63 | 1242,7 ± 214,6 | 3577,8 ± 92,8 |

Дар синни 12-моҳагӣ ғафсии пӯсти умумӣ дар буққачаҳои гурӯҳи III - 2835,1 мкм, дар гурӯҳи II -2881,7 ва дар гурӯҳи III бошад, 2876,0 мкм - ро ташкил намуданд. Дар синни 20-моҳагӣ зиёд шудани ғафсии пӯст дар буққачаҳои гурӯҳи I ба миқдори 1857,6 мкм ё ин ки 39,6%, дар гурӯҳи II - 1851,2 мкм (39,1%) ва гурӯҳи III - 1992,4 (40,9%) рост омад.

Инчунин нисбатан ғафсии пӯсти эпидермисӣ ва пилярӣ дар гурӯҳи I дар синни 20-моҳагӣ муайян карда шуд, ки онҳо - 48,3мкм ва 1316,7 мкм-ро ташкил доданд, қабати ретикулярӣ бошад, дар синни 20-моҳагӣ – 3577,8 мкг-ро ташкил намуд.

Дар механизми терморегуляция дар баробари пӯст аппарати ғадудҳо ва хати мӯй нақши ҳалкунанда мебозанд (Ҷадвали 3.29).

**Ҷадвали 3.29 - Хусусиятҳои инкишофи аппарати ғадудҳои пӯсти буққачаҳои таҷрибавӣ, ($\overline{X} \pm S\overline{x}$)**

| Гено-тип | Синну сол, моҳ | Ғадудҳои ихроҷи оби бадан (арақ) | | | Ғадудҳои ихроҷи равғани бадан | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | миқдор, ба 1 мм $^2$ | амиқ | диаметр | миқдор, ба 1 мм $^2$ | амиқ | диаметр |
| I | 12 | 25,8 ±0,89 | 741,3±106,9 | 76,3 ±8,57 | 28,5 ±0,91 | 433,7±25,9 | 65,1 ± 3,92 |
| | 18 | 23,3 ±2,34 | 151,6±64,8 | 96,1 ±1,13 | 22,7 ±0,90 | 520,1±23,3 | 80,1 ± 0,42 |
| II | 12 | 23,4±1,75 | 1001,0±75,2 | 80,0±9,52 | 23,1±0,40 | 550,0±87,3 | 61,2 ± 8,60 |
| | 18 | 23,3±1,87 | 1170,1±37,0 | 105 ±9,30 | 24,0±0,50 | 489,1±32,4 | 83,1 ± 6,30 |
| III | 12 | 23,9 ±1,58 | 1019,1±80,9 | 83,0±11,71 | 24,9± 2,66 | 609,2±113,3 | 63,3 ± 7,62 |
| | 18 | 23,1±1,89 | 1171,0±16,2 | 110,6±12,80 | 25,0±0,56 | 556,5±47,7 | 85,7 ± 7,50 |

Дар буққачаҳои типи тоҷикӣ дар синни 12- моҳагӣ, дар 1мм$^2$ майдон миқдори ғадуди ихроҷи оби бадан 25,8 қайд карда шуд, дар ҳоле ки дар чорвои маҳаллӣ 23,9 ва дар дурага 23,4 буд.

Ҳолати шабеҳ дар ин давра дар онҳо аз рӯи миқдори ғадудҳои равған мушоҳида мешавад (гурӯҳи II - 23,1; гурӯҳи III - 24,9), аммо дар синни 18-моҳагӣ фарқияти назаррас дар байни гурӯҳҳо муқаррар карда нашуда, фарқияти мавҷуда аз ҷиҳати оморӣ эътимоднок нест.

Аён аст, ки ба гармӣ тобоварӣ ва терморегулятсияи чорво ба ғайр аз

миқдори ғадудҳои зиёд дар як воҳиди майдон ба фаъолияти онҳо хеле таъсири зиёд мерасонад. Дар баробари ин, дар байни чорвоҳои хусусан гурӯҳҳои I ва III аз ҷиҳати миқдор ва сохтори муйҳо тафовут мавҷуд аст (ҷадвали 3. 30 ).

Муайян карда шуд, ки зичии муй дар ҷавонаҳо назар ба чорвои калон хеле зиёд аст. Буққачаҳои 12-моҳаи типи тоҷикӣ дар ҳар воҳиди сатҳи пӯст назар ба ҳамсолони маҳаллии худ 254 дона зиёд пашм доштанд ва то 18-моҳагӣ, ки ба фасли тобистон рост омад, дар буққачаҳои ҳар се гурӯҳ зичии муй кам шуд.

**Ҷадвали 3.30 -Хусусиятҳои муқоисавии нахи мӯйи буққачаҳои таҷрибавӣ**

| **Нишондод** | **Гурӯҳ, синну сол ($\overline{X} \pm S\bar{x}$)** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **I** | | **II** | | **III** | |
| Синну сол, моҳ | 12 | 18 | 12 | 18 | 12 | 18 |
| Миқдори мӯйҳо дар 1 см² масоҳати пӯст, дона | 1907 ± 98,1 | 16,18 ± 273,8 | 1800 ±260,4 | 1600 ± 160,4 | 1653 ± 221,4 | 16,31 ± 158,7 |
| Вазни мӯй аз 1 см² масоҳати пӯст, мг | 109,3 ± 7,3 | 17,6 ± 4,2 | 93,4 ± 8,4 | 26 ± 3,71 | 44,5 ± 9,2 | 30,1 ± 1,55 |
| Дарозии миёнаи мӯй, см | 4,07 ± 0,22 ± | 1,27 ± 0,46 | 3,08 ± 0,35 | 1,40 ± 0,10 | 2,41 ± 0,4 | 1,50 ± 0,12 |
| Ғафсии мӯй, микрон: | | | | | | |
| Тибит | 19,43 ± 0,69 | 31,35 ± 0,66 | 18,60 ± 1,10 | 32,35 ± 1,10 | 18,5 ± 1,38 | 33,0 ± 1,32 |
| Гузаранда | 29,13 ± 1,27 | 49,85 ± 0,63 | 28,4 ± 0,35 | 48,1 ± 3,10 | 27,9 ± 0,65 | 47,1 ± 3,42 |
| Қил | 61,7 ± 5,60 | 73,95 ± 1,50 | 58,6 ± 6,10 | 74,6 ± 2,10 | 57,4 ± 5,67 | 75,3 ± 3,26 |
| Ба ҳисоби миёна | 36,76 ± 1,83 | 52,7 ± 0,80 | 35,2 ± 1,95 | 51,7 ± 1,84 | 34,6 ± 2,19 | 51,8 ± 1,93 |
| Таркиби мӯй, % | | | | | | |
| Тибит | 48,0 ± 11,2 | 15,7 ± 8,8 | 51,0 ± 6,85 | 10,0 ± 6,40 | 52,3 ± 6,9 | 8,3 ± 2,27 |
| Гузаранда | 23,3 ± 16,8 | 37,7 ± 8,9 | 23,9 ± 7,95 | 33,5 ± 7,90 | 24,7 ± 3,56 | 28,7 ± 6,6 |
| Қил | 28,7 ± 5,75 | 46,6 ± 14,2 | 25,1 ± 4,93 | 56,5 ± 4,8 | 23,0 ± 3,67 | 63,0 ± 4,3 |

